DCAF LEGAL PROGRAMMES

БАРНОМАҲОИ ҲУҚУҚИИ НДКМ

# Кодекси одоби марбут ба ҷанбаҳои низомӣ-сиёсии амният: тафсири қисмҳои VII ва VIII

(назорати демократӣ ва истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ)

Виктор-Ив Гебали

The Geneva Centre for
the Democratic Control
of Armed Forces

**Виктор-Ив Гебали**

**МАРКАЗИ НАЗОРАТИ ДЕМОКРАТИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ ДАР ЖЕНЕВА**

**НДҚМ – Ҳуҷҷати рақами 3**

# КОДЕКСИ ОДОБИ МАРБУТ БА ҶАНБАҲОИ НИЗОМӢ-СИЁСИИ АМНИЯТ: ТАФСИРИ ҚИСМҲОИ VII ВА VIII (НАЗОРАТИ ДЕМОКРАТӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ)

**ЖЕНЕВА, ФЕВРАЛИ с. 2003**

**Ҳуҷҷатҳои НДҚМ**

*Ҳуҷҷатҳои НДҚМ* ин намунаҳои сарчашмаҳо ва тадқиқотҳо барои мусоидат дар пешбурди муҳокимаи мавзӯъҳои муносибатҳои низомӣ-граҷданӣ ва назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ ва мақомоти амният мебошанд. Ин ҳуҷҷатҳо аз ҷониби Маркази назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ дар Женева пешниҳод гардидаанд.

Андешаҳои муаллиф, ки дар мақола баён гардидаанд, нуқтаи назари расмии НДҚМ-ро инъикос намекунанд.

Ҳуҷҷатҳои НДҚМ барои истифодабарӣ дар шакли иқтибос бе иҷозати муаллиф, инчунин Маркази Женева пешбинӣ нашудаанд.

**Чанд сухан дар бораи муаллиф**

Виктор-Ив Гебали – профессори сиёсатшиносӣ дар Донишкадаи муносибатҳои байналмилалӣ дар ш. Женева, Швейтсария. Тамоюлоти академии вай тадқиқотҳоро доир ба мавзӯъҳое чун Лигаи Миллатҳо, СММ, муносибатҳои Ғарб-Шарқ, минтақаи Баҳри Миёназамин ва ақаллиятҳои миллиро дар бар мегиранд. + роҳбари илмии мақолаҳои «Меҳварҳо», «Ташкилотҳои байналмилалӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ» мебошад, инчунин Гурӯҳи ташхисии САҲА-ро роҳбарӣ менамояд. Ба рӯйхати нашрияҳои ӯ ҳамчунин тадқиқоти *Дипломатияи мусолиҳа* ва *САҲА дар Аврупои пасокоммунистӣ* дохил мешавад.

## Қайди муҳаррир

Интиҳои ҷанги сард, номуайянии рӯзафзун дар соҳаи амният ва ниҳоят, рушди сиёсати мураттаби амният боиси васеъ гардидани консепсияи бунёди эътимод (БЭ) гардид, ки он нақши қувваҳои амниятро дар ҷомеа дар бар гирифт. Баъди хотима ёфтани ҷанг рушди БЭ-консепсия дар минтақаи авроатлантикӣ ҷаҳиши квантӣ аз консепсияи анъанавии ҳарбии БЭ ба тадбирҳои ба ном меъёрӣ ва стандартиву шаклдиҳанда гардид, ки он гуногунии чораҳои мухталифи низомӣ-сиёсиро барои зиёд кардани амнияти минтақавӣ, ба ном «БЭ-и насли чаҳорум» дар бар мегирифт.

Ба ин маънӣ Кодекси одоби САҲА, ки ба ҷанбаҳои низомӣ-сиёсии амният тааллуқ дошта, соли 1994 қабул гардидааст, бинобар баррасӣ шудани консепсияи назорати сиёсии демократии қувваҳои амният дар заминаи тадбирҳои бунёди эътимод аҳамияти махсус дорад.

Ин алалхусус ба қисмҳои VII ва VIII-и Кодекс, ки ҷузъиёти принсипи назорати демократӣ ва истифодабарии қувваҳои мусаллаҳро равшан менамоянд, дахл дорад. Аз давраҳои ҷанги сард назорати демократӣ ва истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ яке аз шартҳое гардид, ки мутобиқи онҳо демократия барои шомил шудан ба ҳайяти ташкилотҳои аврупоӣ ва авро-атлантикӣ бояд ҳамзист бошад. Ғайр аз САҲА ташкилотҳои аврупоӣ ва авро-атлантикӣ Кодекси одобро ҳамчун истинод барои муайян намудани принсипҳои назорати демократӣ ва истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ мавриди амал қарор медиҳанд.

Вобаста ба шартҳои бамиёномада, НДҚМ Гурӯҳи ташхисии САҲА ва Донишкадаи муносибатҳои байналмилалиро даъват намуд, ки лоиҳаро оид ба Кодекси одоб амалӣ намоянд. Дар доираи лоиҳа профессор Виктор-Ив Гебали, яке аз коршиносони барҷастаи САҲА, нахустин тафсири банд ба бандро оид ба мавзӯи «Кодекси одоб» навишт, ки он дере нагузашта нашр гардида, бо таҳлили маълумоти вобаста ба Кодекс таъмин карда шуд. Бо назардошти бамаврид будани Кодекс барои мубоҳиса вобаста ба масоили назорати демократӣ, НДҚМ қарор дод, ки ҳамчун ҳуҷҷати алоҳида он қисмҳои тафсирро, ки бевосита ба қисмҳои VII ва VIII-и Кодекси одоб вобастаанд, интишор кунад. Ҳамин тавр, мо умед бар он мебандем, ки ба татбиқи назариявӣ

ва амалии принсипи назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ дар минтақаи авро-атлантикӣ ва берун аз он саҳмгузор бошем.

Хайнер Хенгги*

* Доктор Хайнер Хенгги ҷонишини директор буда, донишкадаи тадқиқотии назди Маркази назорати демократии қувваҳои мусаллаҳро дар Женева сарварӣ мекунад.

# МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА БА ТАФСИР ........................................................................ 9
МУНДАРИҶАИ КОДЕКСИ ОДОБ МАРБУТ БА ҶАНБАҲОИ НИЗОМӢ-СИЁСИИ АМНИЯТ ........................................................................ 25
ҚИСМИ VII: НАЗОРАТИ ДЕМОКРАТИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ .......... 28
Параграфи 20: Асосноккунии назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ ......... 31
Параграфи 21: Волоияти ҳокимиятҳои ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфтаи қонунияти демократӣ дошта, ки нисбати қудрати ҳарбӣ афзалият дорад ........ 36
Параграфи 22: Ба тариқи қонунӣ иҷозат додан ва маҳдуд кардани шаффофият ва дастрасии ошкоро ба маълумот оид ба хароҷот барои мудофиа. .................. 39
Параграфи 23: Нейтралитети сиёсии қувваҳои мусаллаҳ ва ҳуқуқҳои граҷдании ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ. ........................................ 41
Параграфи 24: Тадбирҳо оид ба пешгирии истифодабарии тасодуфӣ ё беиҷозати воситаҳои ҳарбӣ. ........................................ 43
Параграфи 25: Роҳ надодан ба арзи вуҷуд кардани қувваҳое, ки ба мақомоти ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфтаи худ ҳисоботдиҳанда нестанд. ........................................ 44
Параграфи 26: Таъмини боздоштани нерӯҳои низомигардонидашуда аз касб кардани қобилиятҳо барои иҷро кардани вазифаҳои ҳарбии берун аз қолабе, ки бо ин мақсад ин қувваҳо таъсис дода шудаанд. ........................................ 45
Параграфи 27: Амалигардонии ҳуқуқҳои инсон дар ҷараёни ҷалб кардан ё даъват намудани ҳайати шахсӣ ба қувваҳои мусаллаҳона, нерӯҳои низомигардонидашуда ё қувваҳои амнияти дохилӣ. ........................................ 46
Параграфи 28: Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ, аз ҷумла имконияти озод кардан аз хизмат ё гузаштани хизмати ҳарбии алтернативӣ. ........................................ 47
Параграфи 29: Аз тарафи давлатҳо паҳн кардани донишҳо дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии башар ва инъикоси ӯҳдадориҳои худ дар ин соҳа дар барномаҳо ва қоидаҳои таълимии низомӣ. ........................................ 51
Параграфи 30: Шинос кардани ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ бо муқаррароти ҳуқуқи байналмилалии башар, аз ҷумла бохабар кардан дар бораи масъулияти инфиродӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ барои амалҳои худ. 53
Параграфи 31: Масъулияти инфиродии ҳайати фармондеҳӣ, афсарӣ ва қатории қувваҳои мусаллаҳ дар чаҳорчӯбаи қонунгузории миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ. ........................................ 54
Параграфи 32: Амалигардонии ҳуқуқҳои инсон тариқи ҳайати шахсии қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амнияти дохилӣ. ........................................ 56
Параграфи 33: Расмиёти маъмурӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳи он. ........................................ 57
Қисми VIII: Истифодабарии демократии қувваҳои мусаллаҳ. ........................ 58

Параграфи 34: Мутобиқати роҳбарикунӣ, пуррагардонӣ бо ҳайати шахсӣ, омодакунӣ ва таҷҳизи қувваҳои мусаллаҳ ба муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ. ........ 59
Параграфи 35: Мутобиқати сиёсати мудофиавӣ ва доктрина ба ҳуқуқи байналмилалии башар ва Кодекси одоб. ........ 60
Параграфи 36: Аз тарафи давлатҳо фароҳам оварда шудани шароитҳое, ки дар онҳо истифодаи зӯроварӣ барои мақсадҳои дохилӣ бо эҳтиёҷоти мавҷуда дар амалҳои маҷбурӣ мутаносиб аст. ........ 62
Параграфи 37: Манъ кардани истифодаи зӯроварӣ дар корҳои дохилӣ бо мақсади маҳдуд кардани амалигардонии сулҳҷӯёна ва қонунии ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои граҷданӣ ё маҳрум кардани одамон аз ҳувияти инфиродӣ ё коллективона. ........ 68
Сарчашмаҳо ........ 71

# МУҚАДДИМА БА ТАФСИР

Кодекси одоб,[1] ки ба ҷанбаҳои низомӣ-сиёсии амният аз рӯзи ба имзо расидани Шартномаи Хелсинки соли 1975 то ба имрӯз мутааллиқ аст, муҳимтарин ҳуҷҷати меъёрии қабулкардаи давлатҳои аъзои САҲА маҳсуб меёбад. Дар байни ӯҳдадориҳои қабулкардаи САҲА дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои низомӣ-сиёсӣ Кодекс ҷои асосиро ҳадди ақал бо ду сабаб ишщол менамояд. Аввалан, он воситаест, ки тимсолаш дар дигар ташкилотҳои байналмилалӣ мавҷуд нест; онро қиёс кардан чи бо Кодекси одоби шахсони мансабдор оид ба дастгирии расмиёти ҳуқуқӣ (ки аз тарафи Ассамблеяи Генералии СММ соли 1979 бо Қарори 34/169 тасдиқ шудааст) ва чи бо баъзе матнҳои АПША, ба монанди Эъломия дар бораи полис, ки 8 маи соли 1979 дар чорчӯбаи Қарори 690 қабул шудааст ва Тавсияи 1402 оид ба назорати мақомоти амнияти дохилӣ дар давлатҳои узви Шӯрои Аврупо, гумон аст. Сониян, Кодекс ба соҳаи ваколатҳои давлатӣ, ки то ҳол табу ҳисобида мешуданд, чунончи, қувваҳои мусаллаҳ, дахлдор мешавад; аз ин нуқтаи назар Кодекс вакууми меъёриро тариқи пешниҳоди як силсила дастурҳои мураттабкунандаи нақши қувваҳои мусаллаҳ ва истифодабарии онҳо (дар сатҳи дохилӣ ва байналмилалӣ) дар заминаи давлатҳое, ки волояти ҳуқуқ дар он ҷо афзалият дорад, пур мекунад.

2. Кодекси одоб натиҷаи ташаббуси пешниҳодкардаи Фаронса мебошад, ки он созишномаи пан-аврупоиро, ки дар он меъёрҳои мавҷудаи САҲА вобаста карда шудаанд ва ӯҳдадориҳои нави иловагӣ ҳамчун аксуламал ба давлатҳои собиқ Шартномаи Варшава ва давлатҳои нави мустақил ба камбудии амният дар минтақа баъди пош хӯрдани ИҶШС[2] талқин карда шудаанд, инъикос менамояд. Аз эҳтимол

---

[1] Кодекси одоби марбут ба ҷанбаҳои ҳарбӣ-сиёсии амният дар чаҳорчӯбаи Ҷаласа оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (ҶАҲА) қабул гардида, санаи 1 январи соли 1995 аз ҷониби Ташкилоти амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) барқарор карда шуд. Дар тафсири мазкур акроними САҲА, ғайр аз иқтибосҳои расмӣ, ки дар онҳо сухан маҳз дар бораи ҶАҲА меравад, истифода хоҳад шуд. Тафсири мазкур ба Иттиҳоди Аврупо, ки Ҷомеаи аврупоӣ маҳсуб мешуд, истинод меорад.

[2] Дар ҷараёни гузаронидани ҷаласаи дуюми вазоратии САҲА, ки дар шаҳри Праге моҳи январи соли 1992 гузаронида шуд, Фаронса бо пешниҳоди бамаврид будани созишномаи пан-аврупоӣ оид ба амният баромад намуд. Мӯҳтавои пешниҳод ниг. ба ҷаласаи Хелсинкии САҲА (24 март - 8 июли соли 199). Маърӯза аз ҷониби ҳайати Корисолат оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо омода карда шуд. Вашингтон, Корисолат оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (с. 1992), саҳ. 32 – инчунин Дин, Йонатан: «Кодекси одоби САҲА, марбут ба ҷанбаҳои ҳарбӣ-сиёсии амният: ғояи хуб, қаноатмандона амалишаванда ва номутобиқ ба ҳаёт», Ҳисоботи ҳарсолаи САҲА, ҷилди 1-2, 1995-1996, саҳ. 291-297.

дур нест, ки чунин навъи восита аз ҷониби Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва дигар иттифоқчиёни щарбӣ (ба истиснои Олмон) бо сабаби нақши имконпазири он дар заиф кардани ояндаи сиёсии Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) дастгирӣ наёфт.

Дар натиҷаи тақризҳои мусбии марбут ба принсипи меъёрҳои мутааллиқ ба амният дар давраи баъди ҷанги сард, Олмон щояи алтернативии Кодекси одобро ҳамчун воситаи аз ҷиҳати сиёсӣ ӯҳдадоркунанда пешниҳод намуд.

Фаронса ва Олмон бо ташаббуси таҳия намудани Кодекси одоб оид ба муносибатҳо дар самти амнияти байни давлатҳои узви САҲА[3] баромад намуданд. Матни Кодекс, ки дар якҷоягӣ бо 11 кишвари ҳампаймон таҳия гардид, ҳамчун ҳуҷҷати иборат аз се бахши асосӣ баррасӣ карда мешуд:

- тадбирҳое, ки ӯҳдадориҳои мавҷудаи мутааллиқ ба ҷанбаҳои низомӣ-сиёсии амният (алалхусус ӯҳдадориҳои худдорӣ намудан аз таҳдидҳо ё истифодаи қувваҳо) ва истифодаи онҳо дар шакли «меъёрҳои аниқи одоб»-ро тасдиқ мекунанд.

- тадбирҳое, ки меъёрҳои нави инъикоскунандаи ҳамбастагии возеҳи байни муносибатҳои дохилидавлатӣ ва байнидавлатиро муайян мекунанд.

- тадбирҳое, ки ҳадафи онҳо таҳким бахшидан ба қобилияти САҲА дар қабули қарор ва татбиқи он мебошад[4].

Фаронса ва Олмон ҳамчунин пешниҳод намуданд, ки гуфтугӯи том ва ошкоро дар дохили Форуми амният ва ҳамкорӣ (мақомоти тахассусии САҲА оид ба масъалаҳои низомӣ-сиёсӣ) бо шартҳои зерин бурда шавад: давлатҳои аъзо оид ба тақвият бахшидани нақши САҲА тариқи қабули Кодекси одоб, ки муносибатҳои байнидавлатии онҳоро дар соҳаи амният танзим менамояд ва ин муносибатҳо дар натиҷа метавонанд ба таҳияи Созишномаи амнияти САҲА[5] боис гардад, машваратҳо хоҳанд гузаронид. Эҳтимолияти дар оянда таҳия шудани

---

[3] Имзокунандагони расмӣ инҳо гардиданд: баъзе давлатҳои Иттиҳоди Аврупо – Белгия, Юнон, Ирландия ва Испания – Федератсияи Русия, Булғория, Эстония, Малта, Полша ва Руминия (CSCE/HM/WG2/1 аз 19 маи с. 1992), инчунин Қирғизистон (CSCE/HM/WG.2/1/Add. 1 аз 16 июнм соли 1992). Матни пурраи пешниҳод дар пешниҳоди дуюм ба тафсири мазкур таҳия шудааст.

[4] CSCE/HM/WG2/1 аз 19 маи соли 1992: параграфи 2.

[5] CSCE/HM/WG2/1 аз 19 маи соли 1992: параграфи 3. Эъломияи Саммити Хелсинки соли 1992 ҳамчунин давлатҳои иштирокчиро ӯҳдадор менамояд, ки «қадамҳои нави вобаста ба таҳкими минбаъдаи меъёрҳои одобро дар ҷанбаҳои ҳарбӣ-сиёсии амният баррасӣ кунанд» (пешниҳоди сеюми параграфи 22).

созишномаи амният бевосита зикр нашуда буд, бо вуҷуди ин, дастур ба қисми 12-и Барнома оид ба Амали барқосои[6] Форуми амният ва ҳамкорӣ дарҷ карда шуд.

4. Гуфтушунидҳо доир ба Кодекси одоб дар асоси чор матни пешакӣ тарҳшуда идома ёфтанд.

Матни аввалин ин пешниҳоди Полша буд, ки он аз дастурҳо оид ба муносибатҳои дохилидавлатӣ ва байнидавлатӣ иборат буд. Аз як тараф, дар он тадбирҳо оид ба таҳия намудан ва тақвият бахшидани принсипи истифода набурдани қувва, инчунин доир ба таъмини татбиқи пурра ва самараноки он тавассути «принсипи расмии ҳамбастагӣ» мавҷуд буданд. Аз тарафи дигар, пешниҳод як қатор тавсияҳоро вобаста ба назорати демократӣ ва истифодаи қувва фаро мегирифт. Матни полшагӣ, эҳтимол, пурвусъаттарин дар байни матнҳои барои муҳокима баровардашуда мебошад[7].

Пешниҳоди гурӯҳи «Иттиҳоди Аврупо плюс» дуюмин ва мазмунан шабеҳи матни полшагӣ буд; дар ҳуҷҷат ба ҷанбаҳои низомӣ-сиёсӣ амният, инчунин ба назорати демократӣ ва истифодаи зӯроварӣ бештар аҳамият зоҳир карда мешуд.

Ҳуҷҷате, ки Дания аз номи Иттиҳоди Аврупо ва якҷоя бо Канада, Исландия ва Норвегия новобаста ба НАТО изҳор намуд, тарҳи аввалини сиёсати умумии берунаи аврупоӣ ва сиёсати амнияти Ҷомеаи Аврупо буд. Дар ҳуҷҷат андешаҳои умумии ҳамаи аъзоёни НАТО, щайр аз ИМА ва Туркия инъикос шудаанд. Муҳокимаронӣ оид ба Кодекси одоб дар дохили НАТО тирамоҳи соли 1992 пешбарӣ шуда буд, вале дар натиҷа вобаста ба қарори Аврупо доир ба он ки ин лоиҳаро ба сатҳи ОВПБ[8] гузаронад, боздошта шуд. аз ҳамин сабаб пешниҳоди Иттиҳоди Аврупо, ки вазифаи он дур шудан аз НАТО буд, боиси эътироз баён кардани ИМА гардид.

Ҳуҷҷати сеюм пешниҳоди муштараки австро-венгерӣ гардид, ки тамоми унсурҳои асосии пешниҳодҳои қаблии аз Полша ва Иттиҳоди Аврупо бармеомадаро инъикос менамояд. Дар ҳуҷҷат ӯҳдадориҳои иловагӣ марбут ба инкишофи башардӯстона (алалхусус, мақомот бо таҳлили амиқи ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ), инчунин рушди иқтисодӣ

---

[6] Барнома оиди амали барқосо дар замима ба Қисми 5-и қарорҳои дар конфронси Хелсинки соли 1992 қабулшуда оварда шудааст.

[7] Дин, *op. cit*, саҳ. 292.

[8] Криспин, Хен-Кол «Гуфтушунидҳо оид ба Кодекс: нуқтаи назари Бритониё», Амнияти коллективӣ, САҲА ва Кодекси одоби он, зери таҳрири Герт де Ноой. Гаага, Клювер Ло Интернешнл, 1996, саҳ. 29 ва 31.

ва ҳифзи муҳити атроф пешниҳод карда мешаванд. Ҳуҷҷати австро-венгерӣ нисбат ба ҳуҷҷатҳои қаблии полшагӣ ва умумиаврупоӣ муносибати васеътар ба масоили мубрами амният дошт.

Пешниҳоди чорум, ки аз тарафи Туркия расида буд, зоҳиран, аз тарафи ин кишвар муқобили пешниҳоди умумиаврупоӣ, ки Анқара онро номақбул донист, вобаста ба аҳолии курд баррасӣ карда буд[9]. Ҳуҷҷат аз муқаррароти умумӣ марбут ба «шартҳои пешбурди сулҳ, субот, амният ва ҳамкорӣ», «меъёрҳои одоб, ки таъсири бевосита ба муносибатҳои байнидавлатӣ дорад» ва «ҳамкорӣ бо мақсади пешгирии вазъиятҳои бӯҳронӣ» иборат аст. Ғайр аз ин, пешниҳоди туркӣ ташаббусҳои қаблан пешбаришударо оид ба рушди башар, ҳифзи муҳити атроф, муҳоҷирони меҳнатӣ, терроризм, интиқоли щайриқонунии яроқ ва нашъа такрор мекард ва он зикрҳои кам ва на он қадар худгароёнаро марбут ба назорати демократӣ ва истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ дар бар мегирифт.

[9] Дин, *op. cit.*, саҳ. 292.

| Муаллиф(он) | Номгӯй | Истинод |
|---|---|---|
| Полша | Кодекси одоби ҶАҲА дар соҳаи амният. | CSCE/FSC/SC. 5/Rev. аз 18 ноябри с. 1992 (қаринаи 1-ум: CSCE/FSC/SC. 5 аз 11 ноябри с. 1992). |
| ИА, Канада, Исландия ва Норвегия | Кодекси одоби ҶАҲА марбут ба муносибатҳои байнидавлатӣ дар соҳаи амният. | CSCE/FSC/SC. 21 аз 30 июни (қаринаи 1-ум бо номи «Ҷузъҳои таркибии Кодекси одоби ҶАҲА, ки муносибатҳои байни давлатҳои аъзоро дар соҳаи амният танзим менамоянд: CSCE/FSC/SC. 7 аз 16 декабри с. 1992). |
| Туркия | Кодекси одоби ҶАҲА марбут ба муносибатҳои байнидавлатӣ дар соҳаи амният. | CSCE/FSC/SC. 8 аз 16 декабри с. 1992 |
| Фаронса | Ҳуҷҷати кории марбут ба сохтори Кодекси одоб | CSCE/FSC/SC/B. 2 аз 3 июни с. 1993 |
| Австрия ва Венгрия | Кодекси одоби ҶАҲА, ки муносибатҳои байни аъзоёни он ва муносибати ҳукуматҳоро бо шаҳрвандони худ танзим мекунад | CSCE/FSC/SC. 22 аз 15 сентябри с. 1993 |
| Австрия, Венгрия ва Полша | Андешидани тадбирҳо оид ба таъмин кардани амали Кодекси одоб | CSCE/FSC/SC. 17 аз 5 маи с. 1993 |
| Венгрия | Кодекси одоби ҶАҲА марбут ба муносибатҳои байнидавлатӣ дар соҳаи амният, назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ ва истифодабарии онҳо. | CSCE/FSC/SC. 25 аз 23 феврали с. 1994 |

Мавриди тазаккур аст, ки расман пешниҳодҳо на аз русҳо расиданду на аз амрикоиҳо. Он вақтҳо ба Федератсияи Русия стратегияи ба таври возеҳ матраҳшуда оид ба амният[10] намерасид, ИМА бошад, дар навбати худ, нисбати пешниҳоди Иттиҳоди Аврупо[11] норозигӣ баён мекарданд.

Вазифаи асосии амрикоиҳо ин таҳия кардани ҳуҷҷати нигаронидашуда ба мавзӯи назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ ва канорачӯӣ кардани ҳамаи он чизе, ки метавонист боиси таъсис ёфтани системаи пан-аврупоии амният гардида, дар натиҷа, нақши НАТО ё Иёлоти Муттаҳидаро дар Аврупо ба салоҳ биёрад[12], маҳсуб меёфт.

Ҳамоҳангсозии омодакунии ҳуҷҷат ба дипломатияи амрикоӣ супориш дода шуда буд: Ҷеймс Хиндс.

5. Гуфтушунидҳо оид ба мӯҳтавои Кодекси одоб дар Форуми венагӣ оид ба амният ва ҳамкорӣ аз моҳи ноябри соли 1992 то охири соли 1994 бурда мешуданд.

Се масъалаи пурихтилофтарине, ки дар ҷараёни омода кардани ҳуҷҷат муҳокима карда мешуданд, ба консепсияи Кодекс (амнияти пурвусъат ё ҷанбаҳои низомӣ-сиёсии амният), ҳудуди салоҳияти САҲА бо дигар ташкилотҳои аврупоӣ оид ба амният (ба ном масъалаи «ниҳодҳои ба ҳам вобаста») ва масъалаи ҷойгир кардани қувваҳои мусаллаҳ дар ҳудуди дигар давлатҳои аъзо[13] дахл дошт.

Форум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният, ки дар Будапешт гузаронида шуд, қаринаи охирини ҳуҷҷатро санаи 3 декабри соли 1994 қабул кард[14]. Ҳуҷҷат ба ҳайати намояндагӣ-иштирокчиёни вохӯрии будапештӣ оид ба баррасии Кодекс, ки онро ба итмом расонид ва ба сарони давлатҳои ба Саммит дар Будапешт омада манзур кард,

---

[10] Кобиераски, саҳ. 20. Бо вуҷуди ин, Федератсияи Русия якҷоя бо Полша ҳуҷҷатро (бе рақам) оиди «сохтори эҳтимолии Кодекси одоб» барои баррасӣ пешбарӣ намуданд.

[11] Тавре Йонатан Дин баён дорад, аъзоёни Иттиҳоди Аврупо нахустин бор дар тамоми таърихи арзи вуҷуд кардани раванди пан-аврупоӣ муҳокимаро алоҳида аз аъзоёни НАТО гузарониданд ба умеди он ки матнеро таҳия месозанд, ки дар он меъёрҳои амнияти аврупоӣ бештар муайян мешаванд.

[12] Кобиераски, саҳ. 15-16, инчунин ниг.ба Хейн Коул, саҳ. 31 ва Дин, саҳ.292 ва 293.

[13] Ин масъалаҳо дар тафсир аз рӯи номи Кодекси одоб ва параграфҳои 4 ва 14 баён шудаанд.

[14] Форуми амният ва ҳамкорӣ/ Маҷаллаи рақами 94 аз 3 декабри соли 1994 .

пешниҳод карда шуд. Дар натиҷа, Кодекси одоб ба Қарори Саммити Будапешт ҳамчун Қисми 4 соли 1994[15] ворид карда шуд.

6. Матни Кодекс, ки бо пешгуфтори хурд оғоз меёбад, аз 42 муқаррароти ба 10 қисми сарлавҳадор ҷудошуда иборат мебошад, ки онҳо гурӯҳи се маҷмӯаи тадбирҳо, ки ба меъёрҳои байнидавлатӣ (қисмҳои I-IV, §§ 1-19), меъёрҳои дохилидавлатӣ ва татбиқи онҳо (қисмҳои VII-VIII, §§ 20-37) ва банди хотимавӣ (қисмҳои IX-X, §§ 38-42) вобастаанд.

7. Дар соҳаи меъёрҳои байнидавлатӣ, Кодекс аз он маълумоте, ки аллакай дар санади хотимавии хелсинкӣ (Декалоге) ва хартияи Париҷ барои Аврупои Нав (с. 1990) оварда шудааст, маълумоте бештар намедиҳад.

Дар бораи арзишнокии Кодекс ҳатто эътироз баён кардан мумкин аст. Сархатҳои қисмҳои I-VI дар аксар ҳолатҳо принсипҳо, меъёрҳо ва ӯҳдадориҳои САҲА-ро такрор мекунанд. Кодекси одоб бори дигар ӯҳдадориҳои пурвусъат (§ 1), консепсияи амният (§ 2), ҷудонопазирии амният дар минтақаи САҲА ва берун аз ҳудуди он, (§ 3), муносибати коллективӣ ба амният (§ 4), ӯҳдадории андешидани тадбирҳои муносиб оид ба пешгирӣ ва мубориза бо терроризм дар ҳамаи зуҳуроташ (§ 6), арзиши якхелаи принсипҳои Санади хотимавии Хелсинки (§ 7), ӯҳдадории дастгирӣ накардани давлатҳои хусуматгар (§ 8), ҳуқуқи худмудофиакунӣ (§ 9), ҳуқуқи интихоби озод вобаста ба таъмини амният (§ 10), бовиҷдонона иҷро кардани ӯҳдадориҳо дар соҳаи назорати қувваҳои мусаллаҳ, халъи силоҳ ва тақвият додани эътимод ва амният (§ 15), зарурати назорати қувваҳои мусаллаҳ, халъи силоҳ ва тақвият додани эътимод ва амният (§ 16), ҳамкорӣ, аз ҷумла бо роҳи фароҳам овардани шароитҳои солими иқтисодӣ ва экологӣ, бо мақсади муқобилат ба зиёд шудани шиддатнокӣ, ки метавонад ба муноқиша оварда расонад (§ 17), аҳамияти ҳамкорӣ дар марҳилаҳои гуногуни танзими муноқишаҳо (§ 18), ҳамкорӣ бо мақсади ҳаллу фасли сулҳҷӯёна ва расонидани кӯмаки башардӯстона дар муноқишаҳои мусаллаҳона (§ 19) тасдиқ менамояд.

8. Танҳо миқдори хурди тадбирҳо вобаста ба меъёрҳои байнидавлатӣ дар заминаи САҲА характери навоварона доранд. Ин

[15] Эъломияи Саммити Будапешт соли 1994 тасдиқ намуд, ки «нақши ҶАҲА-ро дар муқаррар кардани меъёрҳо давом дода», давлатҳои иштирокчӣ Кодекси одобро қабул карданд, ки ҳадафи он вқдвиҷение принсипҳои танзимкунандаи нақши қувваҳои мусаллаҳ дар ҷомеаҳои демократӣ буд (§ 10).

тадбирҳо ба принсипи ҳамбастагӣ (§ 5), дастгирии иқтидори низомие, ки бо эҳтиёҷоти қонунии инфиродӣ ё гурӯҳӣ дар соҳаи амният мутаносиб аст, бо назардошти ӯҳдадориҳои худ марбут ба ҳуқуқи байналмилалӣ (§ 12), муайян кардани иқтидори низомӣ дар асоси расмиёти миллии демократӣ (§ 13), даст кашидан аз ҳукмфармоии низомӣ дар соҳаи амали САҲА ва додани ваколатҳои ҷойгир кардани қувваҳои мусаллаҳ дар ҳудуди дигар давлати аъзо мутобиқи созишномаҳои дар асоси ихтиёрӣ таҳияшуда, инчунин мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ (§ 14) тааллуқ доранд.

9. Аз тарафи дигар, вобаста ба муносибатҳои дохилидавлатӣ Кодекси одоб имкониятҳои навро кашф менамояд. Қисмҳи VII ва VIII оид ба назорати демократӣ ва истифодаи қувваҳои мусаллаҳ ин иловаи арзишнок ба ҳуҷҷат аст. Кодекс метавонад яқинан воситаи нахустини дипломатияи серҷониба ҳисобида шавад, ки дар худ қоидаҳои танзимкунандаи ҷанбаи марказии таъсири сиёсӣ – қувваҳои мусаллаҳро дар сатҳҳои дохилӣ ва байналмилалӣ дорад. Муқаррароти вобаста ба назорати демократиро бо саволи «Кӣ чиро идора мекунад, чӣ тарз ва барои чӣ?» ҷамъбаст кардан мумкин аст:

| Кӣ | Чӣ | Чӣ тарз | Барои чӣ |
|---|---|---|---|
| Ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта и қонунияти демократӣ дошта (§ 21).<br>Нақши махсуси шохаи қонунгузор и ҳокимият (§ 22). | Қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардон идашуда, мақомоти амнияти дохилӣ, разведка ва мақомоти полис (§ 20).<br>Се гурӯҳи аввал. (§§ 21, 27, 32).<br>Нерӯҳои низомигардон идашуда (§ 26)<br>Қувваҳои щайримунтаза | Афзалияти қувваҳои конститутсионии шаҳрвандӣ бар қувваи низомӣ (§§ 21, 22, 23, 24, 25, 26).<br>Қувваҳои мусаллаҳ ҳамчун предмети ҳуқуқи байналмилалии башар. (§§ 29, 30, 31, 34, 35).<br>Эҳтироми ҳуқуқҳои ҳайати шахсӣ (§§ 23, 27, 28, 32, 33).<br>Мутаносибии истифодаи қувваҳо барои мақсадҳои маҳаллӣ бо эҳтиёҷоти мавҷуда, (§ 36) | Давлатҳои аъзо назорати сиёсии демократии қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда, қувваҳои амнияти дохилӣ, инчунин хадамоти иктишофӣ ва полисро ҳамчун унсури бебадали субот ва амният баррасӣ менамоянд. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | м (§ 25) Қувваҳои мусаллаҳ (§§ 22, 23, 28, 30, 31, 34, 35, 36, 37). | ва манъ кардани истифодаи қувваҳо бо мақсади маҳдуд сохтани амалишавии сулҳҷӯёна ва қонунии ҳуқуқҳои инсон аз тарафи нафароне, ки шахсан ё ҳамчун намояндагони гурӯҳҳо амал мекунанд ё бо мақсади маҳрум кардани ин нафарон аз ҳувияти миллӣ, динӣ, фарҳангӣ, забонӣ ё наҷодии онҳо амал мекунанд (§ 37). | Онҳо барои муттаҳид кардани қувваҳои мусаллаҳи худ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сифати зуҳуроти муҳими демократӣ кӯмак хоҳанд кард. (§ 20). |

10. Қисми «Кӣ» ба «ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта» вобаста мебошад. Вале ин нокифоя аст: чунин ҳокимият бояд қонунияти демократӣ пайдо кунад, яъне хоҳиш ва манфиатҳои мардумро пешбарӣ намояд. Чунин ӯҳдадориҳоро дар давлат ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор иҷро мекунанд, ки дар заминаи тақсимоти мавҷудаи ваколатҳо ва волоияти қонун амал менамоянд.

11. Қисми «Чӣ» ба «қувваҳои мусаллаҳ» вобаста аст, он консепсияест, ки мафҳуми он дар Кодекс бо тақозои хусусиятҳои мавҷудаи миллии давлатҳои аъзо баён нашудааст. Бо вуҷуди ин, консепсия дар параграфи 20 бо зикри панҷ гурӯҳ нишон дода шудааст: қувваҳои ҳарбӣ ва нерӯҳои низомигардонидашуда, мақомоти амнияти дохилӣ, хадамоти махсуси иктишофӣ ва полис. Сархатҳои минбаъдаи бахшҳои 7 ва 8 ё се гурӯҳи аввалро зикр мекунанд (ба истиснои хадамоти махсуси иктишофӣ ва полис) ё ки танҳо қувваҳои мусаллаҳро тазаккур менамоянд – ин ифодаи маъмулест, ки ба қӯшунҳои доимии артиши миллӣ мансуб дониста мешавад. Гузашта аз ин, муқаррароти махсус вобаста ба нерӯҳои низомигардонидашуда (§ 26) ва қувваҳое, ки ба онҳо ба тариқи конститутсионӣ ҳисоботдиҳанда нестанд, вуҷуд доранд.

12. Қисми «Чӣ тарз» аз чор ҷанбаи асосӣ иборат аст, ки онҳо унсурҳои асосии назорати демократӣ ва истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ мебошанд:

а) Волоияти қувваи демократии конститутсионӣ бар қувваи низомӣ. Кодекси одоб давлатҳои узви САҲА-ро ваколатдор менамояд, ки роҳбарии самаранок ва назорати қувваҳои ҳарбии худ ва қувваҳои амниятро аз тарафи мақомоти ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфтаи қонунияти демократӣ дошта мунтазам таъмин кунанд ва дастгирӣ намоянд, то ки қувваҳои мусаллаҳи он нейтралитети сиёсиро нигоҳ доранд. Кодекс ҳамчунин ин давлатҳоро ӯҳдадор мекунад, ки тасдиқи хароҷотро барои мудофиа тариқи мақомоти қонунгузори худ пешбинӣ намоянд. Ҳар як давлати аъзо ба таври бояду шояд бо назардошти талаботи амнияти миллӣ худро дар вақти хароҷоти низомӣ худдорӣ мекунад ва шаффофияту дастрасии ошкороро ба маълумоти марбут ба қувваҳои мусаллаҳ таъмин менамояд. Ниҳоят, Кодекс таъйидномаҳои махсусро марбут ба «истифодаи тасодуфӣ ё беиҷозати воситаҳои ҳарбӣ» (§ 24), қӯшунҳои щайримунтазам (§ 25) ва нерӯҳои низомигардонидашуда таҳия месозад (§ 26).

б) Қувваҳои мусаллаҳ ҳамчун предмети ҳуқуқи байналмилалии башар. Кодекси одоб се созишномаи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ӯҳдадоркунандаи ҳуқуқи байналмилалии башарро тасдиқ менамояд. Созишномаи якум диққатро ба зарурати эҳтиром кардани принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалии башар аз тарафи давлатҳо, ки бояд бо қувваҳои мусаллаҳ дар сатҳи ҳайатӣ фармондеҳӣ, ҳайати шахсӣ, таълимдиҳӣ ва пуррагардонии ҳайат дар ҷараёни амалиётҳои ҳарбӣ истинод оварда шавад, равона месозад (§§ 29, 34, 25). Созишномаи дуюм ба ӯҳдадории паҳн кардани принсипҳои Кодекс дар байни низомиён ва аҳолии осоишта вобаста аст (§§ 29, 30). +ҳдадории сеюм аз масъулият барои амалҳои худ, ки ба ҳайати ҳарбии ваколатҳои роҳбарикунанда ё тобеъона дар чорчӯбаи миллӣ ва қонунгузории байналмилалӣ дошта (§ 25) иборат мебошад – иборае, ки қӯшунҳои ба ном щайримунтазамро дар назар доранд.

в) Эҳтироми ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ нисбати ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ. Бо назардошти он ки қувваҳои мусаллаҳ ба ин маънӣ (яъне ҳайати ҳарбӣ ҳамчун ҷузъи таркибии ягонаи коллективӣ) берун аз муқаррароти пешбиникардаи қонун амал карда наметавонанд, амали Кодекс, бо вуҷуди ин, дар казармаҳо хотима намеёбад. Ба ибораи дигар, ҳайати шахсӣ ин шаҳрвандонеанд, ки ҳуқуқи амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои граҷдании худро доранд (§ 23).

Бинобар ин, дар Кодекс гуфта мешавад, ки ҳар як давлати аъзо шароит фароҳам меорад, ки ҳайати шахсии қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амният аз ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ истифода бурда тавонанд ва тавре амалӣ намоянд, ки онҳо дар ҳуҷҷатҳои САҲА ва ҳуқуқи байналмилалӣ инъикос гардидаанд ва он тибқи муқаррароти мутобиқи конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин талаботҳои хизмат (§ 32) - алалхусус, барои ҷалб кардан ё даъвати ҳайати шахсӣ ба хизмат кардан дар қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амният мутобиқи ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ ва дигар ӯҳдадориҳо нисбати ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ амалӣ карда шавад (§ 27). Давлатҳои аъзо дар қонунҳои худ ё дар дигар ҳуҷҷатҳои мутобиқ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳро инъикос намуда (§ 28), инчунин қабули расмиёти мутобиқи маъмурӣ-ҳуқуқиро барои ҳимояи ҳуқуқҳои ҳайати шахсии ҳамаи қувваҳои он таъмин хоҳанд кард.

г) Танзими истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ бо мақсади амнияти дохилӣ. Кодекси одоб муқаррар менамояд, ки истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ бо мақсади амнияти дохилӣ бояд тобеъи волоияти қонун бошад ва муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи байналмилалии башар бояд дар чунин ҳолатҳо чун дар ҳолати муноқишаҳои мусаллаҳонаи байнидавлатӣ баррасӣ карда шавад. Кодекс чор шарти танзимкунандаи истифодаи зӯровариро барои мақсадҳои дохилӣ баён мекунад: қарори аз ҷиҳати конститутсионӣ қонунӣ буда, эҳтироми принсипи волоияти қонун дар амалиётҳои ҳарбӣ, мутаносибӣ бо эҳтиёҷот дар амалиётҳои маҷбурӣ ва зарурати канораҷӯӣ кардан аз расонидани зарар ба шахсони граҷданӣ ё моликияти онҳо (§ 36). Мавзӯи мазкурро идома дода, Кодекс баъдан ба давлатҳои аъзо истифодаи зӯровариро бо мақсади маҳдуд кардани амалигардонии сулҳҷӯёна ва қонунии ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои граҷданӣ аз тарафи нафароне, ки шахсан ё ба сифати намояндагони гурӯҳҳо амал мекунанд, ё бо мақсади маҳрум кардани ин нафарон аз ҳувияти миллӣ, динӣ, фарҳангӣ, забонӣ ё наҷодии онҳо манъ мекунад (§ 37).

13. Ниҳоят, қисми «барои чӣ» дар муқаррарот оиди назорати демократӣ, ки ҳамчун «унсури ҷудонопазири субот ва амният», инчунин ҳамчун «зуҳуроти муҳими демократия» изҳор шудааст (§ 20), баррасӣ карда мешавад. Ба гуфти яке аз иштирокчиёни гуфтушунидҳо оид ба Кодекси одоб, назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ яқинан «воситаи кафолати суботи дохилии давлат, масъулияти он дар назди шаҳрвандонаш ва дигар давлатҳо» мебошад; он инчунин воситаест, ки

вазифаи он зиёд кардани пешбинишаванда будани амалҳои дигар давлатҳо мебошад[16]. Ба гуфти иштирокчии дигари гуфтушунид, ин восита иловаи муҳим барои таъмини суботи дохилӣ ва байналмилалӣ мебошад, аз он сабаб ки қувваҳои мусаллаҳи дар асоси демократӣ назоратшаванда хавфи таҳдиди вазъияти муноқишаҳои байналмилалӣ ва дохилидавлатиро хеле кам мекунанд[17].

Зиёда аз ин, назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ унсури асосии марҳилаи гузариш аз низомҳои сиёсии авторитарӣ ба демократӣ мебошад: таъсис ва таҳкими ниҳодҳои демократӣ танҳо ҳамон вақт метавонад амалӣ гардад, ки қисми ҷудонопазири он қувваҳои мусаллаҳи қонунӣ бошад[18]. Дар давлати комил, ки дар он қонун ҳукмфармост, ҳама гуна муаммои характери сиёсӣ дошта бояд таҳти назорати демократӣ қарор дошта бошад. Билохира, вазифаи Қисмҳои VII ва VIII ба ин маънӣ ин изҳор кардани ахлоқ, афкори ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқи байналмилалии башар дар муассисаҳои ҳарбии давлатҳои узви САҲА мебошад.

14. Бо назардошти гуногунии анъанаҳо ва таҷтибаи миллӣ дар минтақаи САҲА, Қисмҳои VII ва VIII ягон шакли муайяни назорати қувваҳои мусаллаҳро пешниҳод намекунанд[19]. Ин қисмҳо танҳо муқарраротти асосиро ошкор менамоянд: як қатор камбудиҳо низ ҷой доранд, ки онҳоро дар матни Кодекс дарёфтан мумкин аст:

Ҳамин тариқ, якум, Кодекс танҳо назорати иҷроия ва қонунгузорро зикр намуда, ҳокимияти судиро сарфи назар мекунад[20].

Дуюм, дар ҳоле ки давлатҳои узви САҲА ба худ ӯҳдадории инъикос кардани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳро дар қонунҳои худ ва дар дигар ҳуҷҷатҳои мутобиқ ба дӯш

---

[16] Кобиераски, *op. cit* саҳ.19.

[17] Петер фон Батлер. «Гуфтушунидҳо оид ба Кодекс: Нуқтаи назари Олмон», Амнияти коллективӣ, САҲА ва Кодекси одоби он. Зери таҳрири Герт де Ноой, Гаага, Клювер Ло Интернешнл, с. 1996, саҳ. 26.

[18] Ортвин Хенниг: «Кодекси одоби марбут ба ҷанбаҳои ҳарбӣ-сиёсии амният», Ҳисоботи ҳарсолаи САҲА, ҷилди 1-2, 1995-1996, саҳ. 273-289.

[19] Аз рӯи тавсифи адабиёти мавҷуда, ниг.ба Ханс Борн «Назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ. Масъалаҳо, муаммоҳо ва барномаҳо», дар Дастур оид ба сотсиологияи амалиётҳои ҳарбӣ дар назар аст. Зери таҳрири Ҷузеппе Сафорио. Ню-Йорк, Клювер Академик, 2003.

[20] Бо вуҷуди ин, параграфи 36 бар он ишора мекунад, ки рисолатҳои таъминкунандаи амнияти дохилӣ бояд зери назорати самараноки ҳокимиятҳои ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта ва дар чаҳорчӯбаи волоияти қонун амалӣ гардонида шаванд. Ин маънои онро дорад, ки фаъолият зери назорати сумараноки мақомотҳои судӣ, инчунин гражданаии сиёсӣ амалӣ карда мешавад.

гирифтанд (§ 28), онҳо ҳатто ба таври умумӣ рӯйхати ин ҳуқуқу ӯҳдадориҳоро пешниҳод накарданд, гузашта аз ин, онҳо консепсияи «шаҳрванд дар либоси расмӣ»-ро зикр накарданд.

Сеюм, дар Кодекс андешаҳо дар бобати он ки дар сурати ба даст овардани шудани ҳокимияти сиёсии қувваҳои мусаллаҳ аз тарафи давлати иштирокчӣ, дигар давлатҳо ин амалро ҳамчун «ташвишовар» баррасӣ хоҳанд кард ва чораҳои муносиб хоҳанд андешид, аз ҷумла (бо истинод ба ҳуҷҷати Маскав оид ба меъёргирии инсон) эътироф накардани қонунияти ҳукумати ҳокимиятро бадастоварда вуҷуд надоранд[21].

Чорум, новобаста ба он ки баъзе муқаррароти Кодекс мавзӯи хароҷотро барои мудофиа, сиёсати мудофиавӣ ва доктринаҳо фаро мегиранд (§ 35), бо вуҷуди ин, ҳуҷҷат ягон робитаи консептуалии байни Кодекси одоб ва ҳуҷҷати венагиро марбут ба таҳкими эътимод ва амният надорад.

Панҷум, ягона муқаррароти ба таври возеҳ баёншудаи Кодекс марбут ба гурӯҳи нерӯҳои низомигардонидашуда қобили эътимод нест: он ҳатто давлатҳои узви САҲА-ро ӯҳдадор намекунад, ки нерӯҳои низомигардонидашударо барои сарфи назар кардани маҳдудиятҳои марбут ба истифодабарӣ ва шумораи қувваҳои мусаллаҳ, мутобиқи созишномаҳои назорати аслиҳа истифода баранд[22].

Шашум, муқаррароти Кодекс, ки бо ҳуқуқи байналмилалии башар сарукор дорад, хусусан вобаста ба масъулияти шахсии ҳайатҳои фармондеҳӣ ва қатории қувваҳои мусаллаҳ, аз муқаррароти конвенсияи Женева с. 1949, ки тарафҳои иштироккунандаро барои қабули қонунгузории ҷиноятӣ нисбати шахсони ҷиноятҳои вазнин содиркарда, инчунин дарёфт кардан ва супоридани ин шахсон ба суд (новобаста ба миллат) ӯҳдадор мекунанд, заифтаранд[23].

---

[21] Чунин навъ муқаррарот дар ҷараёни омода кардани ҳуҷҷат пешбинӣ шуда буданд: ниг.ба тафсири параграфҳои 21 ва 23. Дар ҳуҷҷати Маскав оид ба меъёргирии инсон (с. 1991) ки дар натиҷаи табаддулоти нобарор бар зидди Михаил Горбачёв қабул шуда буд, давлатҳои узви САҲА, дар сурати сарнагун кардан ё кӯшиши сарнагун кардани ҳукумати қонунии давлати иштирокчӣ бо роҳи ғайридемократӣ, ӯҳдадор карда шуданд, ки мақомотҳои қонунии ин давлатро, ки ҳуқуқҳои инсон, демократия ва волоияти законро тарғиб мекунанд, ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд (§ 17.2).

[22] Ниг.ба тафсири § 26.

[23] Ниг.ба тафсири § 31.

Ҳафтум, дар Кодекс муқаррарори ба таври возеҳ танзимкунандаи истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ дар сурати вазъияти фавқуллода – вазъияте, ки дар ҳуҷҷати Маскав оид ба меъёргирии инсон (с. 1991) қисман баён шудааст, вуҷуд надорад[24].

Ҳаштум, Кодекс давлатҳои узви САҲА-ро ӯҳдадор намекунад, ки маълумотро оид ба истифодаи қувваҳо барои мақсадҳои дохилӣ, чунончи ҳаҷм, ташкилкунӣ, нақш, вазифаҳо ва фаъолияти қувваҳои мусаллаҳ[25], пешниҳод кунанд.

Ниҳоят, тавре дар боло қайд гардид, дар ҳоле ки Кодекс расман панҷ гурӯҳи қувваҳои мусаллаҳона (қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда, мақомоти амнияти дохилӣ, хадамоти махсуси иктишофӣ ва полис)-ро зикр менамояд, ҳуҷҷат ягон муқарраротӣ марбут ба ду гурӯҳи охирин: разведка ва полисро надорад[26]. Илова бар ин, Кодекс боз як унсури муҳими мақомоти амният – сарҳадбононро сарфи назар кардааст[27]. Ба Кодекси одоб дар сурати истифодаи номутаносиб ва щайриинтихобии қувваҳо дар Хорватия ва хусусан дар Чечня, инчунин дар сурати щайриқонунӣ қарор гирифтани қӯшунҳои хориҷӣ дар Молдова назар мекарданд[28]. Бо вуҷуди он, ки баъзе аз муқаррароти асосии Кодекс (алалхусус §§ 14 ва 36) дар минтақаи САҲА ҳоло ҳам риоя карда намешаванд, бамаврид будани Кодекс шубҳанок аст: ба

---

[24] Ниг.ба тафсири § 36. Дар ҳуҷҷати Маскав оид ба меъёргирии инсон (с. 1991) давлатҳои иштирокчии САҲА эълон доштанд, ки «вазъияти фавқуллода наметавонад бо мақсади вайрон кардани тартиботи демократӣ ва конститутсионӣ, инчунин ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ» татбиқ шавад (пешниҳоди дуюми § 28.1). Онҳо инчунин розигӣ доданд, ки дар сурате, ки агар вазъияти фавқуллода аз тарафи мақомоти ваколати мутобиқи конститутсионӣ дошта (идомаи истиноди 24) эълон карда шавад (§ 28.2), он бояд дар муддати кӯтоҳтарин мононда шавад, то ки аз вақти пешбининамудаи вазъияти рухдода бештар қувваи қонунӣ надошта бошад.
Илова бар ин, давлатҳо қарор доданд, ки дар сурате, ки агар вазъияти фавқуллода эълон карда ё мононда шавад, ин ҳуқумат бояд фавран САҲА-ро дар бораи ин қарор, инчунин дар бораи ҳама гуна залалҳо дар амалӣ гардонидани ӯҳдадориҳои байналмилалии худ оид ба риояи ҳуқуқҳои инсон хабардор намояд (§ 28.10).
[25] Ниг.ба тафсири § 36.
[26] Ниг.ба тафсири 20.
[27] Оид ба масъалаи хадамоти сарҳадӣ, ниг.ба Элис Хиллс: Муттафиққунии демократия. Касбият, принсипҳои демократӣ ва хадамоти сарҳадӣ (14 саҳ.), инчунин Хадамотҳои сарҳадӣ ва ислоҳоти мақомоти амният (32 саҳ.), Женева, Маркази назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ дар Женева, с. 2002, ҳуҷҷатҳои 27 ва 37.
[28] Инчунин (тавассути Русия ва Белорус) марбут ба ворид кардани қӯшунҳои НАТО ба Косово: ниг.ба тафсири § 38.

гуфти Йонатан Дин, барои Аврупо мавҷудияти Кодексе, ки риоя карда намешавад, беҳтар аст аз он ки умуман Кодекс мавҷуд набошад[29].

Илова бар ин, аз давраҳои вайрон шудани коммунизм назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ, ки унсури асосииислоҳоти мақомоти амният мебошад, яке аз шартҳое гардид, ки онро давлатҳои акнун ба демократия рӯйоварда бояд иҷро намоянд, то ки сазовори шомил шудан ба ташкилотҳои аврупоӣ ва трансатлантикӣ гарданд.

Иттиҳоди Аврупо маҳакҳоро оид ба шомил шудан (маҳакҳои Копенгаген) дар с. 1993 - яъне то қабули Кодекси одоб дар соли 1994 қабул намуд. Ин маҳакҳо як қатор шароитҳои иқтисодӣ ва сиёсиро муқаррар менамояд, ки суботи ниҳодҳои кафолатдиҳандаи демократия, волоияти ҳуқуқ, ҳуқуқҳои инсон, эҳтиром ва ҳифзи ақаллиятҳои миллӣ аз ҷумлаи онҳоянд.

НАТО, дар навбати худ, эътирози худро нисбати мавзӯъҳои мавриди баҳс қарордоштаро баён намуд. Мутобиқи созишномаи қолабии лоиҳаи НАТО «Шарикӣ ба хотири сулҳ», давлатҳои иштирокчӣ ӯҳдадоранд, ки бо НАТО ба хотири амалӣ гардонидани вазифаҳои гузошташуда, аз ҷумла «таъмини назорати демократии қувваҳои мудофиа» ҳамкорӣ намоянд[30]. Дар натиҷа, бо такя ба тадбирҳои андешидаи САҲА оиди банақшагирии мудофиавӣ, давлатҳо вобаста ба мубодилаи маълумот оид ба амалҳои содиркарда ё пешбинишаванда шарт карданд[31].

Ҳуҷҷати қолабӣ танҳо аз он сабаб ба Кодекси одоб истинод намеоранд, ки Кодекс он вақт то ҳол дар марҳилаи муҳокима қарор дошт. Истинодҳо ба Кодекс дар ҳуҷҷатҳои минбаъда, ба монанди Барномаи корӣ барои солҳои 2000-2001-и лоиҳаи «Шарикӣ ба хотири сулҳ» падид омаданд. Банди 6 (ки ҳадафҳои умумӣ ва вазифаҳои фаъолиятро дар соҳаи назорати демократии қӯшунҳо ва сохторҳои мудофиавӣ муайян мекунад) мубоҳисаро дар бобати пешравиҳои бадастоварда дар татбиқи Кодекси одоби САҲА дар бар мегирад. Вале дар Нақшаи амалҳои марбут ба шомилшавӣ (НАШ с. 1999) – ҳуҷҷате, ки барои кӯмак расонидан ба давлатҳо дар омодагӣ ба шомил шудан ба НАТО таҳия карда шуд, Кодекси одоб зикр карда намешавад: дар Қисми 1-и Нақшаи амалҳо давлатҳои номзад ӯҳдадор мешаванд, ки

[29] Дин, op. cit., саҳ. 297. Аслан, «вайрон кардани меъёрҳо ба оқибатҳои моралҳнқе оварда мерасонад» (Хенниг, op.cit., саҳ. 284).
[30] Шарикӣ ба хотири сулҳ, Ҳуҷҷати қолабӣ: 3б.
[31] ниг.ба предқд.: предпоследнее замечание 6.

мунокишаҳои наҷодӣ ва экстраҳудудиро бо роҳи сулҳҷӯёна (дар асоси принсипҳои САҲА (.§ в) ҳаллу фасл намоянд, инчунин назорати зарурии мутобиқи демократӣ ва граҷдании қувваҳои мусаллаҳи ин кишварҳоро ба роҳ монанд (§ г).

Баъди шомил шудан ба НАТО ё/ва ба Иттиҳоди Аврупо давлатҳо камтар манфиат доранд, ки минбаъд низ баландшавии босубот ва дарозмуддати сифати назорати демократии қувваҳои мусаллаҳи худро таъмин намоянд. Хушбахтона, ҳамаи давлатҳои собиқ ва ҳозира, инчунин давлатҳои номзаде, ки барои узвият дар НАТО талош доранд, аъзоёни САҲА мебошанд. Бо шомил будан ба САҲА ин давлатҳо бо муқаррароти Кодекси одоб алоқаманданд ва иҷро кардани ин ӯҳдадориҳо предмети назорат маҳсуб мешавад.

16. Тафсири мазкур диққатро ба он сархатҳои Кодекс равона месозад, ки онҳо ба назорати демократӣ ва истифодаи қувваҳои мусаллаҳ вобастаанд (Қисмҳои VII ва VIII). Тафсир аз ду гурӯҳи сарчашмаҳо иборат мебошад. Дар гурӯҳи якум пешниҳодҳои расмӣ мавҷуданд, ки дар асоси онҳо гуфтушунидҳо оид ба Кодекси одоб бурда мешуданд[32]. Ба гурӯҳи дуюм як қатор ҳуҷҷатҳои пешакӣ матраҳкардаи Ҳамоҳангсоз раванди пешбарии пешниҳодҳо, аз тарафи Ҷеймс Хиндс дохил мешаванд. Ин гурӯҳ «тақризҳои аналитикӣ» ва «пешниҳодҳои» умумӣ ё як қатор маҷмӯаҳои самти тахассусӣ доштаро оид ба мавзӯъҳо, чунончи, назорати аслиҳа ва халъи силоҳ, назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ ва щ. дар бар мегирад. Новобаста ба он ки ҳуҷҷатҳо барои истифодаи дохилӣ таҳия шудаанд ва характери щайрирасмӣ доранд, як қисми ин ҳуҷҷатҳо таҳти рақами силсилавии «ДОК»[33] интишор гардид.

17. Тафсири мазкур мазмуни мухтасари Кодекси одобро марбут ба ҷанбаҳои низомӣ-сиёсии амният пешниҳод медорад[34].

---

[32] Ҳамаи онҳо ҳамчун замимаҳои 3 ва 9 ба тафсир омадаанд.

[33] Муаллиф миннатдории худро нисбати кӯмаке, ки хонума Элис Немтсова ва ҳайати кормандони коргоҳи САҲА дар Прага расониданд, баён менамояд.

[34] Қобили қайд аст, ки дар ҷараёни конфронси ҷории дуюм оид ба Кодекси Одоб Голландия ба зарурати таъсис додани «роҳбарият» оид ба Кодекси Одоб ишора кард, ки мақсади он танзими татбиқи Кодекс мебошад (Форум оид ба ҳамкорӣ ва амният аз 19 июли с. 1999).

# МУНДАРИҶАИ КОДЕКСИ ОДОБ МАРБУТ БА ҶАНБАҲОИ НИЗОМӢ-СИЁСИИ АМНИЯТ

## Пешгуфтор:

Тарафҳое, ки дар Кодекс баррасӣ карда мешаванд (сархати 1). Асосноккунии Кодекси одоб (сархати 2). Мақоми доимо баланди принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ (сархати 3). Мақоми доимо баланди ӯҳдадориҳои САҲА (сархати 4). Қабули Кодекси одоб (сархати 5).

1. Тасдиқи амнияти пурвусъат ва коллективӣ, изҳори принсипи ҳамбастагӣ: тасдиқи пурраи ӯҳдадориҳои САҲА (§ 1). Тасдиқи консепсияи амнияти пурвусъат. Тасдиқи ҷудонопазирии амният дар минтақаи САҲА ва берун аз он. Тасдиқи муносибати коллективӣ ба консепсияи амният (§ 4). Изҳори принсипи ҳамбастагӣ (§ 5).

2. Тасдиқи ӯҳдадории ҳамкорӣ бар зидди терроризм. Тасдиқи ӯҳдадории марбут ба андешидани тадбирҳои муносиб бо мақсади решакан кардани терроризм дар ҳама гуна зуҳуроташ ( § 6).

3. Тасдиқи аҳамияти якхелаи принсипҳои Санади хотимавии Хелсинки ва ӯҳдадории кӯмак накардан ба давлатҳои таҷовузкор. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои марбут ба амнияти давлатҳои узви САҲА. Тасдиқи ҳуқуқи худмудофиакунӣ. Тасдиқи ҳуқуқи интихоби озоди воситаҳои таъмини амнияти худӣ (§ 8). Тасдиқи ҳуқуқи узвият дар эътилофҳо ва нигоҳ доштани нейтралитет. +ҳдадории нигоҳ доштани иқтидори ҳарбӣ, мутаносиб бо эҳтиёҷоти инфиродӣ ё коллективӣ (§ 12). +ҳдадории муайян кардани иқтидори ҳарбии худ дар асоси расмиёти миллии демократӣ. Роҳбарӣ бо мақсади ҳарчи беҳтар маънидод кардани принсипҳои назорати демократӣ ва истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ дар дохили давлатҳои узви САҲА ва берун аз онҳо, ки дар Кодекси одоб сабт шудаанд, инчунин танзими татбиқи онҳо.

# ПЕШГУФТОР

| |
|---|
| ***Мазмуни мухтасари Пешгуфтор: Тарафҳои Кодекс (§ 1). Асосноккунии Кодекси одоб (§ 2). Мақоми доимо баланди принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ (§ 3). Мақоми доимо баланди ӯҳдадориҳои САҲА (§ 4). Татбиқи Кодекси одоб (§ 5).*** |
| **I. Тасдиқи такрории амнияти том ва амнияти коллективӣ**: Тасдиқи кулли консепсияи амният (§ 2). Тасдиқи ҷудонопазирии амният дар минтақаи САҲА ва берун аз он (§ 3). Тасдиқи таъмини амнияти дар ҳамкорӣ асосёфта (§ 4). Изҳори принсипи ҳамбастагӣ (§ 5). |
| II. Тасдиқи ӯҳдадории ҳамкорӣ бар зидди терроризм: тасдиқи ӯҳдадории марбут ба андешидани тадбирҳои муносиб бо мақсади пешгирӣ ва мубориза бо терроризм. |
| III. Тасдиқи аҳамияти якхелаи принсипҳои Санади хотимавии Хелсинки ва ӯҳдадории кӯмак накардан ба давлатҳои таҷовузкор: тасдиқи аҳамияти якхелаи принсипҳои Санади хотимавии Хелсинки (§ 7); тасдиқи ӯҳдадории кӯмак накардан ба давлатҳои таҷовузкор (§ 8). |
| IV. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои давлатҳои узви САҲА дар соҳаи амният: тасдиқи ҳуқуқи худмудофиакунӣ (§ 9). Тасдиқи ҳуқуқи озодона муайян кардани манфиатҳои амнияти худ (§ 10), тасдиқи ҳуқуқи мансубият ба шартномаҳои иттифоқӣ ва нигоҳ доштани нейтралитет (§ 11). +ҳдадории марбут ба дастгирии ҳамон иқтидори ҳарбие, ки бо эҳтиёҷоти инфиродӣ ё коллективӣ дар соҳаи амният мутаносиб аст (§ 13). Додани ваколатҳои ҷойгиркунии қувваҳои мусаллаҳ дар ҳудуди дигар давлати аъзо мутобиқи созишномае, ки онҳо ихтиёран ва дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ (§ 14) таҳия кардаанд. |
| V. Тасдиқи аҳамияти назорати аслиҳа, халъи силоҳ ва таҳкими эътимод ва амният: аҳамияти бовиҷдонона амалӣ кардани назорати аслиҳа, халъи силоҳ ва ӯҳдадориҳо оид ба зиёд кардани эътимод ва амният (§ 15). Тасдиқи ӯҳдадории марбут ба назорати аслиҳа, халъи силоҳ ва тадбирҳо оид ба зиёд кардани эътимод ва амният дар минтақаи САҲА (§ 16).<br>VI. Тасдиқи ҳамкорӣ бо мақсади пешгирии мунокишаҳо ва идоракунии бӯҳронҳо: ҳамкорӣ тариқи фароҳам овардани шароитҳои солими иқтисодӣ ва экологӣ, бо мақсади муқобилат ба зиёд шудани шиддатнокӣ, ки метавонад ба мунокиша оварда расонад (§ 17). Тасдиқи аҳамияти баробари ҳамкорӣ дар марҳилаҳои гуногуни идоракунии мунокиша (§ 18). Тасдиқи ҳамкорӣ барои дастгирии чорабиниҳои |

| |
|---|
| кӯмаки башардӯстона ва ҳаллу фасли сулҳҷӯёнаи мунокишаҳои ҳарбӣ (§ 19). |
| VI. Тасдиқи ҳамкорӣ бо мақсади пешгирии мунокишаҳо ва идоракунии бӯҳронҳо: ҳамкорӣ тариқи фароҳам овардани шароитҳои комили иқтисодӣ ва экологӣ бо мақсади мухолифат кардан ба зиёд шудани шиддатнокӣ, ки метавонад ба мунокиша оварда расонад (§ 17). Тасдиқи аҳамияти баробари ҳамкорӣ дар марҳилаҳои гуногуни идоракунии мунокишаҳо (§ 18). Тасдиқи ҳамкорӣ барои дастгирии чорабиниҳои кӯмаки башардӯстона ва ҳаллу фасли сулҳҷӯёнаи мунокишаҳои ҳарбӣ (§ 19). |
| VII. Назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ: асосноккунии назорат (§ 20).<br>Афзалияти ҳокимиятҳои ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта, ки қонунияти демократиро бар қувваи ҳарбӣ доранд (§ 21). Роҳ додан ё маҳдуд кардани шаффофият ва дастрасии ҷамъиятӣ ба хароҷот барои мудофиа тариқи мақомоти қонунгузори худ (§ 22). Нейтралитети сиёсии қувваҳои мусаллаҳ ва эҳтироми ҳуқуқҳои граҷданини ҳайати шахсии он (§ 23). Тадбирҳо оид ба пешгирии истифодабарии тасодуфӣ ё беиҷозати воситаҳои ҳарбӣ (§ 24). Нораво будани мавҷудияти қувваҳое, ки ба мақомоти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта ҳисоботдиҳанда нестанд (§ 25). Фароҳам овардани шароитҳое, ки дар онҳо нерӯҳои низомигардонидашуда аз касб кардани қобилиятҳо барои иҷро кардани вазифаҳои ҳарбии берун аз қолабе, ки бо он мақсад ин қувваҳо таъсис дода шудаанд, худдорӣ менамоянд (§ 27). Фароҳам овардани шароитҳое, ки дар онҳо ҷалб кардани ҳайати шахсӣ ба хизмат дар қувваҳои ҳарбӣ ё нерӯҳои низомигардонидашуда мутобиқи ӯҳдадориҳои ҳуқуқии он ва дигар ӯҳдадориҳо нисбати ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ амалӣ мегардад (§ 27). Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ, аз ҷумла имконияти озод кардан аз хизмати ҳарбӣ ё гузаштани хизмати алтернативӣ (§ 28). Дар давлатҳои худ васеъ паҳн кардани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи байналмилалии башар марбут ба амалиётҳои ҳарбӣ (§ 29). Фароҳам овардани шароитҳое, ки дар онҳо ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ бо муқаррароти ҳуқуқи байналмилалии башар ошно гардад (§ 30). Ҳисоботдиҳии шахсии ҳайати фармондеҳӣ ва тобеъонаи қувваҳои мусаллаҳ мутобиқи қонунгузории миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ (§ 31). Фароҳам овардани шароитҳое, ки дар онҳо ҳайати шахсии қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амният аз ҳуқуқҳои инсон истифода |

| |
|---|
| бурда тавонад (§ 32). Тартиботи маъмурӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои тамоми ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ.<br>VIII. Истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ барои мақсадҳои демократӣ: Мутобиқати роҳбарикунӣ, пуррагардонӣ бо ҳайати шахсӣ, омодагӣ ва таҷҳизи қувваҳои мусаллаҳ ба ҳуқуқи байналмилалии башар (§ 34). Мутобиқати сиёсати мудофиавӣ ва доктрина ба ҳуқуқи байналмилалӣ ва Кодекси одоб (§ 35). Фароҳам овардани шароитҳое, ки дар онҳо қарор дар бораи сафарбар кардани қувваҳои мусаллаҳ барои иҷрои вазифаҳо дар соҳаи амнияти дохилӣ ба волоияти ҳуқуқ тобеъ аст ва мутобиқати ин вазифаҳо ба эҳтиёҷоти мавҷуда дар амалҳои маҷбурӣ (§ 36). Истифода набурдани зӯроварӣ бо мақсади маҳдуд кардани амалигардонии сулҳҷӯёна ва қонунии ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои граҷданӣ ё бо мақсади маҳрум кардани ин нафарон аз ҳувияти миллӣ (§ 37). |
| IX. Омодакунӣ барои татбиқ: масъулият барои риояи Кодекси мазкур (§ 38). |
| X. Муқаррароти хотимавӣ: ӯҳдадориҳои сиёсии Кодекси мазкур ва санаи қувваи қонунӣ пайдо кардани он (§ 39). Арзишнокии тағйирнопазири ӯҳдадориҳои САҲА (§ 40). Инъикоси ӯҳдадориҳои Кодекс дар ҳуҷҷатҳои дохилии мутобиқ, расмиёт ё воситаҳои ҳуқуқӣ (§ 41). Интишор ва паҳнкунии ҳамаҷояи Кодекс дар сатҳи миллӣ (§ 42). |

## ҚИСМИ VII: НАЗОРАТИ ДЕМОКРАТИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ

**Мӯҳтавои Қисмҳои VII**: ***Афзалияти ҳокимиятҳои ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта, ки қонунияти демократиро бар қувваи ҳарбӣ доранд (§ 21). Роҳ додан ё маҳдуд кардани шаффофият ва дастрасии ҷамъиятӣ ба хароҷот барои мудофиа тариқи мақомоти қонунгузори худ (§ 22). Нейтралитети сиёсии қувваҳои мусаллаҳ ва эҳтироми ҳуқуқҳои граҷдании ҳайати шахсии он (§ 23). Тадбирҳо оид ба пешгирии истифодабарии тасодуфӣ ё беиҷозати воситаҳои ҳарбӣ (§ 24). Нораво будани мавҷудияти қувваҳое, ки ба мақомоти ба тариқи конститутсионӣ таъсис додашуда ҳисоботдиҳанда нестанд (§ 25). Фароҳам овардани шароитҳое, ки дар онҳо нерӯҳои низомигардонидашуда аз касб кардани қобилиятҳо барои иҷро кардани вазифаҳои ҳарбии берун аз қолабе, ки бо он***

***мақсад ин қувваҳо таъсис дода шудаанд, худдорӣ мекунанд (§ 26). Фароҳам овардани шароитҳое, ки дар онҳо ҷалб кардани ҳайати шахсӣ ба хизмат дар қувваҳои ҳарбӣ ё нерӯҳои низомигардонидашуда мутобиқи ӯҳдадориҳои ҳуқуқии он ва дигар ӯҳдадориҳо нисбати ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ амалӣ карда шавад (§ 27). Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ, аз ҷумла имконияти озод кардан аз хизмати ҳарбӣ ё гузаштани хизмати алтернативӣ (§ 28). Дар давлатҳои худ васеъ паҳн кардани ҳуҷҷатҳо оид ба ҳуқуқи байналмилалии башар марбут ба амалиётҳои ҳарбӣ (§ 29). Фароҳам овардани шароитҳое, ки дар онҳо ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ бо муқаррароти ҳуқуқи байналмилалии башар ошно гардад (§ 30). Ҳисоботдиҳандагии шахсии ҳайати фармондеҳӣ ва тобеъонаи қувваҳои мусаллаҳ мутобиқи қонунгузории миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ (§ 31). Фароҳам овардани шароитҳое, ки дар онҳо ҳайати шахсии қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амният аз ҳуқуқҳои инсон истифода бурда метавонад (§ 32). Тартиботи маъмурӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои тамоми ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ (§ 33).***

Қисмҳои VII ва VIII-и Кодекси одоб ба назорати граҷдании демократии қувваҳои мусаллаҳ ё ба ибораи дигар ба «мақомоти амният» бахшида шудаанд [35]. Ин муаммо барои САҲА нав набуд.

а. Дар ҳуҷҷати Копенгаген оид ба рушди инсон аз 29 июли с. 1990 давлатҳои узви САҲА чунин шумориданд, ки мувофиқи талаботи волояти ҳуқуқ дар байни дигар унсурҳо риояи зарурати қувваҳои ҳарбӣ ва полис зери назорат қарор дорад ва ба ҳокимияти граҷданӣ ҳисоботдиҳанда буда метавонанд (сархати 5.6).

Дар ҳуҷҷати Маскав оид ба меъёргирии инсон аз 3 октябри соли 1991, давлатҳои узви САҲА як қатор ӯҳдадориҳои умумиро вобаста қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда, амнияти дохилӣ ва разведка, инчунин фаъолияти полис қабул карданд. Онҳо ӯҳдадориҳои ба ихтиёр додани нерӯҳои худ, хадамот ва фаъолияти худро барои

[35] Тавре Теодор. Х. Винклер тазаккур медиҳад (Идоракунии тағйирот. Ислоҳот ва назорати демократии мақомоти амният ва тартиботи байналмилалии Ҷенева, НДҚМ. Ҳуҷҷати 1, 2002, саҳ. 5), консепсияи «мақомоти амният» соли 1997 дар дохили давраҳои академии бритонӣ ташаккул ёфтааст. Аз рӯи таҳлили консепсия, ниг.ба ҳуҷҷатҳои нашркардаи НДҚМ дар соли 2002: Тимоти Едмундз (Мақомоти Амният. Консепсия ва татбиққунӣ), Ханс Борн (Назорати демократии мақомоти амният. Ин чӣ маъно дорад?) ва Вилгелм Германн (Баҳодиҳии маҳакҳои муваффақияти ислоҳоти мақомоти амният. Эҳтиёҷоти амалӣ ва муаммоҳои методологӣ).

идоракунии самаранок ва назорат аз тарафи муассисаҳои мутобиқи граҷданӣ (сархати 25.1), дастгирии (дар ҳолати зарурӣ, таҳким бахшидани) назорати иҷроияи истифодаи ин қувваҳо ва нерӯҳо (сархати 25.2) ва қабули тадбирҳои муносиб оид ба ташкил ва дастгирии назорати самараноки тамоми қувваҳо, нерӯҳо ва фаъолият аз тарафи мақомоти қонунгузор (сархати 25.3) ба дӯш гирифтанд. Ин ӯҳдадориҳо дар асоси пешниҳод оид ба «назорати граҷдании қувваҳои ҳарбӣ ва қувваҳои амният» дар гуфтушунидҳои Венгрия ва Иёлоти Муттаҳида таҳия карда шуданд; онҳо тамоми муқаррароти ин пешниҳодро, ба истиснои муқаррароте, ки ба давлатҳои узви САҲА «таъсис додан ё иҷозат додани чунин қувваҳоро берун аз ҳокимияти иҷроия» манъ мекунад, инъикос намуданд[36].

Қисми VII-и Кодекси одоб тавсифи мукаммал ва илова ба ӯҳдадориҳои дар ҳуҷҷати Маскав баёншуда мебошад. Бо назардошти мавҷудияти анъанаҳои гуногуни миллӣ дар минтақаи САҲА, бахш ҳамчун қолаб барои навъи объективӣ ё субъективии назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ баромад намекунад[37].

Параграфҳои 20 ва 23, ки бо параграфҳои 34 ва 37 пурра карда шуда, якҷоя Қисми VIII-ро ташкил медиҳанд, танҳо хусусиятҳои умумии чунин низомро мефаҳмонанд, яъне: афзалияти қувваи демократии конститутсионии граҷданӣ бар қувваи ҳарбӣ (§§ 21-26), итоат кардани қувваҳои мусаллаҳ ба меъёрҳо ва таъйидномаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ (§§ 29, 30, 31, 34 ва 45, эҳтироми ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосии ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ (§§ 23, 27, 28, 32, 33) ва дастурдиҳӣ оид ба истифодаи қувваҳои мусаллаҳ бо мақсади нигоҳ доштани амнияти дохилӣ (§§ 36 ва 37).

Ба щайр аз пешгирии истифодабарии щайриконститутсионии қувваҳои мусаллаҳ барои таъмини амнияти дохилӣ ва ҳимоя аз таҳдидҳои беруна, вазифаи Қисмҳои VII ва VIII умуман дар паҳн кардани консепсияи волоияти ҳуқуқ, ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқи байналмилалии башар дар ҷузъу томҳои ҳарбии дохили давлатҳои узви САҲА мебошад.

---

[36] САҲА/ CHDM.43 аз 26 сентябри с. 1991. Матни пешниҳод бо дастгирии Албания. (САҲА/ 43/Иловаи 1 аз 30 сентябри с. 1991), ҳамчун замимаи 1 ба тафсири мазкур барқарор карда шуд.

[37] САҲА/ CHDM.43/Add 1 аз 26 сентябри с. 1991. Матни пешниҳод бо дастгирии Албания. (САҲА/ 43/Иловаи 1 аз 30 сентябри с. 1991), ҳамчун замимаи 1 ба тафсири мазкур барқарор карда шуд.

Эътироф кардани щайриқонунӣ будани истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ аз тарафи низомҳои миллатгароӣ ва шӯравӣ бо мақсади ҳукмравоӣ бар давлатҳои аврупоӣ ва тарсонидани аҳолии худ давлатҳоро барои дохил кардани ин муқаррарот ба Кодекси одоб мустақиман манфиатдор мекард. Муқаррароти Қисмҳои VII ва VIII бо мақсади идома додани татбиқи ин таҷриба дар низомҳои нави демократии дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ташкилшаванда, инчунин дар минтақаи балкан ҷавҳари сабақҳои амалан аз демократияҳои щарбӣ андӯхташуда гардиданд [38].

**Параграфи 20: Асосноккунии назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ**

**Давлатҳои аъзо назорати сиёсии демократии қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда, қувваҳои амнияти дохилӣ, инчунин хадамотҳои иктишофӣ ва полисро ҳамчун унсури ивазнашавандаи субот ва амният баррасӣ менамоянд. Онҳо ба муттаҳидкунии қувваҳои мусаллаҳи худ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ чун зуҳуроти муҳими демократия мусоидат хоҳанд кард.**

Параграфи мазкур консепсияи «назорати сиёсии демократии қувваҳои мусаллаҳ»-ро, ки ба таври норавшан дар ҳуҷҷати Маскав с. 1991 байн шудааст, ворид мекунад. Параграф ҳамчунин асосноккунии назорати сиёсии демократиро шарҳ дода, гурӯҳҳои бо ин консепсия баррасишавандаро номбар мекунад. На параграфи 20, на дигар параграфи Кодекси одоб шарҳи ин консепсияро надоранд.

Назорати сиёсии демократии қувваҳои мусаллаҳ панҷ гурӯҳи аллакай дар ҳуҷҷати Маскав баёншударо дар бар мегирад: қувваҳои мусаллаҳ, қӯшунҳои низомигардонидашуда, қувваҳои амнияти дохилӣ, инчунин хадамоти махсуси иктишофӣ ва полис – ба ибораи дигар ҳамаи унсурҳои муҳимтарини мақомоти амният, ба истиснои хадамоти сарҳадӣ[39]. Дар ин рӯйхат се гурӯҳи аввал аз ду гурӯҳи дигар бо мафҳуми

[38] Дин, op.cit., саҳ. 291 ва 295.

[39] Бо вуҷуди ин, аз замони қабули Кодекси одоб, Бюро оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқҳои инсон як қатор барномаҳои марбут ба демократикунониро, ба монанди тренингҳо оид ба ҳуқуқҳои инсон барои хизматчиёни қӯшунҳои сарҳадӣ амалӣ гардонид. Оид ба қӯшунҳои сарҳадӣ ниг.ба Элис Хиллс: Муттафиқкунии демократия. Касбият, принсипҳои демократӣ ва хадамотҳои сарҳадӣ (14 саҳ.), инчунин хадамотҳои назорати сарҳадӣ ва ислоҳоти мақомоти амният (32 саҳ.) Женева, НДҚМ, ҳуҷҷати 27 ва 37.

«инчунин» махсус ҷудо карда шудааст. Дар ҳақиқат, параграфи 20 ҳамчун пешгуфтори хурд баромад мекунад. Ин сархат ягона сархатест, ки дар он ҳамаи панҷ гурӯҳ баён гардидааст. Параграфҳои минбаъдаи Қисмҳои VII ё се гурӯҳи аввалро зикр мекунад (§§ 21, 27, 32 ва пешниҳоди якуми § 20), ё танҳо мафҳуми «қувваҳои мусаллаҳ»-ро баён менамояд (§§ 22, 23, 28, 30, 31 ва пешниҳоди дуюми § 20)[40].

Барои аксарияти давлатҳои узви САҲА гурӯҳи «хадамоти иктишофӣ» ва «полис» осебпазир буданд. Бинобар ин, вақте ки ин гурӯҳҳо боз дар дигар ҷойҳо щайр аз сухани ифтитоҳии характери умумии эълонкунӣ дошта ёдовар мешуданд, ба ҳамфикрӣ муваффақ нагардиданд. характери умумии ошкоро доранд. Бо назардошти гуногунии хусусиятҳои миллӣ ва таърихӣ дар минтақаи САҲА, Кодекси одоб ягонтои он панҷ гурӯҳи дар боло зикршударо маънидод намекунад. Умуман:

- вақте ки мафҳуми «қувваҳои мусаллаҳ» дар Кодекси одоб истифода бурда мешавад, чунин ҳисобидан бамаврид аст, ки дар матни мазкур, ҳамаи панҷ гурӯҳ неву балки қӯшунҳои доимии артиш дар назар дошта мешавад[41].

- нисбати гурӯҳи «нерӯҳои низомигардонидашуда» муфассалан дар параграфи 26 баён шудааст ва он дар муқаррароти «қувваҳое, ки ба ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта ҳисоботдиҳанда нестанд ё назорат намешаванд» низ дар параграфи 25 (қӯшунҳои щайримунтазам) зикр шудааст.

- Гурӯҳи «қувваҳои амнияти дохилӣ», «хадамоти иктишофӣ» ва «полис» аз доираи параграфи 20 намебароянд[42]. Вале дар параграфи 36 ба таври ҷолиб «қувваҳои мусаллаҳи» салоҳияти иштирок кардан дар «рисолати нигаҳдории амнияти дохилӣ» дошта зикр шудаанд.

---

[40] Ғайр аз ин, мафҳуми норавшан ифодашудаи «қувваҳо» дар параграфҳои 25 ва 33 истифода шудааст. Дар Қисми VII (параграфҳои 34-37) истинод танҳо ба «қувваҳои мусаллаҳ» оварда мешавад.

[41] Дар пешниҳоди худ оид ба «Назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ ва истифодабарии онҳо», Венгрия ибораи «қувваҳои мусаллаҳ»-ро бо фарогирии қувваҳои ҳарбӣ ва низомигардонидашуда, инчунин қувваи амнияти дохилӣ, хадамотҳои иктишофӣ ва полис истифода бурд (САҲА/ FSC/SC.25 аз 23 феврали с. 1994).

[42] Дар бораи ин гурӯҳҳо ниг.ба НДҚМ: Хадамотҳои иктишофӣ ва демократияи НДҚМ (ҳуҷҷати рақами 13) Ханс Борн: Назорати демократӣ ва парлумонии хадамотҳои иктишофӣ. Мисолҳо ва тартибот. Ҷенева, НДҚМ, 2002, 21 саҳ. (НДҚМ ҳуҷҷати кории рақами 20) ва Дҷеймс Шептитски: Полис ва масъулият. На пути к картографияи умумии масъулият аз тарафи полис дар шароити пост-модернистии Ҷенева, НДҚМ, 2002, 25 саҳ. (НДҚМ ҳуҷҷати рақами 35).

Ҳамчунин мавҷудияти баъзе меъёрҳои (қувваи қонунӣ надоштаи) дар дохили СММ ва Шӯрои Аврупо марбут ба ин се гурӯҳ таҳияшударо қайд кардан бамаврид аст.

Дар сатҳи умумӣ Ассамблеяи Генералии СММ Кодекси одобро барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (с. 1979) бо мақсади истифодаи он дар чорчӯбаи қонунгузории миллӣ, ё ҳамчун як қатор принсипҳои барои риояи ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳияшуда ба таври тавсиявӣ интишор намуд.

Ин восита «эҳтиром ва ҳимояи худмуайянкунии шахсият, инчунин таъмини риояи ҳуқуқҳои ҳамаи шаҳрвандонро (моддаи 2) аз тарафи ҳайати афсарии ваколатҳои ҳарбӣ ва граҷданӣ дошта пешбинӣ менамояд, ҳамзамон ҳуқуқи истифодаи қувваро дар вақти зарурӣ ва дар ҳаҷме, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ кифоя аст (моддаи 3), медиҳад»[43].

Шӯрои Аврупо бошад, Ассамблеяи парлумонии он «Эъломия оид ба полис» -ро қабул карда, дар он дастур оид ба рафтори ҳайати полис дар сурати сар задани ҷанг ва рух додани дигар ҳолатҳои фавқуллода, аз ҷумла забти ҳудуди кишвар аз тарафи давлати бегона изҳор намуд.

Тамоми муқаррароти Эъломия (ба щайр аз онҳое, ки ба забткунӣ вобастаанд) «шахсон ва ташкилотҳо, аз ҷумла хадамот махфият, қувваҳои ҳарбӣ ва полис, қувваҳои мусаллаҳ ё нерӯҳои низомигардонидашудаи ӯҳдадориҳои полисӣ доштаро, вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки расмиёти ҷамъиятӣ ва амнияти давлатиро дастгирӣ мекунад дар бар мегиранд»[44]. Дар натиҷа «Кодекси аврупоии ахлоқи полис» таҳти ҳомигии Кумитаи вазоратии Шӯрои Аврупо таҳия

[43] Қарори 34/169, ки Ассамблеяи Генералии СММ 17 декабри с. 1979 қабул кардааст. Мутобиқи тафсири замимашуда, мафҳуми «кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ» аз афсарон иборат аст, хоҳ таъиншуда бошанд ва хоҳ интихобшуда, ки ваколатҳои полисиро иҷро мекунанд, хусусан ваколатҳои марбут ба боздошт кардн. Дар давлатҳое, ки ӯҳдадориҳои полис аз тарафи хадамотҳои ҳарбӣ дар либоси расмӣ ё бе он, ё хадамотҳои давлатии амният, ҳамаи афсарони чунин хадамотҳо иҷро карда мешаванд.

[44] Ассамблеяи парлумонӣ Қарори 690 ва Тавсияи 858-ро оид ба «Эъломия оид ба полис» санаи 8 маи с. 1979 қабул кард. Ниг.ба Ҳуҷҷати 4212 аз 15 январи с. 1979 (ҳисоботи Ҷон Воткинсон) Ҳуҷҷати 5523 аз 29 январи с. 1986 (дархости хаттӣ ба кумитаи вазоратӣ) ва ҳуҷҷати 5554 аз 21 апрели с. 1986 (ҷавоби кумитаи вазоратӣ). Дар марҳилаи аввал соли 1970 АПША Қарори 601-ро марбут ба татбиқпазирии конвенсияи 4-уми Ҷенева нисбати кормандони полис қабул кард.

гардида, дар баррасии Ассамблеяи парлумонӣ изҳор карда шуд. Ин Кодекси ахлоқи полис бояд Эъломияро иваз намояд[45].

Дар солҳои 1981-1982 баъзе аз аъзоёни парлумон щояи таҳияи Кодекси аврупоии ахлоқи касбиро дар қувваҳои мусаллаҳ иброз доштанд, вале Ассамблеяи парлумонӣ ин щояро дастгирӣ накард[46]. Дар солҳои 90-ум Ассамблеяи парлумонӣ масъалаи хадамотҳои иктишофиро аллакай баррасӣ карда буд. Аз ин лиҳоз, бо кӯшишҳои АПША соли 1999 Тавсияи 1402 оид ба «назорати қувваҳои амнияти дохилӣ дар давлатҳои узви Шӯрои Аврупо» манзур гардид, ки дар он дастурҳо оид ба таъмину нигоҳдории тавозуни байни ҳуқуқи амнияти миллӣ ва ҳуқуқҳои шахсияти алоҳида пешниҳод карда мешуд. Дар матн дархост ба Кумитаи Вазоратҳо оид ба масъалаи ташреҳи конвенсияи қолабӣ, ки усулҳои ташкили қувваҳои амнияти дохилӣ, воситаҳои гузаронидани амалиётҳо ва роҳҳои назорати самараноки онҳоро танзим менамояд, мавҷуд буд. Ин чунин маъно дорад, ки фаъолияти қувваҳои амнияти дохилӣ бояд аз лиҳози ҳуқуқӣ пазиро бошад (салоҳ мебуд, агар он берун аз сохторҳои низомӣ амалӣ карда шавад), зери назорати самараноки шохаҳои иҷроия, қонунгузор ва судӣ боқӣ монад (*apriori ва post factum*), танҳо тавассути бюҷети давлатӣ ва мутобиқи расмиёти муқаррааргардидаи парлумони миллӣ маблащгузорӣ шавад, тибқи Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон амалӣ карда шавад ва воситаи фишороварӣ ба мухолифин, ақаллиятҳои миллӣ ва дигар гурӯҳҳои дар мубориза бар зидди ҷинояти муташаккилона иштирокдошта нагардад[47].

Кумитаи вазоратӣ щояи конвенсияи қолабиро рад намуд. Вале қарори дигар дар бораи таъсис додани комиссияи ташхисӣ («Гурӯҳи мутахассисон оид ба қувваҳои амнияти дохилӣ») бо мақсади омода

---

[45] АПША: Ҳуҷҷати 8923 аз 15 январи с. 2001 (матни пешакӣ тарҳшуда, ки барои баррасии АПША дода шудааст) ва Ҳуҷҷати 8994 аз 9 марти с. 2001 (ҳисоботи Кевин Макнамар, ки дар он ҷавоб ба АПША мавҷуд аст).

[46] Ҳуҷҷати 4719 аз 12 маи с. 1981 (пешниҳод оид ба тавсия) ва Ҳуҷҷати 4963 аз 28 сентябри с. 1982 (пешниҳод оид ба тартибот). 29 сентябри соли 1982 АПША Қарори 411-ро (с. 1982) қабул кард, ки дар он ба қарори Бюрои худ дар бораи не приниматҳ ягон амалро дар ин самт ишора намуд ва дастур дод ба комитет оид ба корҳои ҳуқуқӣ, ки имконияти омода кардани Кодекса аврупоии ахлоқи касбиро барои қувваҳои мусаллаҳ баррасӣ намояд.

[47] Ассамблеяи парлумонӣ Тавсияи 1402-ро оид ба «назорати хадамоти амнияти дохилӣ дар давлатҳои аъзои Шӯрои Аврупо» 26 апрели с. 1999 қабул кард. Ниг.ба фармони рақами 550 (с. 1999), Ҳуҷҷати 7104 аз 13 июни с. 1994 (ворид кардани пешниҳод оид ба Қарор) ва Ҳуҷҷати 8301 аз 23 марти с. 1999 (маърӯзаи Дёрди Фрунд).

кардани маърӯза ва пешбарӣ намудани тавсияҳои нав қабул карда шуд[48].

Дар параграфи 20 давлатҳои узви САҲА чунин мешуморанд, ки назорати сиёсии демократии панҷ гурӯҳи дар боло номбаршудаи қувваҳои мусаллаҳ «унсури ҷудонопазири субот ва амният»-ро ташкил медиҳад (пешниҳоди якум) ва муттаҳидсозии минбаъдаи ин қувваҳои мусаллаҳ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ин «таҷассуми муҳими демократия» мебошад (пешниҳоди дуюм)[49]. Мафҳумҳои асосии «субот», «амният» ва «демократия» салоҳияти бунёдии назорати сиёсии демократии қувваҳои мусаллаҳ мебошад. Дар ҳақиқат, кӯмаки низомҳои демократӣ барои ба даст овардани субот ва амнияти байналмилалӣ нисбат ба кӯмаки ҳама гуна дигар низомҳо бо тақозои рафтори сулҳҷӯёна ва пешбинишаванда самараноктар аст.

Бо сабаби он ки назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ шаффофиятро пешбинӣ менамояд, он имкон медиҳад, ки шубҳаҳои давлатҳои ҳамсоя ва ҳама гуна ошӯбҳои байналмилалӣ ҳатталимкон кам карда шавад. Робитаи бевоситаи байни қувваҳои мусаллаҳ ва демократияро муқаррар намуда, параграфи 20 характери сатҳан миёнаи Кодекси одобро инъикос менамояд, ки худ воситаи меъёрии низомӣ-сиёсӣ буда, қисмҳои калонҳаҷмро (VII ва VIII) оид ба меъёргирии инсон дар бар мегирад.

Пешниҳоди дуюми параграфи 20, ки дар он сухан дар бораи муттаҳидсозии минбаъдаи қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои узви САҲА бо сохторҳои граҷдании онҳо меравад, дар назар дошта мешавад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ аллакай дар ин кишварҳо арзи вуҷуд дорад, ки инро дар соли 1994 дида намешуд ва ҳоло низ аксаран вуҷуд надоштани он назаррас аст (с. 2003).

---

[48] Ассамблеяи парлумонии Шӯрои Аврупо: Ҳуҷҷати 8907 аз 14 декабри с. 2000 (ҷавоби кумитаи вазоратӣ ба Қарори 1402).

[49] Забоне, ки Австрия ва Венгрия пешниҳод карданд, ки дар он зикр мешавад, ки назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ дар муқаррар кардани субот, амният ва демократия нақш мебозад» дар минтақаи САҲА умуман, дар дохили минтақаҳо ва дохили давлатҳои алоҳида». (CSCE/FSC/SC. 22 аз 15 сентябри с. 1993, моддаи 17 ва CSCE/FSC/SC. 25 аз 23 феврали с. 1994, саҳ. 1), дастгирӣ наёфт.

**Параграфи 21: Волоияти ҳокимиятҳои ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфтаи қонунияти демократӣ дошта, ки нисбати қудрати ҳарбӣ афзалият дорад**

Ҳар як давлати аъзо роҳбарии самаранок ва назорати қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амниятро аз тарафи мақомоти ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта, ки қонунияти демократӣ доранд, мунтазам таъмин карда, онро нигоҳ хоҳад дошт. Ҳар як давлати аъзо фишангҳоеро таъсис медиҳад, ки имконияти таъмин кардани иҷроишро бо чунин мақомоти ӯҳдадориҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ дошта фароҳам меоварад. Давлатҳои аъзо вазифаҳои чунин қувваҳоро ба таври возеҳ муқаррар намуда, ӯҳдадориҳои онҳоро дар амал кардан танҳо дар доираи конститутсия муайян хоҳад кард.

Параграфи мазкур тасдиқ мекунад, ки давлатҳои узви САҲА моҳияти назорати демократии қувваҳои мусаллаҳро ҳамчун волоияти ҳокимиятҳои ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта бо қонунияти демократӣ, ки нисбати қудрати ҳарбӣ афзалият дорад, меҳисобанд[50]. Масъулияти «ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта» будан шарти муҳим, вале нокифоя мебошад: ин ҳокимият инчунин бояд дар асоси демократӣ қонунӣ бошад. Бинобар ин, назорати сиёсии демократии қувваҳои мусаллаҳ бояд дар асоси конститутсия, аз тарафи мақомоти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта ва мақомоти демократии чунин ваколатҳои бо иродаи халқ додашуда амалӣ карда шавад. Ҳамаи ин чунин маъно дорад, ки ҳокимияте, ки дар бораи он сухан меравад, бояд дар дохили системаи тақсими ваколатҳо амал намояд, ба маънои томаш бошад, дохили системаи волоияти қонун ба амал бароварда шавад. Ғайр аз параграфи 22, ки иҷозати қонунгузорро ба хароҷот барои мудофиа дар бар мегирад, тамоми муқарраротӣ Қисмҳои VII ва VIII-и Кодекси одоб дахл дошта, (бевосита набошад ҳам) ба шохаи ҳокимияти иҷроия ва ба шохаи ҳокимияти судӣ[51] истинод намеоранд.

[50] Ин ба параграфи 25.1-и ҳуҷҷати Маскав оид ба меъёргирии инсон мутобиқат мекунад, ки дар он давлатҳои узви САҲА зарурати идоракунии самараноки қувваҳои ҳарбӣ, хадамот ва фаъолияти худ» ва назоратро аз тарафи мақомотҳои мутобиқи гражданӣ» тасдиқ мекунанд (§ 25.1).

[51] Бо ҳамин васила ҳуҷҷати Маскав оид ба меъёргирии инсон ба зарурати давлатҳои аъзои САҲА дар таъмини «назорати» татбиқ ва истифодабарии қувваҳои ҳарбӣ,

Пешниҳоди нахустини параграфи 21 ба таври умумӣ оид ба талаботе, ки аз рӯи он ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфтаи давлатҳои узви САҲА қонунияти демократӣ дошта бояд дастурдиҳии самараноки ҳайати қувваҳои мусаллаҳро дар давоми тамоми вақти муқарраршуда таъмин кунанд ва нигоҳ доранд: мафҳуми «таъмин кунанд ва нигоҳ доранд» на танҳо маънои зарурати гузаронидани дастур ва назорат кардан дорад, балки он ба маънои мунтазамӣ омадааст.

Мафҳуми «мунтазам» ба давраи осоишта ва давраи ҷанг вобастагӣ дорад. Қобили тазаккур аст, ки дар ин параграф сухан танҳо дар бораи се гурӯҳи аввал (қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда, қувваҳои амният) меравад, ки онҳо аллакай дар параграфи 20 номбар шуда буданд[52].

Аз пешниҳоди дуюм бармеояд, ки давлатҳои узви САҲА чораҳое меандешанд, ки иҷроиши ӯҳдадориҳо ва масъулиятро аз тарафи ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта бо қонунияти демократӣ кафолат медиҳанд. Ба назари аввал бори дигар такрор кардани моҳияти пешниҳоди якум лозим аст. Он чунин маъно дорад, ки давлатҳои узви САҲА ӯҳдадоранд чунин системаҳои назоратиро таъмин намоянд, ки ба ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта аз дӯши худ гирифтани ваколатҳои назорати низомиёнро роҳ намедиҳанд.

Дар пешниҳоди сеюм гуфта мешавад, ки нақш, ҳадафҳо ва ӯҳдадориҳои гурӯҳҳои дар боло зикршудаи қувваҳои мусаллаҳ бояд аз тарафи ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта бо қонунияти демократӣ ба таври возеҳ муайян карда шаванд, то ки ин ҳокимиятҳо танҳо дар асоси волоияти қонун ва аз рӯи зарурати масъулияти ҳуқуқӣ барои амалҳои худ фаъолият баранд.

Мухтасаран, параграфи 21 ҳама гуна имкониятро барои муқаррар кардани давлат дар давлат аз ҷониби низомиён сарфи назар мекунад. Вале параграф он мавқеъро, ки аз «Иттиҳоди Аврупо плюс» бармеояд, баён намекунад. Дар он гуфта мешавад, ки дар сурати назорати сиёсиро дар дохили яке аз давлатҳои аъзо ба даст овардани қувваҳои мусаллаҳ, аъзоёни ташкилот фавран тадбирҳои муносибро дар чорчӯбаи САҲА

---

хадамотҳо ва фаъолият «аз тарафи ҳокимиятҳои иҷроия ва қонунгузор» ишора кардааст (§ 25.3).

[52] Австрия ва Венгрия пешниҳод карданд, ки хадамоти разведка ва полис ба рӯйхат дохил шаванд (CSCE/FSC/SC.22 аз 15 сентябри с. 1993, саҳ. 17).

меандешанд[53]. Дар ҷараёни омода кардани ҳуҷҷат, иштирокчиёни гуфтушунид қарор доданд, ки ба мафҳуми «тадбирҳои муносиб» боз як тадбир, яъне қабул накардани қонунияти ҳама гуна ҳукумати бо роҳи ғасби ғайриқонунӣ таъсисёфта ва барқарор кардани тартиботи демократии конститутсиониро ворид намоянд[54]. Вобаста ба ин, бояд ба хотир орем, ки дар ҳуҷҷати Маскав с. 1991, ки дар натиҷаи табаддулоти нобарори давлатӣ бар зидди Михаил Горбачёв қабул шуда буд, давлатҳои узви САҲА ташкил додани қувваеро, ки мақсади он ғасби ғайриқонунии ҳокимият аз дигар давлати аъзо бар зидди иродаи халқ, ки дар интихоботи озод ва одилона ифода гардидааст, инчунин бар хилофи тартиботи қонунан муқарраршудаи конститутсионӣ мебошад, манъ карданд: мутобиқан, дар сурати аз байн бурдан ё кӯшиши аз байн бурдани ҳукумати қонунии давлати аъзо бо роҳи ғайридемократӣ, онҳо ӯҳдадор шуданд, мақомоти қонунии ин давлатро, ки ҳуқуқҳои инсон, демократия ва волоияти қонунро тарғиб мекунанд, ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд[55].

Дар чорчӯбаи қарори моҳи июли соли 1998 дар Форуми ҳамкорӣ ва амният қабулшуда, давлатҳои аъзои САҲА тартиби таъмини мубодилаи маълумотро оид ба татбиқи Кодекси одоб тавассути пурсишномаи стандартии иборат аз 10 банд муқаррар намуданд[56]. Ду унсури пурсишнома ба параграфи 21 вобастаанд: дар банди рақами 4 (ки он ҳамчунин дар параграфи 20 баррасӣ карда мешавад) талаботҳо оид ба таъмини маълумот оид ба «мақомоти ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта ва расмиёти таъмини назорати самараноки демократии қувваҳои мусаллаҳона, нерӯҳои низомигардонидашуда, қувваҳои амнияти дохилӣ, хадамотҳои иктишофӣ, ва полис» мавҷуданд, дар банди 5-и талаботҳо оид ба таъмини маълумот оид ба накш ва

[53] САҲА/ФБС/ 21 аз 30 июни с. 1993 саҳ. 12. Пешниҳоди австро-венгерӣ инчунин аз муқаррарот дар бораи он ки дар сурате, ки агар қӯшунҳои мусаллаҳона назорати сиёсии ягон давлати иштирокчро ба даст оранд, дигар давлатҳои иштирокчӣ ин амалро ҳамчун «сарчашмаи хатар» баррасӣ хоҳанд кард, иборат мебошад. (CSCE/FSC/SC. 22 аз 15 сентябри с. 1993, саҳ. 17).
[54] Моддаи рақами 3-и пешниҳоди туркӣ (CSCE/FSC/SC. 8 аз 16 декабри с. 1992), параграфи 2.13-и пешниҳоди венгерӣ (CSCE/FSC/SC. 25 аз 23 феврали с. 1994), параграфи (с.с.) Ҳуҷҷати 337 (тақризи Ҳамоҳангсоз аз 3 июни с. 1994), параграфи 16 то 551 аз 22 июли с. 1994 (қаринаи аз тарафи Ҳамоҳангсоз баррасишудаи Кодекси одоб), параграфи 26.3, ки дар тақризи пешакии Ҳамоҳангсоз аз 11 ноябри с. 1994 мавҷуд аст ва параграфи 26.3-и ҳуҷҷати кории Ҳамоҳангсоз аз 15 ноябри с. 1994
[55] Ҳуҷҷати Маскав (с. 1991): параграфҳои 17.1 ва 17.2.
[56] ФБС. ДЕК/4/98 аз 8 июли с. 1998

рисолатҳои қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амнияти дохилӣ, инчунин оид ба назорати таъмини ин амалиётҳо дар чорчӯбаи конститутсия» ҷойгир карда шудааст.

**Параграфи 22: Ба тариқи қонунӣ иҷозат додан ва маҳдуд кардани шаффофият ва дастрасии ошкоро ба маълумот оид ба хароҷот барои мудофиа.**

**Ҳар як давлати аъзо тасдиқи хароҷотро барои мудофиа аз тарафи мақомоти қонунгузори худ пешбинӣ мекунад. Ҳар як давлати аъзо ба таври бояду шояд бо назардошти талаботи амнияти миллӣ, дар хароҷоти ҳарбӣ ва шаффофият худдорӣ карда, дастрасии ошкороро ба маълумоти марбут ба қувваҳои мусаллаҳ таъмин менамояд.**

Параграфи 22, ки гурӯҳи «қувваҳои мусаллаҳ» (қӯшунҳои доимии артиш)-ро ҳамчун гурӯҳи умда баррасӣ мекунад, бо хароҷот барои мудофиа ва хароҷоти ҳарбӣ сарукор дорад. Дар асоси параграфи 25.3-и ҳуҷҷати Маскав (с. 1991), ки дар он «назорати самараноки қонунгузор»-и қувваҳои мусаллаҳ пешниҳод карда мешавад, пешниҳоди якум ӯҳдадор мекунад, ки ҳар яки давлатҳои аъзои САҲА тариқи мақомоти қонунгузори худ хароҷотро барои мудофиа, ки талаботи стандартӣ дар ҳама гуна демократияи намояндагӣ мебошад, таъмин намоянд[57]. Парлумоне, ки тариқи интихоботи озод ва одилона ташкил дода шудааст, инчунин бо тақозои салоҳияти буҷетии худ воситаи асосии назорат ва ҳисоботдиҳии қувваҳои мусаллаҳ маҳсуб меёбад[58].

Пешниҳоди дуюм ду навъи ӯҳдадориҳоро дорад:

Аз як тараф, ҳар як давлати аъзо бояд дар хароҷот барои мудофиа «вобаста ба амнияти миллӣ» худдорӣ намояд – мафҳуме, ки аз унсури субъективӣ ва маҳдудкунанда иборат аст. Дар ҷараёни омода кардани ҳуҷҷат, Полша пешниҳод намуд, ки ӯҳдадорӣ пурзӯр карда шуда, ба ҳукуматҳо муносибати сарфакорона нисбати эҳтиёҷоти мудофиавӣ

---

[57] Ғайр аз ин, параграфи 13-и Кодекси одоб ҳар як давлати аъзои САҲА-ро ӯҳдадор мекунад, ки «иқтидори ҳарбии худро дар асоси тартиботи миллии демократӣ муайян намояд ...».

[58] Дэвид Гринвуд: «Шаффофият дар буҷетҳои мудофиавӣ ва банақшагирии буҷетӣ. Ҷенева, НДҚМ, 2002, 13 саҳ. (ҳуҷҷати кории НДҚМ рақами 73).

вобаста ба банақшагирии хароҷоти ҳарбии худ, интиқоли аслиҳа ва такмил додани инфрасохтор, инчунин аз рӯи дигар ҷанбаҳои марбут ба нигоҳдорӣ ва баландкунии иқтидори ҳарбии худ тавсия дода шуд»[59]. Аксар вақт дар демократияҳои парлумонии муқарраршуда чунин мафҳумҳо натиҷаи дуандешии дурудароз марбут ба буҷет мебошанд.

Ин муқаррарот оид ба худдорӣ кардан бо истинод ба параграфи 12-и Кодекси одоб характери мусбӣ низ дорад, ки мутобиқи он ҳар як давлати аъзо бояд «танҳо ҳамон иқтидори низомиеро дастгирӣ намояд, ки он бо эҳтиёҷоти қонунии инфиродӣ ё коллективӣ дар соҳаи амният, бо назардошти ӯҳдадориҳои худ оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ» мутаносиб аст.

Аз тарафи дигар, ҳар як давлати аъзо ӯҳдадор аст, ки шаффофият ва дастрасии ошкороро ба маълумоти марбут ба қувваҳои мусаллаҳи худ таъмин намояд. Бамаврид будани шаффофияти маълумот оид ба хароҷот барои мудофиа исботи онро талаб намекунад: дар демократияҳои муқарраршуда муносибати интиқодӣ аз тарафи васоити ахбори омма ва фишори афкори умум нишондиҳандаҳои асосии мавҷудияти ҳисоботдиҳӣ ва назорат мебошанд. Аҷиб он аст, ки параграфи 22 ба ӯҳдадориҳои низоми венагии САҲА вобаста ба «банақшагирии мудофиавӣ»[60] умуман истинод намеорад.

Дар чорчӯбаи қарори моҳи июли соли 1998 дар Форуми ҳамкорӣ ва амният қабулшуда, давлатҳои аъзои САҲА тартиби таъмини мубодилаи маълумотро оид ба татбиқи Кодекси одоб тариқи пурсишномаи стандартии иборат аз 10 банд муқаррар намуданд[61]. Банди 2 ба банақшагирии миллӣ ва қабули қарорҳои марбут ба муайянкунии сиёсати ҳарбӣ, аз ҷумла нақши парлумон ва вазоратҳо, инчунин вобаста ба таъмини дастрасии ошкоро ба маълумот оид ба қувваҳои мусаллаҳ вобаста аст. Банди 2 параграфи 13-ро низ фаро мегирад.

---

[59] САҲА/ФБС/SC.5/Rev. 1 аз 18 ноябри с. 1992, саҳ. 3.

[60] Ӯҳдадориҳои вобаста ба банақшагирии мудофиавӣ дар параграфҳои 15-15.10-и қаринаи охирини ҳуҷҷати Вена оид ба бунёди эътимод мавҷуданд (с. 1999).

[61] ФБС. ДЕК/4/98 аз 8 июли с. 1998.

**Параграфи 23: Нейтралитети сиёсии қувваҳои мусаллаҳ ва ҳуқуқҳои граҷдании ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ.**

**Ҳар як давлати аъзо ба ҳар як хизматчии низомӣ имконияти амалӣ кардани ҳуқуқҳои граҷдании худро фароҳам оварда, шароит муҳайё месозад, ки қувваҳои мусаллаҳи он ба ин маънӣ нейтралитети сиёсиро нигоҳ доранд.**

Параграфи 23 бо истинод ба қӯшунҳои мунтазами артиш ҳамчун гурӯҳи умдаи «қувваҳои мусаллаҳ» тасдиқ мекунад, ки дар системаи волоияти ҳуқуқ қувваҳои мусаллаҳ танҳо воситаи қудрати сиёсӣ-шаҳрвандӣ мебошанд. Аз ин ҷо муқаррароте бармеояд, ки яке аз унсурҳои заминавии афзалияти ҳокимияти граҷданиро бар қувваи ҳарбӣ, яъне нейтралитети сиёсии роҳбарияти ҳарбиро дар дохили кишвар тасдиқ менамояд. Вале тавре дар пешниҳодҳои расмӣ тавсия карда мешавад, дар параграф аниқ карда нашудааст, ки қувваҳои мусаллаҳ набояд ба манфиатҳои «гурӯҳҳо»-и муайян ё «низомҳои щоявӣ» хизмат намоянд[62]. Вале тавре ҳайати намояндагони Юнон дар конфронси 3-юми ҷорӣ оид ба Кодекси одоб тазаккур дод, танҳо «халқҳое, ки фишори диктатура ё ҷангро аз сар гузаронидаанд, аҳамияти мавҷудияти нейтралитети қувваҳои мусаллаҳро дарк менамоянд ва онро пурра дастгирӣ мекунанд»[63].

Мутаассифона, параграфи 23 бандеро, ки дар пешниҳоди гурӯҳи «Иттиҳоди Аврупо плюс» мавҷуд аст, баён намекунад. Дар он аз ҷумла омадааст, ки дар сурати назорати сиёсии яке аз давлатҳои аъзоро ба даст гирифтани қувваҳои мусаллаҳ, аъзоёни ташкилот фавран тадбирҳои муносибро дар чорчӯбаи САҲА меандешанд[64]. Дар ҷараёни омода

---

[62] САҲА/ФБС/. аз 18 ноябри с. 1992 саҳ. 3 (Полша), ҶАҲА/ФБС/ аз 30 июни с. 1993 саҳ. 11 (пешниҳод аз гурӯҳи «Иттиҳоди Аврупо плюс»), ҶАҲА/ФБС/ аз 15 сентябри с. 1993 саҳ. 17 (Австрия ва Венгрия) ва ҶАҲА/ФБС/ аз 23 феврали с. 1994 саҳ. 2 (Венгрия). Параграфи 15.5-и қаринаи 4-уми пешакии Ҳамоҳангсоз оид ба Кодекси одоб инчунин аз пешниҳод иборат буд, ки аз рӯи он ҳар як давлат воситаҳоеро дастгирӣ мекунад, ки дар онҳо қувваҳои мусаллаҳ ба манфиатҳои гурӯҳҳои сиёсӣ ва дигар гурӯҳҳое, ки кӯшиши ба даст овардани ҳокимият доранд, хизмат намекунанд, инчунин барои ин мақсадҳо ҳукуматро мустақилона ба даст намеоранд.

[63] ФБС. Дел/212/99 аз 29 июни с. 1999

[64] САҲА/ФБС/ .21 аз 30 июни с. 1993, б. 12. Пешниҳоди австро-венгерӣ инчунин аз муқаррарот дар бораи он ки дар сурате, ки агар қӯшунҳои мусаллаҳона назорати сиёсии ягон давлати иштирокчро ба даст оранд, дигар давлатҳои иштирокчӣ ин

кардани ҳуҷҷат ҷонибҳои гуфтушунидҳо қарор карданд, ки ба мафҳуми «тадбирҳои муносиб» чунин тадбирҳоро, ба монанди эътироф накардани қонунияти ҳама гуна ҳукумати бо роҳи ғасби ғайриқонунӣ таъсисдодашуда ва барқарор кардани тартиботи демократии конститутсионӣ ворид намоянд[65]. Вобаста ба ин, бояд ба хотир орем, ки ҳуҷҷати Маскав с. 1991, ки дар натиҷаи исёни нобарор бар зидди Михаил Горбачёв қабул шуда буд, давлатҳои узви САҲА ташкил додани қувваеро манъ карданд, ки мақсади он ғасби ғайриқонунии ҳокимият аз дигар давлати аъзо бар зидди иродаи халқ, ки дар интихоботи озод ва одилона ифода гардидааст, инчунин бар хилофи тартиботи қонунан муқарраршудаи конститутсионӣ мебошад: мутобиқан, дар сурати аз байн бурдан ё кӯшиши аз байн бурдани ҳукумати қонунии давлати аъзо бо роҳи ғайридемократӣ, онҳо ӯҳдадор шуданд, мақомоти қонунии ин давлатро, ки ҳуқуқҳои инсон, демократия ва волоияти қонунро дастгирӣ менамоянд, ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд[66].

Бо назардошти он ки қувваҳои мусаллаҳ ба ин маънӣ (яъне ҳайати шахсӣ ҳамчун ҷузъи таркибии ягонаи коллективӣ) берун аз муқарраротиi пешбиникардаи қонун амал карда наметавонанд, параграфи 23 ба он ишора мекунад, ки хизматчиёни алоҳидаи низомӣ шаҳрвандонеанд, ки метавонанд ҳуқуқҳои граҷдании худро амалӣ намоянд. Муқаррароти алоҳидаи Кодекси одоб чунин мешуморанд, ки ҳар як давлати аъзо бояд шароит фароҳам оварад, то ҳайати шахсии қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амният аз ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ истифода бурда тавонад ва тавре амал намояд, ки онҳо дар ҳуҷҷатҳои САҲА ва ҳуқуқи байналмилалӣ инъикос гардидаанд ва он тибқи муқаррароти мутобиқи конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин талаботҳои хизмат (§ 32) - алалхусус, барои ҷалб кардан ё даъвати ҳайати шахсӣ ба хизмат кардан дар қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амният мутобиқи ӯҳдадориҳои

---

амалро ҳамчун «сарчашмаи хатар» баррасӣ хоҳанд кард, иборат мебошад. (CSCE/FSC/SC. 22 аз 15 сентябри с. 1993, саҳ. 17).

[65] Моддаи рақами 3-и пешниҳоди туркӣ (CSCE/FSC/SC. 8 аз 16 декабри с. 1992), параграфи 2.13-и пешниҳоди венгерӣ (CSCE/FSC/SC.25 аз 23 феврали с. 1994), параграфи (cc) Ҳуҷҷати 337 (тақризи Ҳамоҳангсоз аз 3 июни с. 1994), параграфи 16 то 551 аз 22 июли с. 1994 (қаринаи аз тарафи Ҳамоҳангсоз баррасишудаи Кодекси одоб), параграфи 26.3, ки дар тақризи пешакии Ҳамоҳангсоз аз 11 ноябри с. 1994 мавҷуд аст ва параграфи 26.3-и ҳуҷҷати кории Ҳамоҳангсоз аз 15 ноябри с. 1994.

[66] Ҳуҷҷати Маскав (с. 1991): параграфҳои 17.1 ва 17.2.

ҳуқуқӣ ва дигар ӯҳдадориҳо нисбати ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ амалӣ карда шавад (§ 27)[67]. Муқаррароти дигар давлатҳои аъзоро ӯҳдадор мекунанд, ки дар қонунҳои худ ё дар дигар ҳуҷҷатҳои мутобиқ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳро инъикос намоянд (§ 28), инчунин қабули расмиёти мутобиқи маъмурӣ-ҳуқуқиро барои ҳимояи ҳуқуқҳои ҳайати шахсии ҳамаи қувваҳои он таъмин созанд (§ 33).

**Параграфи 24: Тадбирҳо оид ба пешгирии истифодабарии тасодуфӣ ё беиҷозати воситаҳои ҳарбӣ.**

Ҳар як давлати аъзо тадбирҳоро вобаста ба пешгирии истифодабарии тасодуфӣ ё беиҷозати воситаҳои ҳарбӣ пешбинӣ карда, онро амалан нигоҳ медорад.

Параграфи 24 рӯйдодҳои характери ҳарбӣ доштаро, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои нохуш ё хатоҳо рух додаанд, баррасӣ менамояд. Параграф аъзоёни САҲА-ро ӯҳдадор мекунад, ки тадбирҳоро вобаста ба пешгирии истифодабарии тасодуфӣ ё беиҷозати воситаҳои ҳарбӣ, ки зери тобеияти онҳо ҷой доштанд, муфассалан шарҳ диҳанд; мафҳуми «пешбинӣ кардан ва амалан нигоҳ доштан» на танҳо татбиқи ин чораҳо, балки мунтазам нигоҳ доштани онҳоро талаб мекунад.

Барои САҲА масъалаи «истифодаи тасодуфии воситаҳои ҳарбӣ” бегона набуд. Ҳуҷҷати Вена с. 1990 оид ба зиёд кардани эътимод ва амният масъалаи истифодаи тасодуфии воситаҳои ҳарбиро бо сарлавҳаи «ҳамкории марбут ба рӯйдодҳои хатарноки характери низомӣ дошта» баррасӣ намуд. Дар қаринаи ниҳоии ҳуҷҷат (с. 1999), ҳуҷҷати Вена давлатҳои узви САҲА-ро ӯҳдадор мекунад, ки тариқи хабардор кардан ва шарҳ додани рӯйдодҳои таҳдидкунандаи характери низомӣ дошта дар минтақаи амали ӯҳдадориҳо оид ба зиёд кардани эътимод ва амният бо мақсади пешгирии талқини нодурусти эҳтимолӣ ва давлати дигарро фаро гирифтани оқибати он ҳамкорӣ намоянд. Давлатҳое, ки қувваҳои ҳарбии онҳо дар робита бо чунин рӯйдодҳо ҷалб карда шудаанд, бояд дар ин бора дигар давлатҳоро фавран хабардор намоянд, дар навбати худ давлатҳои дигаре, ки таъсири ин рӯйдодро дар худ доранд, ҳуқуқи

[67] Ба ҳамин мазмун, ҳар як давлати аъзои САҲА ӯҳдадор аст, ки шароит фароҳам оварад, то ки қувваҳои мусаллаҳи ин давлат мутобиқи муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ пурра гардонида шаванд, таълим дода шаванд ва аз ҳайати фармондеҳӣ иборат бошанд (§ 34-и Кодекси одоб).

талаб кардани тавзеҳи онро доранд[68]. Аҷиб он аст, ки дар параграфи 24 ҳуҷҷати Вена оид ба зиёд кардани эътимод ва амният зикр нашудааст.

Масъалаи истифодабарии беиҷозати воситаҳои ҳарбӣ аз ҷанбаҳои гуногуни муаммо иборат мебошад. Дар ҳақиқат, рӯйдоди характери ҳарбӣ дошта метавонад натиҷаи амалнопазирии сиёсӣ ё ҳатто хатогии маҳз бошад. Дар ҳар ду ҳолат ин шояд маънои онро дошта бошад, ки инҳисори давлат барои татбиқи қонунии зӯроварӣ бо ёрии воситаҳои ҳарбӣ – аз камбудӣ холӣ нест: аз ин ҷо бамаврид будани таъмин ва дастгирии тадбирҳои муносиб мутобиқи параграфи 21-и Кодекси одоб, ки дар он амалигардонии дастури самаранок ва назорати қувваҳои мусаллаҳ дар давоми тамоми вақти муқарраршуда тавсия дода мешавад ва ӯҳдадории ин қувваҳои мусаллаҳ дар амал кардан танҳо дар чорчӯбаи конститутсия муқаррар карда мешавад, назаррас аст.

**Параграфи 25: Роҳ надодан ба арзи вуҷуд кардани қувваҳое, ки ба мақомоти ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфтаи худ ҳисоботдиҳанда нестанд.**

**Давлатҳои аъзо ба мавҷудияти қувваҳое, ки ба мақомоти ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта ҳисоботдиҳанда нестанд ё назорат намешаванд, роҳ намедиҳанд ва чунин қувваҳоро дастгирӣ намекунанд. Дар ҳолате, ки агар давлати аъзо ҳокимияти худро нисбати чунин қувваҳо амалӣ карда натавонад, он метавонад бо дархост оиди гузаронидани машваратҳо дар чорчӯбаи ҶАҲА барои баррасии тадбирҳои зарурӣ муроҷиат намояд.**

Параграфи 25 мақсад гузошт, ки масъалаи «қувваҳои мусаллаҳи щайримунтазам»-ро баррасӣ намояд. Ба ин васила, дар матни нақшае, ки аз гурӯҳи «Иттиҳоди Аврупо плюс» бармеояд, ӯҳдадор кардани ҳар як давлати аъзои САҲА барои худдорӣ намудан аз ҳавасмандгардонӣ, дастгирӣ, кӯмаки бевосита ё ҳимояи қӯшунҳои щайримунтазам бо истифодаи зӯроварӣ дар ҳудуди кишвари худ, инчунин аз таълимдиҳӣ, интиқоли яроқ, либоси низомӣ, маблащгузорӣ, таъминкунӣ ё ба ибораи дигар ҳавасмандгардонӣ, дастгирӣ, кӯмаки бевосита ё ҳимояи қӯшунҳои щайримунтазам бо истифодаи зӯроварӣ дар ҳудуди дигар давлати аъзо» пешниҳод карда мешавад[69].

[68] Ҳуҷҷати венагии соли 1999 оид ба бунёди эътимод: параграфҳои 17.1 ва 17.2.
[69] ҶАҲА/ФБС/. 21 аз 30 июни с. 1993: саҳ. 13. Муқаррароти шабеҳ ба матни пешаки матраҳшудаи пешниҳоди австро-венгерӣ (ҶАҲА/ФБС. 22 аз 15 сентябри с. 1993 саҳ.

Муҳокимаҳои беманфиат, ки дар ҷараёни онҳо баъзе ҳайатҳои намояндагон кӯшиши муқаррар кардани тафовути байни қувваҳои мусаллаҳи «қонунӣ» ва «щайриқонунӣ»-и щайримунтазамро карданд, иштирокчиёни гуфтушунидҳоро водор намуданд, ки аз консепсияи «қувваҳои мусаллаҳи щайримунтазам» гузашт карда, танҳо мафҳуми на он қадар возеҳи «қувваҳое, ки ба мақомоти ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфтаи худ ҳисоботдиҳанда нестанд»-ро бетащйир монанд.

Мутобиқи дастурҳои асосии параграфи 21-и Кодекси одоб, пешниҳоди якуми параграфи 25 баён мекунад, ки чунин қувваҳо (дар дохили давлат) набояд роҳ дода шаванд ё (берун аз ҳудуди давлати аъзо) дастгирӣ карда шаванд[70].

Пешниҳоди дуюм ҳолатеро баррасӣ мекунад, ки дар он назар ба талаботи бунёдии параграфи 21 давлати аъзо имконияти истифодаи чунин навъ ваколатҳои қудратиро надорад. Дар ин сурат ба ҳукумат пешниҳод карда мешавад, ки бо дархост оиди гузаронидани машваратҳо бо дигар давлатҳо дар бобати таҳияи амалҳои ба тащйир додани вазъият нигаронидашуда мурочиат намояд.

**Параграфи 26: Таъмини боздоштани нерӯҳои низомигардонидашуда аз касб кардани қобилиятҳо барои иҷро кардани вазифаҳои ҳарбии берун аз қолабе, ки бо ин мақсад ин қувваҳо таъсис дода шудаанд.**

**Ҳар як давлати аъзо мутобиқи ӯҳдадориҳои байналмилалии худ шароит фароҳам меорад, ки нерӯҳои низомигардонидашудаи он аз касб кардани қобилиятҳо барои иҷро кардани вазифаҳои ҳарбии берун аз қолабе, ки бо он мақсад ин қувваҳо таъсис ёфаанд, худдорӣ намоянд.**

17) ва матни пешаки матраҳшудаи пешниҳоди венгерӣ (ҶАҲА/ФБС/ . 25 аз 23 феврали с. 1994, параграфи 2.9) дохил карда шуда буданд.

[70] Дар ҷараёни омода кардани ҳуҷҷат андешаҳои дуруште муҳокима карда мешуданд, ки дар онҳо таъсис додани қӯшунҳои ғайримунтазами ба ҳокимияти конститутсионӣ ҳисоботиҳанда набуда манъ карда мешавад ва ба ғайриимкон будани маҳдудкунии ҳуқуқи байналмилалӣ марбут ба масъулияти давлатҳои иштирокчӣ ё шахсони инфиродӣ – аъзоёни қӯшунҳои ғайримунтазам барои содир кардани амалҳои ғайриқонунӣ дар чаҳорчӯбаи ҳуқуқи байналмилалӣ ё қонунгузории миллӣ зикр карда мешавад, ниг.ба параграфҳои (kk) ва (ll)-и Ҳуҷҷати 337 (тақризи Ҳамоҳангсоз аз 3 июни с. 1994).

Муқаррароти ягонаи Кодекси одоб, ки ба таври истисноӣ ба масъалаи нерӯҳои низомигардонидашуда дахл дорад.

Дар ҷараёни омода кардани ҳуҷҷат кӯшишҳои Полша барои пешниҳод кардани ӯҳдадорӣ, ки аз рӯи он «ҳар як давлати аъзо аз фароҳам овардани имконият барои нерӯҳои низомигардонидашуда дар таҳия, амалигардонии ҳадафҳои муайяни сиёсии гурӯҳҳо ё ташкилотҳо ва ё ташкил ва дастгирии қудрати сиёсӣ» худдорӣ мекунад, бенатиҷа гардиданд. Полша инчунин ташаббуси истифода накардани нерӯҳои низомигардонидашударо бо мақсади канораҷӯӣ кардани маҳдудиятҳои марбут ба истифодаи қувваҳои мусаллаҳ ва шумораи онҳо»[71] ба кишварҳо пешбарӣ намуд.

Бо сабаби эътирозҳо аз тарафи Русия мусолиҳаи бадастомада, ки дар параграфи 26 баён шудааст, ба масъалаи сарфи назар кардани маҳдудиятҳо пурра неву балки бо як қисми алоҳида вобастагӣ дорад: «касб кардани қобилиятҳо барои иҷро кардани вазифаҳои ҳарбии берун аз қолабе, ки бо он мақсад ин қувваҳо таъсис дода шудаанд». Иловатан, мафҳуми «мутобиқи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ» ин майдон барои амал аст.

Масъалаи нерӯҳои низомигардонидашуда хеле осебпазир мебошад. То имрӯз давлатҳои узви САҲА наметавонистанд ҳамфикриро доир ба воридкунии эҳтимолии нерӯҳои низомигардонидашуда ба системаи мубодилаи маълумот бо мақсади пайгирии равандҳои муттаҳидшавии онҳо дар системаи назорати нерӯҳои низомигардонидашуда ба даст оваранд[72].

**Параграфи 27: Амалигардонии ҳуқуқҳои инсон дар ҷараёни ҷалб кардан ё даъват намудани ҳайати шахсӣ ба қувваҳои мусаллаҳона, нерӯҳои низомигардонидашуда ё қувваҳои амнияти дохилӣ.**

**Ҳар як давлати аъзо шароит фароҳам меорад, ки ҷалб кардан ё даъват намудани ҳайати шахсӣ барои хизмат дар қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашудаи он мутобиқи ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ ва дигар ӯҳдадориҳои марбут ба ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ сурат гирад.**

Параграфи 27 танҳо се гурӯҳи аввали қувваҳои мусаллаҳро, ки аллакай дар параграфи 20 номбар шудааст, баррасӣ мекунад: қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амнияти дохилӣ.

---

71 ҶАҲА/ФБС/ .5 /Баррасии 1 аз 18 ноябри с. 1992, саҳ. 4.
72 ФБС.ГАЛ/84/99/ .1 аз 19 июли с. 1999

Тибқи муқаррароти Кодекси одоб, ки дар он ба таври махсус қайд карда мешавад, ки хизматчиёни низомӣ ҳамун шаҳрвандон метавонанд ҳуқуқҳои граҷданини худро амалӣ намоянд (§ 23), аз ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ истифода баранд (§ 32), параграфи мазкур дастур медиҳад, ки ҳар яки давлатҳои узви САҲА бояд ҷалб кардан ё даъват намудани ҳайатҳои ҳарбӣ, низомигардонидашуда ё ҳайати қувваҳои дохилиро мутобиқи ӯҳдадориҳои САҲА ва дигар ӯҳдадориҳоро оид ба риояи ҳуқуқҳои инсон[73] таъмин намояд. Ин чунин маъно дорад, ки, масалан, ҷалб кардан ва даъват намудан бояд на дар асоси табъиз, балки дар заминаи баробарӣ амалӣ гардад.

Мақсад аз овардани мафҳуми «мутобиқи» ин имкон додан ба давлатҳои аъзо, ки эътирозҳои объективиро марбут ба хизмати ҳарбӣ (масъала дар § 28 баррасӣ карда мешавад) қабул намекунанд, ҷалб кардан ва даъват намуданро бо тартиби муқаррарӣ амалӣ намоянд.

Мутобиқи қарори моҳи июли соли 1998 дар Форуми амният ва ҳамкорӣ қабулшуда, давлатҳои узви САҲА тартиберо муқаррар намуданд, ки мубодилаи маълумотро оид ба татбиқи Кодекси одоб тариқи пурсишномаи стандартии иборат аз 10 банд[74] таъмин мекунад. Дар банди 6 талаботи пешниҳоди маълумот оид ба «расмиёти ҷалб кардан ё даъват намудани ҳайат ба қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амнияти дохилӣ» оварда шудааст.

**Параграфи 28: Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ, аз ҷумла имконияти озод кардан аз хизмат ё гузаштани хизмати ҳарбии алтернативӣ.**

**Давлатҳои аъзо дар қонунҳои худ ё дигар ҳуҷҷатҳои мутобиқ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳро инъикос хоҳанд кард. Онҳо масъалаи татбиқ кардани таҷрибаи озод карданро аз хизмати ҳарбӣ ё гузаштани хизмати алтернативӣ баррасӣ хоҳанд кард.**

[73] Ҳар як давлати иштирокчӣ инчунин ӯҳдадор мешавад, ки мутобиқати роҳбарикунӣ, пуррагардонӣ, таълимдиҳӣ ва ҳайати фармондеҳиро ба муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ (§ 34-и Кодекси одоб) таъмин намояд. Муқаррароти дигар ӯҳдадор мекунанд, ки давлатҳои иштирокӣ дар қонунҳои худ ё дигар ҳуҷҷатҳои мутобиқ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳро инъикос кунанд (§ 28), ҳамчунин қабули расмиёти мутобиқи маъмурӣ-ҳуқуқиро барои ҳимояи ҳуқуқҳои ҳайати шахсии ҳамаи қувваҳои он таъмин созад (§ 33).

[74] ФБС. Дек/4/98 аз 8 июли с. 1998

Тибқи муқаррароти дигари Кодекси одоб, ки дар онҳо ҳуқуқи хизматчиёни низомӣ барои амалӣ кардани ҳуқуқҳои граҷдании худ (§ 23) ва истифода бурдани ҳуқуқҳои инсон, инчунин озодиҳои асосӣ (§§ 27 ва 32) зикр карда мешавад, параграфи мазкур баён медорад, ки давлатҳои узви САҲА бояд ба қонунҳои худ ё чунин навъ ҳуҷҷатҳо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳайати шахсии гурӯҳи умумии «қувваҳои мусаллаҳ»-ро дохил намояд. Тибқи параграфи 33, ҳуқуқҳо (бе зикри ӯҳдадориҳо)-и тамоми ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ бояд тавассути расмиёти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ҳимоя карда шаванд.

Дар пешниҳоди нахустин мафҳуми «дар қонунҳои худ ё дигар ҳуҷҷатҳои мутобиқ» ба матнҳои характери қонунбарор дошта ва бо назардошти хусусиятҳои кишварҳои дигар (масалан, Бритониёи Кабир), ба дигар навъ матнҳо вобаста аст.

Мафҳуми «ӯҳдадориҳо»-и хизматчиён, ки дар матн якҷоя бо мафҳуми «ҳуқуқҳо» меояд, дар чорчӯбаи Кодекси одоб аввалин ва охирин маротиба истифода бурда мешавад. Асосҳои умумие, ки дар онҳо ибора оварда шудааст, осебпазирии муаммои бо масъалаи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои «шаҳрвандон дар либоси расмӣ» баровარда, ки бояд хизматчиён бошанд, инъикос менамоянд.

Мушкилиҳое, ки Ассамблеяи парлумонии Шӯрои Аврупо дар пешбурди меъёрҳо дар ин соҳа дучор гардид, қобили қайданд. Соли 1998 АПША ба тафовути ҷиддии байни давлатҳои аъзо (онҳое, ки ба ҳайати САҲА дохил мешаванд) вобаста ба мақоми ҳуқуқии ба хизмати ҳарбӣ даъватшудагон ва ҳуқуқҳои ба онҳо додашуда ишора намуд.

АПША мавҷудияти ҳолатҳо ва таҷрибаҳоро дар дохили қувваҳои мусаллаҳ, ки бо ӯҳдадориҳои Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқҳои инсон бевосита мухолифат мекунад, хусусан он ҳолатҳое, ки ба масъалаи қувваи маҷбурии корӣ (моддаи 4), додгоҳии одилона (моддаҳои 5 ва 6), озодии сухан (моддаи 10) озодии ассотсиатсияҳо (моддаи 11) ва ҳатто муносибати зӯроварона (моддаи 3) вобастаанд, носутуда ҳисобиданд – истинод ба зӯроварии аз ҳад афзун аз тарафи хизматчиёни низомии рутбаашон болотар нисбати навхизматон, ки дар мисоли таҷрибаи русиягии «зӯроварӣ нисбати наваскарон» хуб нишон дода шудааст[75]. Мутобиқан, АПША қарори 1166 (с. 1998)-ро бо даъват

[75] Вобаста ба масъалаи зӯроварӣ нисбати наваскарон, ниг.ба Илона Кисс «Ҳуқуқи даъватшавандагон дар замони осоишта: монеаҳо ва имкониятҳо барои таъмини қарорҳои судӣ ва ғайрисудӣ дар Аврупои Шарқӣ ва кишарҳои Осиёи Миёна». Чорчӯбаҳои ҳуқуқии назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ ва мақомоти амният.

кардани давлатҳои аъзо дар пешбурди амалигардонии ҳуқуқи граҷданӣ ва иҷтимоӣ, ки онҳоро даъватшавандагон бояд дар замони осоишта ва то қадри имкон дар давраи ҷанг истифода баранд, қабул кард[76].

Дар натиҷа АПША диққати худро ба як ҷанбаи муаммо равона сохт, яъне: ҳуқуқ ба ассотсиатсияи хизматчиёни низомӣ, ки ба ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ дохил мешаванд, ки он ба гурӯҳи ҳуқуқи граҷданӣ ва сиёсӣ, инчунин ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тааллуқ дорад. Бо назардошти тамоюли ҳукуматҳо барои ислоҳоти артиш аз шакли даъватӣ ба соф касбӣ, АПША қарори 1572 (с. 2002)-ро баррасӣ намуд, ки аз рӯи он кумитаи вазоратӣ бояд ҳукуматҳои давлатҳои аъзоро даъват намояд, то ба хизматчиёни қувваҳои мусаллаҳ ва хизматчиёни низомӣ барои муттаҳид шудан ба ассотсиатсияҳои намояндагӣ (бо ҳуқуқи тасдиқи музди меҳнат ва шарти кироя) маҳдудиятҳо бардошта шуда, ба ҳуқуқи онҳо ба ассотсиатсияҳо иҷозат дода шавад, иҷозати аъзои ҳизбҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ қонунии сиёсӣ будан ва ҳамаи ҳуқуқҳои мутобиқро ба нормативҳои низомӣ[77] амалӣ кардан дода шавад.

Ба ҳар ҳол, имрӯзҳо ҳуқуқҳои асосии ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ дар давлатҳои узви Шӯрои Аврупо (аз ин ҷо САҲА) «хеле маҳдуданд»[78]. Дар ҳолатҳои муайяни таҷрибаи озодии ассотсиатсияҳо, баъзе кишварҳо умуман ягон маҳдудият ворид намекунанд (Австрия, Дания, Финляндия, Норвегия, Шветсия ва Швейтсария), дар ҳоле ки дигар давлатҳо ба хизматчиёни худ имкон медиҳанд, то онҳо дар ассотсиатсияҳои касбӣ иштироки фаъол дошта бошанд, дар айни замон

---

Меъёрҳо ва асли ҳолатҳо. Зери таҳрири Биляна Ванковская. Белград, НДҚМ/Маркази муносибатҳои низомӣ-граждании дар Белград, с. 2001, саҳ. 45 ва диг.

[76] Қарори 1166 (с. 1998) оид ба амалӣ кардани ҳуқуқҳои инсон аз ҷониби даъватшавандагон санаи 22 декабри с. 1998 қабул карда шуд. Дар баъзе кишварҳо ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ то ҳол бояд аз роҳбарият пеш аз оиладор шудан иҷозат гирад. Ниг.ба АПША: параграфи 5 Ҳуҷҷати 9532 аз 2 сентябри с. 2002 (тақризи Франсиско Арнау мавҷуд аст).

[77] Қарори 1572 марбут ба ҳуқуқҳои ассотсиатсия барои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ санаи 3 сентябри с. 2002 қабул карда шуд. Ин матн Қарори 903 (с. 1998)-ро дар бораи ҳуқуқ ба ассотсиатсия барои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ, ки санаи 30 июни соли 1998 қабул гардид (ниг.ба Ҳуҷҷати 5875 аз 12 апрели с. 1988: маърӯзаи Георг Апенес), иваз намуд. Соли 2001 АПША муқаррар намуд, ки новобаста ба Қарори 903 (с. 1988), то ҳол аз нисф камтари хизматчиёни ташкилот ҳуқуқҳои худро ба ассотсиатсия барои ҳайати касбии қувваҳои мусаллаҳ эътироф накардаанд: Ҳуҷҷати 9080 аз 4 маи с. 2001 (манзур кардани пешниҳод ба кумитаи вазоратӣ оид ба таҳияи тавсияи марбут ба ин масъала).

[78] Параграфи 1 қисми дуюми Ҳуҷҷати 9518 аз 15 июли с. 2002 (ҳисоботро Агнес ван Арденн-ван дер Хёвен пешниҳод намуд).

узвияти онҳоро дар ҳизбҳои сиёсӣ танзим менамоянд (Олмон, Венгрия, Голландия ва Люксембург). Дигар давлатҳо, ба монанди Озарбойҷон, Чехия, Руминия, Словения ва Украина узвиятро дар ҳизбҳои сиёсӣ манъ мекунанд ва дар шаклҳои маҳдуд ҳуқуқ ба ассотсиатсия медиҳанд. Ниҳоят, Хорватия, Фаронса, Италия, Полша ва Югославия ба хизматчиён ташкил кардани иттифоқҳои касаба ва ҳизбҳои сиёсии худро дар дохили қувваҳои мусаллаҳ[79] манъ мекунанд.

Дар сатҳи щайриҳукуматӣ Шӯрои Аврупо оид ба ташкилотҳои даъватшавандагон (ШАТД), ки дар Шветсия ба сифати ташкилоти ҷавонон дар соли 1979 таъсис ёфта буд, ҳуқуқҳои асосии инсон, шароити бехатари меҳнат, расмиёти боадолати ҳуқуқӣ ва шароитҳои мақбули иҷтимоӣ ва иқтисодиро барои «шаҳрвандон дар либоси расмӣ» эътироф менамояд ва диққати махсусро ба вазъият бо даъватшавандагон дар Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ равона месозад. Талаботҳои ШАТД дар чорчӯбаи Хартияи аврупоии ҳуқуқҳои даъватшавандагон, ки моҳи сентябри соли 1991 (ба сифати «хартияи аврупоии иҷтимоии марбут ба даъватшавандагон») қабул гардида, моҳи сентябри соли 1996 аз нав баррасӣ шуда буд ва муқарраротии он дар замони осоишта татбиқ карда мешавад, изҳор шуда буданд.

Пешниҳоди дуюми параграфи 28-и Кодекси одоб давлатҳои узви САҲА-ро ӯҳдадор мекунад, ки масъалаи ворид кардани таҷрибаи озод карданро аз хизматӣ алтернативӣ ва ҳарбӣ «баррасӣ намоянд». Назар ба пешниҳоде, ки аз ҷониби гурӯҳи «Иттиҳоди Аврупо плюс»[80] пешбарӣ шуда буд, Кодекси одоб тамоилоти объективиро ҳамчун ҳуқуқи муқарраршуда эътироф намекунад. Мутобиқи ҳуҷҷати Копенгаген (с. 1990), ки дар чорчӯбаи он давлатҳо бо назардошти эътироф шудан аз тарафи Комиссия оид ба ҳуқуқҳои инсони СММ ҳуқуқҳои саркашии объективӣ аз хизмати ҳарбӣ, барои баррасӣ кардани қабули шаклҳои гуногуни хизмати алтернативии бо сабабҳои барои саркашии объективӣ муносиб (дар ҷое, ки он то ҳол мақбул нест) розигӣ доданд, ба шарте ки

[79] параграфҳои 19-23, қаблӣ.

[80] Ҳар як давлати иштирокчӣ ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои мутобиқи худ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ,инчунин ҳуқуқи даст кашидан аз хизмати ҳарбӣ дар асоси объективнқх уклонений ворид хоҳанд кард (ҶАҲА/ФБС/ . 21 аз 30 июни с. 1993 саҳ. 12). Ниг.ба пешниҳоди австро-венгерӣ (ҶАҲА/ФБС/ .22 аз 15 сентябри с. 1993, саҳ. 18) ва пешниҳоди венгерӣ (ҶАҲА/ФБС/. 25 аз 25 феврали с. 1994, §4.2).

ин шаклҳои хизмати алтернативӣ характери сулҳҷӯёна, шаҳрвандӣ ва ҷазоӣ доранд, инчунин ба манфиати ҷомеа мебошанд (§ 18.4)[81].

Мутобиқи қарори моҳи июли соли 1998 дар Форуми амният ва ҳамкорӣ қабулшуда, давлатҳои аъзои САҲА тартиби таъмини мубодилаи маълумотро вобаста ба татбиқи Кодекси одоб тариқи пурсишномаи стандартии иборат аз 10 банд муқаррар намуданд[82]. Дар банди 7 талаботҳо оид ба таъмини маълумот оид ба «қонунгузорӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои мутобиқи танзимкунандаи озод кардан ё имкони интихоб додан ба хизмати ҳарбӣ» мавҷуданд.

**Параграфи 29: Аз тарафи давлатҳо паҳн кардани донишҳо дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии башар ва инъикоси ӯҳдадориҳои худ дар ин соҳа дар барномаҳо ва қоидаҳои таълимии низомӣ.**

**Давлатҳои аъзо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи байналмилалии башарро марбут ба амалиётҳои ҳарбӣ васеъ паҳн хоҳанд кард. Онҳо мутобиқи таҷрибаи миллиашон ӯҳдадориҳои худро дар ин соҳа дар барномаҳо ва қоидаҳои таълимии низомӣ инъикос хоҳанд намуд.**

Параграфи 29 як қатор муқарраротро, ки давлатҳои узви САҲА-ро барои ба онҳо вогузор кардани ӯҳдадориҳои қувваҳои мусаллаҳ дар асоси ҳуқуқи байналмилалии башар, воситаҳои асосии дар параграфи 34 номбаршуда ӯҳдадор менамояд, ворид мекунад[83].

Бо истинод ба чор конвенсияи мутобиқи Женева аз соли 1949 ва **суратҷаласаҳои** иловагии онҳо аз соли 1977, пешниҳоди нахустини параграфи 29 аз давлатҳои узви САҲА паҳнкунии ҳамаҷояи донишҳои ҳуқуқи байналмилалии башарро дар ҳудуди худ[84] талаб менамояд. Ба

[81] Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқи на объективное уклонении-ро дар Қарори худ таҳти рақами 1989/59 аз 8 марти соли 1989 эътироф намуд. Шӯрои Аврупо низ ҳамин амалро бо тавсияи рақами Р (87) 8-и кумитаи вазоратӣ, инчунин тариқи фармони рақами 132-и Ассамблеяи парлумонӣ ва тавсияи 1518 (с. 2001) анҷом дод. Ҳуқуқи на объективное отклонение дар параграфи 2-и моддаи 10-уми Хартияи Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳуқуқҳои асосӣ низ мавҷуд аст (с. 2000).

[82] ФБС. Дек /4/98 аз 8 июли с. 1998

[83] Итоат кардани қувваҳои мусаллаҳ ба ӯҳдадориҳои ҳуқуқи байналмилалии башар, ки бо панҷ муқаррароти дар Қисми VII (§ 29-31) ва Қисми VIII (§§ 34-35) буда муайян карда шудаанд.

[84] Ӯҳдадории паҳн кардани ҳуқуқи байналмилалии башар дар сатҳи маҳаллӣ, дар замони осоишта ва замони ҷанг, дар моддаи 471-и Конвенсия, моддаи 48.2-и Конвенсия, моддаи 127.-3-и Конвенсия ва моддаи 144.4-и Конвенсия, инчунин дар моддаи 83-и суратҷаласаи иловагии 1 ва моддаи 19-и суратҷаласаи иловагии 2

маънои том ин ӯҳдадорӣ маънои онро дорад, ки паҳн кардани донишҳо на танҳо ба ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ, балки ба тамоми аҳолии шаҳрвандӣ дахл дорад, ки ҳимояи он бо муқаррароти ҳуқуқи байналмилалии башар таъмин карда мешавад. Ҳадафи паҳн кардани донишҳо ин баланд бардоштани сатҳи иттилоъноки аҳолӣ дар бораи принсипҳои башардӯстона ва кафолат додани эҳтироми самараноки онҳо тариқи тадбирҳои пешгирикунанда мебошад.

Андешаҳоро бо назари некбинона идома дода, бо илова кардани салоҳдиди амалӣ, пешниҳоди дуюми параграфи 29 аз давлатҳои узви САҲА талаб мекунад, ки дар асоси хусусиятҳои миллӣ мутобиқати барномаҳои таълимии ҳарбии онҳоро ба ӯҳдадориҳои дар ҳуқуқи байналмилалии башар буда[85] таъмин намоянд. Мафҳуми «дар асоси хусусиятҳои миллӣ» мавҷудияти гуногунии хусусиятҳои вуҷуддоштаро дар сатҳи маҳаллӣ дар дохили минтақаи САҲА ба эътибор мегирад.

Тибқи қарори моҳи июли соли 1998 дар Форуми амният ва ҳамкорӣ қабулшуда, давлатҳои аъзои САҲА тартиби таъмини мубодилаи маълумотро оид ба татбиқи Кодекси одоб тариқи пурсишномаи стандартии иборат аз 10 банд муқаррар намуданд[86]. Дар банди 8 талаботҳо вобаста ба дастур оид ба ҳуқуқи байналмилалии башар ва дигар қоидаҳо, конвенсияҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, ки мунокишаҳои мусаллаҳонаро танзим менамоянд, аз ҷумла барномаҳо ва қоидаҳои таълимии низомӣ муқаррар карда шуданд; банди 8 ҳамчунин дар параграфи 30 баррасӣ карда мешавад.

омадааст. Нисбати суратҷаласаҳо, Қарори 21 барномаи умумиро оид ба паҳн кардани он якҷоя бо Салиби Сурх пешниҳод менамояд.

[85] Ӯҳдадории қиёсӣ дар моддаи 47.1-и Конвенсия, моддаи 48.2-и Конвенсия, моддаи 127.3-и Конвенсия, моддаи 144.4-и Конвенсия ва моддаи 83-и суратҷаласаи иловагии 1, ки ба барномаҳои қоидаҳои гражданӣ ва ҳарбӣ истинод меорад, пешниҳод карда мешавад.

[86] ФБС.Дек/4/98 аз 8 июли с. 1998

**Параграфи 30: Шинос кардани ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ бо муқаррароти ҳуқуқи байналмилалии башар, аз ҷумла бохабар кардан дар бораи масъулияти инфиродӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ барои амалҳои худ.**

**Ҳар як давлати аъзо шароит фароҳам меорад, ки ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ бо муқаррароти ҳуқуқи байналмилалии башар, қоидаҳо, меъёрҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалии башар, марбут ба муноқишаҳои мусаллаҳона ошно бошад, инчунин бохабар бошад, ки вай масъулияти инфиродиро мутобиқи қонунгузории миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ барои амалҳои худ ба дӯш дорад.**

Параграфи 30 дар байни муқаррарот ҷои дуюмро ишғол мекунад, ки мақсади он водор кардани қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои узви САҲА ба иҷрои ӯҳдадориҳои марбут ба ҳуқуқи байналмилалии башар мебошад, воситаҳо асосии онҳо дар параграфи 34 номбар шудаанд[87]. Параграф ду масъаларо баррасӣ мекунад: шинос кардани ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ бо муқаррароти ҳуқуқи байналмилалии башар ва масъулияти инфиродии ҳайати шахсӣ барои амалҳои худ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ.

Ҳамчун хулосаи мантиқии муқаррароти марбут ба ворид кардани ӯҳдадориҳо оид ба барномаҳо ва қоидаҳои таълимии ҳарбӣ ба ҳуқуқи байналмилалии башар, пешниҳоди дуюми параграфи 30 талаботҳоеро дар бар мегирад, ки нисбати давлатҳои аъзо вобаста ба таъмин кардани ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳи онҳо бо дастурҳо ва қоидаҳо, конвенсияҳо ва ӯҳдадориҳои танзимкунандаи муноқишаи мусаллаҳона пешбинӣ шудаанд.

Пешниҳоди дуюми параграфи 30 бар он ишора мекунад, ки чунин дастурдиҳӣ аз огоҳонидани ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ дар бораи масъулияти шахсии онҳо барои амалҳои хилофи меъёрҳои мутобиқи қонунгузории миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ иборат мебошанд. Дар бобати ин ӯҳдадории иловагӣ дар параграфи 31 муфассалтар сухан меравад.

Мутобиқи қарори моҳи июли соли 1998 дар Форуми амният ва ҳамкорӣ қабулшуда, давлатҳои аъзои САҲА тартиби таъмини мубодилаи маълумотро оид ба татбиқи Кодекси одоб тариқи

[87] Итоат кардани қувваҳои мусаллаҳ ба ӯҳдадориҳои ҳуқуқи байналмилалии башар, ки бо панҷ муқаррароти дар Қисми VII (§ 29-31) ва Қисми VIII (§§ 34-35) буда муайян карда шудаанд.

пурсишномаи стандартии иборат аз 10 банд муқаррар намуданд[88]. Дар банди 8 талаботҳо вобаста ба дастурдиҳӣ оид ба ҳуқуқи байналмилалии башар ва дигар қоидаҳо, конвенсияҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, ки мунокишаҳои мусаллаҳонаро танзим мекунанд, аз ҷумла барномаҳо ва қоидаҳои таълимии низомӣ мавҷуданд; банди 8 ҳамчунин дар параграфи 29 баррасӣ карда мешавад.

**Параграфи 31: Масъулияти инфиродии ҳайати фармондеҳӣ, афсарӣ ва қатории қувваҳои мусаллаҳ дар чаҳорчӯбаи қонунгузории миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ.**

**Давлатҳои аъзо шароит фароҳам меоранд, ки ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳи ваколатҳои роҳбарикунанда дошта ин ваколатҳоро дар асоси қонунгузории мутобиқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ амалӣ намояд, инчунин бояд бохабар бошад, ки мутобиқи ин меъёрҳои ҳуқуқӣ барои иҷрои щайриқонунии чунин ваколатҳо метавонад ба ҷавобгарии шахсӣ кашида шавад ва фармонҳое, ки хилофи қонунгузории миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд, набояд дода шаванд. Масъулияти шахсони воломақом ба ҳеҷ ваҷҳ зердастонро аз масъулияти инфиродии худ озод намекунад.**

Параграфи 31 пешниҳоди сеюм аз панҷ пешниҳодест, ки мақсади он водор кардани қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои узви САҲА ба иҷрои ӯҳдадориҳои марбут ба ҳуқуқи байналмилалии башар, ки воситаҳои асосии он дар параграфи 34 номбар шудаанд[89].

Бо назардошти амали ваҳшиёнае, ки дар Босния ва Герсоговина содир гардида буд, параграфи 31 ҳамчун идомаи параграфи 30 таҳия гардид. Он масъулияти инфиродии ҳайати фармондеҳӣ, афсарон ва қатории гурӯҳи умумии «қувваҳои мусаллаҳ»-ро баррасӣ менамояд. Параграф танҳо бо масъулият маҳдуд гардида, ба мисли конвенсияи Женева с. 1949 на он қадар қатъӣ мебошад, зеро конвенсияи Женева тарафҳои аъзоро вазифадор мекунад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро дар доираи қонунгузорӣ нисбати нафарони ҷиноятҳои вазнин содиркарда татбиқ намоянд, онҳоро ҷустуҷӯ карда, (новобаста ба миллаташон), хоҳ

[88] ФБС. Дек/4/98 аз 8 июли с. 1998

[89] Итоат кардани қувваҳои мусаллаҳ ба ӯҳдадориҳои ҳуқуқи байналмилалии башар, ки бо панҷ муқаррароти дар Қисми VII (§ 29-31) ва Қисми VIII (§§ 34-35) буда муайян карда шудаанд.

дар ватанашон ва хоҳ дар хориҷи он дар назди суд ба ҷавобгарӣ кашанд[90]. Вале ҳам Кодекси одоб ва ҳам Конвенсияи Женева як хосияти умумӣ доранд: дар ҳар ду ҳуҷҷат гуфта мешавад, ки ҳуқуқвайронкунӣ набояд беҷазо монад.

Пешниҳоди нахустини параграфи 31 ба «ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ, ки ваколатҳои роҳбарикунанда доранд» дахл дорад. Ба мазмуни томаш, тавре Шветсия дар ҷараёни омода кардани ҳуҷҷат тавсия додааст, ин мафҳум аниқ намекунад, ки ҳайати афсарӣ дар назар дошта мешавад ё на. Сабаб дар он аст, ки консепсияи ваколатҳои роҳбарикунанда дар давлатҳои аъзои САҲА мафҳумҳои гуногун дорад. Вале мафҳуме, ки дар матни мазкур истифода шудааст, умумӣ буда, он ҳайати афсариро низ, ки дар ҳолатҳои алоҳида метавонад ваколатҳои роҳбарикунанда дошта бошад, фаро мегирад. Бинобар ин чунин шуморидан салоҳ аст, ки мафҳуми мазкур ба ҳамаи хизматчиёни дар ҳар сатҳ ваколатҳои роҳбарикунанда дошта дахл дорад. Ба ҳар сурат, ваколатҳои роҳбарикунанда бояд «мутобиқи қонунгузории миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ», яъне тибқи талаботҳои марбут ба риояи волоияти ҳуқуқ ва ҳуқуқи байналмилалии башар амалӣ карда шаванд, ки ин маънои рафъи фармонҳои мухолифи қонунгузории миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ бударо дорад. Дар натиҷа ва бо назардошти хусусиятҳои худ ҳар як хизматчии ҳарбие, ки ваколатҳои роҳбарикунанда дорад, дар чорчӯбаи қонунгузории миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ барои фаъолияти щайриқонунӣ масъулият дорад.

Пешниҳоди дуюми параграфи 31 хизматчиёни ҳарбии қаториро дахл дорад. Дар он ба таври возеҳ гуфта мешавад, ки онҳо ба фармонҳои додаи хизматчиёни ваколатҳои роҳбарикунанда дошта бо мақсади канораҷӯӣ кардан аз масъулияти инфиродӣ барои амалҳои содиркарда аз тарафи яке аз аскарони қаторӣ бо сарфи назар кардани волоияти қонун ва ҳуқуқи байналмилалии башар истинод оварда наметавонанд. Дар ҷараёни омода кардани ҳуҷҷат баъзе ҳайатҳои намояндагон ба Кодекси одоб ворид кардани муқarrаротеро, ки иҷрои фармонҳои щайриқонуниро аз тарафи зердастон манъ мекунад,

[90] Моддаи 49-51-и Конвенсияи 1-уми Ҷенева ва моддаи 50-53-и Конвенсияи 2-юми Ҷенева. Дар чаҳорчӯбаи суратҷаласаи иловагии 1 командуюҕие долҷнҳ обеспечитҳ недопустимостҳ совершения нарушений их аз тарафи шахсони тобеъ тавассути иттилоъ додани своих подчиненнҳх дар бораи ӯҳдадориҳои онҳо дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва пресекатҳ вайронкуниҳо тавассути амалӣ кардани ҷазоҳои дисӣиплинарнҳх ё уголовнҳх наказаний, и, дар чунин ҳолатҳо, докладқватҳ о нарушениях ба мақомотҳои салоҳиятноки миллӣ (моддаи 87).

пешбинӣ намуданд[91]. Ин тавсия аз ҷониби Федератсияи Русия рад карда шуд, дар асоси он ки муқаррароти дар боло зикршуда имкониятҳоро барои саркашӣ аз иҷрои фармон фароҳам меорад ва ба аскарони қаторӣ имкон намедиҳад, ки қонунӣ ё щайриқонунӣ будани фармони додашударо ба пуррагӣ баҳо диҳанд.

**Параграфи 32: Амалигардонии ҳуқуқҳои инсон тариқи ҳайати шахсии қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амнияти дохилӣ.**

**Ҳар як давлати аъзо шароит фароҳам меорад, ки ҳайати шахсии низомиён, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амният аз ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ истифода бурда тавонад ва тавре амалӣ намояд, ки онҳо дар ҳуҷҷатҳои САҲА ва ҳуқуқи байналмилалӣ инъикос гардидаанд ва он тибқи муқаррароти мутобиқи конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин талаботҳои хизмат инъикос ёфтаанд.**

Тибқи муқаррароти дигари зикршудаи Кодекси одоб бо зикри он ки хизматчиёне, ки шаҳрванд мебошанд, ҳуқуқи амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои граҷдании худ (§ 23), инчунин ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосии марбут ба ҷалб кардан ё даъват ба артиш (§ 27) амалӣ менамоянд, параграфи мазкур давлатҳои узви САҲА-ро ӯҳдадор мекунад, ки ба ҳайати шахсии се гурӯҳи аввали қувваҳои мусаллаҳи дар параграфи 20 номбаршуда (қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда, қувваҳои амнияти дохилӣ) имконияти истифода ва амалигардонии ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосиро фароҳам оварад.

Мафҳуми «тавре ки онҳо дар ҳуҷҷатҳои САҲА ва ҳуқуқи байналмилалӣ инъикос ёфтаанд» фақат тафовути байни далели аз ҷиҳати сиёсӣ ӯҳдадоркунанда ва воситаҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ӯҳдадоркунандаро инъикос менамояд.

[91] Ҳуҷҷати 337: «низомиён ӯҳдадор мешаванд, ки танҳо ба фармонҳои қонунан додашуда итоат кунанд; амалҳое, ки ба қонунгузории миллӣ ё ҳуқуқи байналмилалӣ, қонунҳои ҷанг мухолифанд, инчунин амалҳои характери ҷиноятӣ дошта ё амалҳое, ки боиси ҳуқуқвайронкунӣ мегарданд, наметавонанд тавассути фармонҳо ба амал баровarda шаванд, ҳайати ҳарбӣ бошад, ӯҳдадор карда намешавад, ки ба чунин фармонҳо итоат намояд; масъулияти тобеъон роҳбариятро аз иҷро кардани ӯҳдадориҳои худ озод намекунад (параграфи и и) Тақризи Ҳамоҳангсоз аз 3 июни с. 1994, Ҳуҷҷати 337 аз 8 июни с. 1994).

Мафҳуми «мутобиқи муқаррароти конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин бо талаботҳои хадамот» маънои онро дорад, ки ҳуқуқҳои шубҳанок (ҳуқуқҳои ба таври возеҳ муқаррарнашуда) метавонанд бо Конститутсия ва қонун маҳдуд карда шаванд, то ки талаботи хизмати ҳарбӣ риоя карда шавад. Чунончи, зарурати сукунат дар казармаҳо озодии инсонро дар интихоби мустақили ҷойи зист маҳдуд мекунад.

Муқаррароти алоҳидаи Кодекси одоб давлатҳои аъзои САҲА-ро ӯҳдадор мекунанд, ки онҳо дар қонунгузорӣ ё ҳуҷҷатҳои мутобиқи худ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳайати шахсии қуввахои мусаллаҳро инъикос намоянд (§ 28), инчунин риояи расмиёти муносиби маъмурӣ-ҳуқуқиро бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои ҳайати шахсӣ таъмин созанд (§ 33)[92]. Мушкилоте, ки АПША ҳангоми паҳн кардани ин меъёрҳо дучор гардид, дар параграфи 28-и Кодекси одоб тавсиф шудаанд.

**Параграфи 33: Расмиёти маъмурӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳи он.**

**Ҳар як давлати аъзо қабули расмиёти мутобиқи маъмурӣ-ҳуқуқиро барои ҳимояи ҳуқуқҳои ҳайати шахсии тамоми қувваҳои он таъмин хоҳад кард.**

Параграфи мазкур иловаи бевосита ба параграфи 32 мебошад, ки дар он зарурати ҳар яки давлатҳои аъзо дар таъмин кардани ҳайати шахсии қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амнияти дохилӣ, шароитҳо барои амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ зикр шудааст. Андешаҳои иброзшуда параграфи 28-ро низ пурра мекунанд, ки дар он ӯҳдадориҳои ҳукуматҳо оид ба инъикос кардани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ дар қонунҳои худ ё дигар ҳуҷҷатҳои шабеҳ оварда шудаанд.

Параграфи 32 ҳар яки давлатҳои узви САҲА-ро ӯҳадор менамояд, ки ҳимояи ҳуқуқҳои хизматчиёни худро тавассути расмиёти муносиби ҳуқуқӣ ва маъмурӣ таъмин кунанд – ба хизматчиён имконияти истифодаи воситаҳои зарурӣ барои амали гардонидани ҳуқуқҳи худ фароҳам оварда мешавад. Мафҳуми «расмиёти муносиби маъмурӣ» хусусияти баъзе кишварҳоро (чунончи, Бритониёи Кабир), ки дар он ҷо

[92] Дар Қисми VII ҳар як давлати иштирокчӣ ӯҳдадор аст, ки роҳбарикунӣ, пуррагардонӣ бо ҳайати шахсӣ, омодакунӣ ва таҷҳизи қувваҳои мусаллаҳи он ҷавобгӯи муқаррарори ҳуқуқи байналмилалӣ бошанд (§ 34).

расмияти ҳуқуқӣ неву бештар расмияти маъмурӣ вуҷуд дорад, ба инобат мегирад.

Тибқи қарори моҳи июли соли 1998 дар Форуми амният ва ҳамкорӣ қабулшуда, давлатҳои аъзои САҲА тартиби таъмини мубодилаи маълумотро оид ба татбиқи Кодекси одоб тариқи пурсишномаи стандартии иборат аз 10 банд муқаррар намуданд[93]. Дар банди 9 талаботҳо вобаста ба маълумот оиди «расмиёти ҳуқуқӣ ва маъмурӣ, ки ҳуқуқҳои ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳро ҳимоя мекунанд" мавҷуданд.

**Қисми VIII: Истифодабарии демократии қувваҳои мусаллаҳ.**

***Мӯҳтавои Қисми VIII: Мутобиқати пуррагардонӣ бо ҳайати шахсӣ, омодакунӣ ва таҷҳизи қувваҳои мусаллаҳи давлат бо муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ (§ 34). Мутобиқати сиёсат ва доктрина дар соҳаи мудофиаи ҳуқуқи байналмилалии башар ва Кодекси одоб (§ 35). Истифодаи қувваҳо дар корҳои дохилӣ ва тобеъ кардани ин гуна истифодабарӣ ба волоияти қонун, инчунин таъмини мутаносибии чунин истифодабарӣ бо эҳтиёҷот дар амалҳои маҷбурӣ (§ 36). Истифода набурдани қувваҳои мусаллаҳ бо мақсади маҳдудкунии сулҳҷӯёна ва қонунии амалигардонии ҳуқуқҳои инсон ё бо мақсади маҳрум кардани ин нафарон аз ҳувияти миллӣ (§ 37).***

Қисми VIII Қисми VII-ро пурра мекунад. Он аз чор параграф иборат аст. Ду қисми аввал (§§ 34 ва 35) ба масъалаи тобеъияти қувваҳои мусаллаҳ ба меъёрҳо ва таъйидномаҳои ҳуқуқи байналмилалии башар вобастаанд – масъалае, ки ҳамчунин дар параграфҳои 29 ва 31 дар чорчӯбаи Қисмҳои VII баён шудааст. Ду параграфи дигар (§§ 36 ва 37) ба истифодабарии демократии қувваҳои мусаллаҳ дар чорчӯбаи рисолатҳо оиди амнияти дохилӣ дахл доранд. Назар ба муқаррароти Қисмҳои I-VI-и Кодекси одоб, ки ҳадафи онҳо маҳдуд кардани истифодаи қувваҳои байни давлатҳои аъзо мебошад, параграфҳои 36 ва 37 қоидаҳоеро пешбарӣ мекунад, ки истифодаи зӯровариро дар дохили давлатҳои аъзо маҳдуд мекунад.

[93] ФБС. Дек/4/98 аз 8 июли с. 1998

**Параграфи 34: Мутобиқати роҳбарикунӣ, пуррагардонӣ бо ҳайати шахсӣ, омодакунӣ ва таҷҳизи қувваҳои мусаллаҳ ба муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ.**

**Ҳар як давлати аъзо шароит фароҳам меорад, ки чи дар замони осоишта ва чи дар замони ҷанг роҳбарикунӣ, пуррагардонӣ бо ҳайати шахсӣ, омодакунӣ ва таҷҳизи қувваҳои мусаллаҳи он ҷавобгӯи муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ ва ӯҳдадориҳои мутобиқи ҳуқуқӣ бошад, инчунин ба дигар ӯҳдадориҳои марбут ба истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ дар вақти мунокишаи мусаллаҳона, аз ҷумла, дар ҳоли татбиқпазир, дар конвенсияи Гаага с. 1907 ва с. 1954, конвенсияи Женева с. 1949 ва суратҷаласаҳои иловагии с. 1977 ба онҳо, инчунин Конвенсияи с. 1980 дар бораи истифодаи баъзе навъҳои яроқи муқаррарӣ мутобиқат намояд.**

Параграфи 34 муқаррароти чорум аз байни панҷ муқаррароте мебошад, ки давлатҳои узви САҲА-ро барои риояи ҳуқуқи байналмилалии башар ӯҳдадор менамоянд[94]. Ду чиз собити ин гуфтаҳоянд:

Якум, параграфи 34 ба зарурати ҳар як давлати аъзои САҲА дар ташкили қувваҳои мусаллаҳи худ дар замони осоишта ва давраи ҷанг мутобиқи ӯҳдадориҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи байналмилалии башар дар чор сатҳ ишора мекунад: дар сатҳи роҳбарикунанда, сатҳи пуррагардонӣ бо ҳайати шахсӣ, сатҳи омодакунӣ ва таҷҳиз.

Дуюм, параграфи 34 як қатор воситаҳои мутобиқи байналмилалиро номбар мекунад, ки дар асоси онҳо давлатҳои узви САҲА бояд қувваҳои мусаллаҳи худро ташкил диҳанд -, яъне ба андозаи ӯҳдадориҳои бадӯшгирифтаи ҳуқуқӣ, ки бо ин воситаҳои байналмилалӣ баён шудаанд.

Дар як қатор воситаҳо унсурҳои ҳуқуқи байналмилалии башар, яъне Конвенсияи Женева аз 12 августи соли 1949 (ки дар давраи ҷангҳои байнидавлатӣ бо иштироки қӯшунҳои доимии давлатҳои

[94] Итоат кардани қувваҳои мусаллаҳ ба ӯҳдадориҳои ҳуқуқи байналмилалии башар, ки бо панҷ муқаррароти дар Қисми VII (§ 29-31) ва Қисми VIII (§§ 34-35) буда муайян карда шудаанд.

мустақил татбиқпазиранд)[95] ва ду суратҷаласаи иловагӣ ба конвенсияи Женева аз 8 июни с. 1977, ки дар онҳо таърихи мунокишаҳои қаблии мусаллаҳонаи соли 1949 ба эътибор гирифта мешавад, низ зикр шудаанд[96]. Дар рӯйхат Конвенсияи Женева оид ба манъ кардан ё маҳдуд намудани истифодаи аслиҳаи муқаррарӣ, ки метавонад зарар расонад ё оқибатҳои щайриинтихобӣ дошта бошад (10 октябри с. 1980), низ мавҷуд аст[97].

Воситае, ки бо номи «Конвенсия оид ба истифодаи силоҳ зидди инсоният» машҳур шудааст, камбудии дар суратҷаласаҳои иловагӣ ҷойдоштаро пурра мекунад.

Мафҳуми «Конвенсияҳои Гаага дар солҳои 1907 ва 1954» аслан ба ҳуҷҷатҳои сершумор аз 18 октябри соли 1907 вобастагӣ дорад, ки он дар натиҷаи конфронси таърихӣ дар миқёси тамоми ҷаҳон, инчунин дар чорчӯбаи конвенсияи ЮНЕСКО аз 14 маи соли 1954 вобаста ба ҳифзи моликияти фарҳангӣ дар сурати мунокишаи мусаллаҳона ба вуқӯъ пайвастааст.

**Параграфи 35: Мутобиқати сиёсати мудофиавӣ ва доктрина ба ҳуқуқи байналмилалии башар ва Кодекси одоб.**

**Ҳар як давлати аъзо шароит фароҳам меорад, ки сиёсати он ва доктринаи соҳаи мудофиа ба меъёрҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ марбут ба истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ, аз ҷумла ҳангоми мунокишаи мусаллаҳона, инчунин ӯҳдадориҳои мутобиқи дар Кодекси мазкур баёншуда мухолиф набошанд.**

[95] Низоми Женева дар 4 восита асос ёфтааст: Конвенсия оид ба беҳтаргардонии шароитҳо барои маҷрӯҳон ва беморон дар минтақаи амалиётҳои ҳарбӣ (дар майдонҳои ҷанг) (1), Конвенсия оиди беҳтаргардонии шароитҳо барои маҷрӯҳон, беморон ва фидоёни шикасти киштиҳо ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳ (2), Конвенсия вобаста ба нигоҳдории асирони ҳарбӣ (3) ва ниҳоят, Конвенсияи марбут ба ҳимояи шахсони гражданӣ дар давраи ҷанг (4).

[96] Суратҷаласаи 1 ҳимояи фидоёни мунокишаҳои мусаллаҳонаи байналмилалӣ (байнидавлатӣ)-ро дахл дорад, суратҷаласаи 2 бошад, ҳимояи фидоёни мунокишаҳои мусаллаҳонаи мақоми байналмилалӣ надоштаро дар бар мегирад.

[97] Конвенсия оид ба истифодаи яроқи зидди башарият бо матнҳои иловагӣ аз рӯи қисматҳои муайяннашаванда дастгирӣ карда мешавад (суратҷаласаи 1), манъ кардан ё маҳдуд кардани истифодаи минаҳо, минаҳои қапқон ва дигар ҷиҳозот (Суратҷаласаи 2, с. 1980, дар соли 1996 таҳрир карда шуд), манъкунӣ ё маҳдудкунии истифодаи бомбаҳои афрӯзандаи амалаш афкананда. (Суратҷаласаи 3), инчунин яроқи лазерӣ бо амали рахшанда (Суратҷаласаи 4, с. 1995).

Параграфи 35 охирин муқаррарот аз ҷумлаи муқаррароти ӯҳдадоркунандаи давлатҳои узви САҲА барои риоя кардани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии башар мебошад[98]. Дар он талаботҳои марбут ба ҳамоҳангии сиёсати мудофиавӣ ва доктринаи ҳар як давлати аъзо бо ӯҳдадориҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва меъёрҳои мутобиқи Кодекси одоб мавҷуданд. Дар ҷараёни омода кардани ҳуҷҷат Полша пешниҳод кард, ки давлатҳои узви САҲА доктринаи ҳарбии худро дар асоси принсипҳои мудофиа пешбарӣ намоянд, инчунин «сохтор, пуррагардонӣ, омодагӣ ва таълими қувваҳои мусаллаҳи Аврупоро барои хизмат кардан ба ҳадафҳои мудофиавӣ» равона созанд[99]. Тавре ду семинари махсуси солҳои 1990 ва 1991 гузаронидашуда нишон доданд, доктринаи ҳарбӣ дар минтақаи САҲА ҳанӯз то ба итмом расидани ҷанги сард ба консепсияи пешниҳодкардаи Полша такя мекард[100]. Вале, бо вуҷуди он ки Кодекси одоб аз муқаррароти ӯҳдадоркунандаи давлатҳои аъзо барои дастгирии иқтидори ҳарбие, ки бо зарурати инфиродӣ ё коллективӣ дар соҳаи амният мутаносиб аст (§ 12), кӯшиш накардан

---

98 Итоат кардани қувваҳои мусаллаҳ ба ӯҳдадориҳои ҳуқуқи байналмилалии башар, ки бо панҷ муқаррароти дар Қисми VII (§ 29-31) ва Қисми VIII (§§ 34-35) буда муайян карда шудаанд.

99 ҶАҲА/ФБС/. 5/ 1 аз 18 ноябри с. 1992 саҳ. 3. Муқаррароти каму беш монанд дар пешниҳоди туркӣ (ҶАҲА/ФБС/. 8 аз 16 декабри с. 1992, 3 пешниҳоди моддаи 8) ва пешниҳоди венгерӣ (ҶАҲА/ФБС/ .25 аз 23 феврали с. 1994, § 9.1) мавҷуд буд. Дар марҳилаи муайяни омода кардани ҳуҷҷат ибораи зерин истифода карда мешуд: «доктринаи ҳарбии қувваҳои мусаллаҳ характери мудофиавӣ/бетаҷовуз дорад ва предмети баррасии марҳилавиро бо мақсади истисно кардани хусусиятҳое, ки ба принсипҳои Кодекс ва ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ нестанд» (параграфи 23.3, ки дар қаринаи рақами 4 Кодекси одоб баррасӣ шудааст: Ҳуҷҷати 551 аз 22 июли с. 1994) мебошад.

100 Нахустин семинар оид ба доктринаи ҳарбӣ пеш аз пош хӯрдани ИҶШС (Вена, 1 январ - 5 феврали с. 1990) баргузор гардид. Дар натиҷаи семинар матни хотимавӣ таҳия нашуд, вале рафти семинар як таконе шуд барои таҳияи ду унсуре, ки ба ҳуҷҷати Вена соли 1990 оид ба бунёди эътимод ворид гардид: мубодилаи ҳарсолаи маълумот аз рӯи буҷетҳои ҳарбӣ ва вохӯриҳои ҳарсола оид ба муҳокимаи раванди татбиққунӣ. Семинари дуюм соли 1991 гузаронида шуд (ҳисобот оид ба ҷараёни семинар вуҷуд надорад) ва сеюминаш соли 1998 (ФБС. МД. ГАЛ/3/98 аз 9 феврали с. 1998) – ҳарду дар Вена. Ҳамаи нутқҳо ва ҳуҷҷатҳо, ки дар семинарҳои солҳои 1990 ва 1991 баррасӣ шуданд, аз тарафи Донишкадаи сиёсати амният ва академияи мудофиаи миллӣ моҳи марти соли 1990 нашр карда шуданд. Дар чаҳорчӯбаи параграфи 15.7-и ҳуҷҷати венагии соли 1999 оид ба бунёди эътимод, давлатҳои узви САҲА бояд семинарҳоро дар сатҳи олӣ оид ба доктринаҳои ҳарбӣ, шабеҳи онҳое, ки аллакай гузаронида шудаанд, гузаронанд». Дар асоси гуфтаҳои боло, семинар дар Вена санаҳои 11-13 июни соли 2001 гузаронида шуд. ФБС. ГАЛ/78/01 аз 6 июли с. 2001

барои ба даст овардани ҳукмфармоии ҳарбӣ болои кадом давлати иштирокчие ки набошад ва маҳдуд кардани хароҷот барои мудофиа иборат буд, пешниҳоди Полша ба ҳуҷҷат дохил карда нашуд.

**Параграфи 36: Аз тарафи давлатҳо фароҳам оварда шудани шароитҳое, ки дар онҳо истифодаи зӯроварӣ барои мақсадҳои дохилӣ бо эҳтиёҷоти мавҷуда дар амалҳои маҷбурӣ мутаносиб аст.**

**Ҳар як давлати аъзо таъмин мекунад, ки ҳама гуна қарор дар бораи равона кардани қувваҳои мусаллаҳи он барои иҷро кардани вазифаҳо дар соҳаи амнияти дохилӣ мутобиқи расмиёти конститутсионӣ қабул карда шавад. Дар чунин қарорҳо вазифаҳои дар назди қувваҳои мусаллаҳ гузошташуда муайян карда хоҳанд шуд ва иҷроиши ин вазифаҳо зери назорати самараноки мақомоти ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта ва бо риояи принсипи волояти қонун таъмин хоҳад гардид. Дар сурате, ки агар вазифаҳо дар соҳаи амнияти дохилӣ бе истифодаи қувва иҷро карда нашаванд, ҳар як давлати аъзо шароит фароҳам меорад, ки истифодаи он бо эҳтиёҷоти мавҷуда дар амалҳои маҷбурӣ мутаносиб бошад. Қувваҳои мусаллаҳ тадбирҳои заруриро меандешанд, то аз расонидани зарар ба шахсони гражданӣ ё моликияти онҳо канораҷӯӣ намоянд.**

Параграфи 36 (якҷоя бо § 37) стандартҳоро оид ба истифодаи қувва бо мақсади амнияти дохилӣ, эҳтимол дар сурати рух додани ошӯбҳои дохилидавлатӣ баррасӣ менамояд.[101]

Параграф муқаррар менамояд, ки истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ барои мақсадҳои дохилӣ бояд дар чорчӯбаи волояти ҳуқуқ боқӣ монад, ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи байналмилалии башар бояд чун дар сурати муноқишаҳои байнидавлатии ҳарбӣ ба инобат гирифта шавад.

Муқаррароти параграфи 36 расман ба рисолатҳои марбут ба таъмини амнияти дохилии аз тарафи «қувваҳои мусаллаҳ» амалишаванда вобастаанд. Дар пешниҳоди австро-венгерӣ чунин

---

[101] Бо сабабҳои ҷорӣ кардани қоидаҳои ҳуқуқи байналмилалии башар дар шароити бӯҳронҳо ва ошӯбҳои дохилидавлатӣ, ниг.ба нашри махсуси Бюллетени байналмилалии Салиби Сурх (рақами 769, январ-феврали соли 1998), ки дар он ду коршинос қолабҳои «Кодекси одоб» (Ханс-Петер Гассер) ва «Эъломияи қолабӣ» (Теодор Мерон)-ро пешниҳод кардаанд.

омадааст, ки мафҳуми «қувваҳои мусаллаҳ» ҳамаи панҷ гурӯҳи дар параграфи 20 номбаршуда, яъне қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда, қувваҳои амнияти дохилӣ, хадамоти иктишофӣ ва полисро дар бар мегирад[102]. Пешниҳоде, ки аз гурӯҳи «Иттиҳоди Аврупо плюс» расидааст, ин мафҳумро то се гурӯҳ ихтисор кард, вале гурӯҳи «қӯшунҳои щайримунтазам»-ро илова намуд[103].

Аз нуқтаи назари муфассалтар, дар пешниҳоди венгерӣ шарте мавҷуд аст, ки мутобиқи он дар сурати қодир набудани ҳокимияти шаҳрвандӣ бар барқарор кардани тартибот бо ёрии воситаҳои сиёсӣ, онҳо, дар навбати аввал метавонанд ба полис ва қувваҳои амнияти дохилӣ муроҷиат намоянд, сипас, дар сурате, ки агар амали якум ягон натиҷа надиҳад, «қувваҳои мусаллаҳ»-ро, ки омодагии махсус дидаанд, ба кор барад, вале онро ҳамчун воситаи охирини дастрас ва танҳо бо мақсади ҳимояи аҳолии шаҳрвандӣ ва барқарор кардани қонунияти демократӣ истифода барад[104].

Азбаски ҳамфикрӣ аз рӯи ин масъала муяссар нашуд, қарор дода шуд, ки мафҳуми умумии «қувваҳои мусаллаҳ» бетащйир монад. Ба нодақиқ будани мафҳуми «қувваҳои мусаллаҳ» нигоҳ накарда, он асосан ба полис ва/ё қувваҳои амнияти дохилӣ, дар ҳолатҳои истисноӣ бошад, ба нерӯҳои низомигардонидашуда ё ҳатто қувваҳои ҳарбӣ дахл дорад.

Параграфи 36 ба «қувваҳои мусаллаҳ» тааллуқ дорад, ки он рисолати таъмини амнияти дохилиро иҷро мекунанд, на нақши қувваҳои амнияти дохилиро; вале охирон яқинан дар назар дошта мешавад[105].

Пешниҳоди якуми параграфи 36 муқаррар менамояд, ки ҳама гуна қароре, ки ба қувваҳои мусаллаҳи давлати аъзо ваколатҳои иҷро кардани рисолати марбут ба таъмини амниятро медиҳад, бояд мутобиқи расмиёти муқарраркардаи конститутсияи кишвар таҳия карда шавад.

[102] ҶАҲА/ФБС/ . 22 аз 15 сентябри с. 1993, саҳ. 18.
[103] ҶАҲА/ФБС/ . 21 аз 30 июни с. 1993, саҳ. 13-14.
[104] ҶАҲА/ФБС/ . 25 аз 23 феврали с. 1994, параграфҳои 7, 8 ва пешниҳоди дуюми параграфи 6.3.
[105] То ҳол давлатҳои иштирокчӣ шарт карда наметавонистанд, тавре дар конфронси дуюми ҷорӣ оид ба Кодекси одоб пешниҳод карда шуд, оиди ғояи баррасии пурсишномаи соли 1998 бо мақсади ҷорӣ кардани тафриқаи байни консепсияҳои «қувваҳои мусаллаҳ» ва «қувваи амнияти дохилӣ» ( ФБС.ГАЛ/84/99/ . 1 аз 19 июли с. 1999).

Пешниҳод масъулиятеро, ки мансабдорон ва роҳбарони ин рисолатҳо доранд[106], ба таври муфассал баён намекунад.

Дар пешниҳоди дуюм талаботҳои вобаста ба иҷрои рисолати таъмини амнияти дохилӣ зери назорати самараноки ҳокимиятҳои ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта ва дар чорчӯбаи волоияти ҳуқуқ фаро мегирад. Ин талабот ба муқаррароти параграфи 21 мутобиқат намуда, дар он омадааст, ки «ҳар як давлати аъзо роҳбарӣ ва назорати самараноки қувваҳои ҳарбӣ, нерӯҳои низомигардонидашуда ва қувваҳои амниятро аз тарафи мақомоти ҳокимияти ба тариқи конститутсионӣ таъсисёфта, ки қонунияти демократӣ доранд, мунтазам таъмин ва дастгирӣ хоҳад кард». Тафовути ягона дар он аст, ки параграфи 36 ба консепсияи умумии «волоияти ҳуқуқ», ки мафҳуми «ҳокимияти қонунияти демократӣ» доштаро бавосита дахлдор мешавад, истинод меорад. Ба ҳар сурат, мафҳуми «бояд дар чорчӯбаи волоияти ҳуқуқ амал кунад» ба маънои зарурати қувваҳои амнияти дохилӣ дар амалӣ кардани рисолати худ зери назорати доимии ҳокимияти судӣ, инчунин ҳокимияти сиёсии шаҳрвандӣ омадааст. Қобили қайд аст, ки мутобиқи параграфи 2-и Ҳуҷҷати Копенгаген оид ба рушди демократӣ (с. 1990), волоияти ҳуқуқ на танҳо маънои қонунияти расмӣ дорад, ки он мунтазамӣ ва мутобиқатро дар амаликунӣ ва пешбурди расмиёти демократӣ таъмин менамояд, балки мазмуни он адолат дар эътироф ва қабули томи шахсияти инсон ҳамчун арзиши баландтарин асосёфта ва аз тарафи ниҳодҳо кафолат додашуда мебошад, ки барои иброз намудани ин адолат шароит фароҳам меорад.[107]

Ба ихтилофи он ки ҳангоми омода кардани ҳуҷҷат пешбинӣ шуда буд, параграфи 36 ба имконияти истифодаи қувваҳо барои мақсадҳои дохилӣ дар ҳолатҳои алоҳида, масалан ҳангоми амалиёти вобаста ба расонидани кӯмак ё бо мақсади дастгирӣ ва созмон додани тартиботи демократии ҷамъиятӣ ишора намекунад[108].

---

[106] ҶАҲА/ФБС/СК.25 аз 23 феврали с. 1994, параграфи 6.4.

[107] Дар асоси гуфтаҳои боло, ҳуҷҷати Копенгаген оид ба рушди инсоният (с. 1990) як қатор унсурҳои асосиро муайян мекунад (§§ 5.1 -5.20), ки дар байни онҳо назорат ва ҳисоботдиҳандагии қувваҳои ҳарбӣ ва полис аз тарафи ҳокимияти гражданӣ амалӣ карда мешавад (5.6). Матнҳои минбаъдаи САҲА ин рӯйхатро қисман тасдиқ намуданд. Унсури нав, яъне зиддикоррупсионӣ соли 1999 тавассути Хартияи Истамбул барои амнияти Аврупо (§ 33) ва Эъломияи Саммити Истамбул ҷорӣ карда шуд (§ 37).

[108] Пешниҳоди якуми параграфи 19, ҳуҷҷати 551 аз 22 июли с. 1994 (қаринаи 4-уми аз тарафи Ҳамоҳангсоз баррасишудаи Кодекси одоб) ва параграфи 29.2-и тақризи рақамгузоришуда ва пешниҳодҳои Ҳамоҳангсоз аз 10 ноябри с. 1994

Параграф ҳамчунин далели онро, ки қувваҳои мусаллаҳ метавонанд барои расонидани кӯмак дар ҳолатҳои таъҷилӣ татбиқ карда шаванд ва дар ин сурат бояд ӯҳдадориҳои мутобиқи дар ҳуҷҷати Маскав оид ба меъёргирии инсон (с. 1991) [109] зикршуда амалӣ карда шаванд, пешбинӣ намекунад.

Дар ҳуҷҷати мазкур, ки дар натиҷаи табаддулоти нобарори давлатии зидди Михаил Горбачёв қабул карда шуда буд, давлатҳои аъзо тасдиқ намуданд, ки «ҳолати фавқуллода ба сифати асос барои вайрон кардани расмиёти демократии конститутсионӣ наметавонад истифода карда шавад ё ба вайрон кардани ниҳоди ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ» равона шудааст (пешниҳоди дуюми § 28.1)[110]. Давлатҳо инчунин андешаи умумӣ доранд: агар ҳолати фавқуллода аз тарафи мақомоти конститутсионии ваколати чунин амал карданро дошта изҳор мешуда бошад, он дар муддати кӯтоҳ аз тарафи ҳокимияти қонунгузор маҷбул ё тафтиш карда мешавад, пас ин ҳолат бояд дар муддати кӯтоҳтарин қатъ карда шавад, то ки қувваи қонуниаш боқӣ монад (§ 28.3).

Давлатҳо ҳамчунин қарор карданд, ки дар сурати эълон шудан ё хотима ёфтани ҳолати фавқуллода, ҳукумат ба САҲА дар бораи чунин қарор, инчунин дар бораи ҳама гуна тамоилоти марбут ба ӯҳдадориҳои байналмилалии худ оид ба риояи ҳуқуқҳои инсон (§ 28.10)[111] бавуқӯъомада фавран хабар медиҳад.

---

[109] Пешниҳоди дуюми параграфи 19, ҳуҷҷати 551 аз 22 июли с. 1994 (қаринаи 4-уми аз тарафи Ҳамоҳангсоз баррасишудаи Кодекси одоб) ва параграфи 26.4-и тақризи Ҳамоҳангсоз аз 11 ноябри с. 1994 (ҳуҷҷат рақамгузорӣ карда нашудааст).

Масъалаи вазъияти фавқуллода пешниҳоди гурӯҳи «Иттиҳоди Аврупо плюс» (ҶАҲА/ФБС/СӢ. 21 аз 30 июни 1993 саҳ. 12), дар пешниҳоди австро-венгерӣ (ҶАҲА/ФБС/СӢ. 22 аз 15 сентябри с. 1993 саҳ. 17-18) ва пешниҳоди венгерӣ (ҶАҲА/ФБС/СӢ.25 аз 23 феврали с. 1994, параграфи 2.12) баррасӣ карда шудааст.

[110] Ҳамзамон, онҳо «ташкил додани қувваеро, ки мақсади он ғасби ғайриқонунии ҳокимияти дигар давлати иштирокчӣ бар зидди иродаи халқ, ки дар интихоботи озод ва одилона ифода гардидааст, инчунин бар хилофи тартиботи қонунан муқарраршудаи конститутсионӣ» манъ карданд (17.1) ва ӯҳдадор шуданд, ки мақомотҳои қонунии ин давлат, ки ҳуқуқҳои инсон, демократия ва волоияти ҳуқуқро тарғиб мекунанд, ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд» (§ 17.2).

[111] Дар натиҷа, қарорҳои конфронси Хелсинки соли 1992 ба нақши БДИПЧ ҳамчун ниҳоде, ки маълумоти марбут ба эълон ё бартараф шудани вазъияти фавқуллодаро коркард менамоянд, ишора намуданд (қайди якуми боби 6-уми § 5б). То соли 2001 ӯҳдадории дар параграфи 28.10-и ҳуҷҷати Маскав оид ба меъёргирии инсон буда қариб иҷро карда намешуд (ниг.ба Виктор Ив-Гебали: Масъалаи вазъияти фавқуллода дар заминаи САҲА, ки ҳуқуқҳоро поймол мекекунад ва вазъияти фавқуллодаро эътироф менамояд. Зери таҳрири Даниел Премон. Брюссел, с. 1996, саҳ. 317-330. Баъди амалҳои террористии 11 сентябр дар ИМА, як қатор ҳуқуматҳои давлатҳои

Бо вуҷуди ин, дар мафҳуми «агар истифодаи зӯроварӣ ногузир бошад», пешниҳоди сеюми параграфи 36 истифодаи зӯровариро барои мақсадҳои дохилӣ ба мазмуни васеъ ва умумӣ тақвият медиҳад[112]. Пешниҳод маҳаки «мутаносибӣ»-ро бо зарурат дар амалҳои қудратӣ, ки дар конвенсияҳои Женева (с. 1949) ё дар суратҷаласаҳои онҳо мавҷуд нестанд (с. 1977) татбиқ менамояд[113]. Алалхусус, дар пешниҳод ба таври возеҳ баён нашудааст, ки қувваҳои мусаллаҳ танҳо «дар ҳолати зарурӣ» истифода бурда мешаванд (тавре Венгрия пешниҳод карда буд) ё «ҳангоми зарурати истисноӣ» ба кор бурда мешаванд, тавре гурӯҳи «Иттиҳоди Аврупо плюс» изҳор кардааст[114] ё бо баробари «тамом шудани ҳамаи воситаҳои таъсири қудратӣ» ҷалб карда мешаванд[115].

Маҳз масъалаи мутаносибӣ дар маркази диққати давлатҳои САҲА вобаста ба рафтори қувваҳои мусаллаҳи Русия дар Чечня қарор дошт[116]. Ҷанги якуми чеченӣ 11 декабри соли 1994, пас аз ҳашт рӯзи баъди қабули Кодекси одоб ва се ҳафта қабл аз қувва пайдо кандани Кодекс оғоз шуд. Дуюми феврали соли 1995 Шӯрои доимӣ (бо розигии томи Маскав) қароре қабул кард, ки он бе зикри бевоситаи Кодекси одоб «ташвиши истифодаи номутаносиби қувваро аз ҷониби қувваҳои мусаллаҳи Русия» дар Чечня изҳор менамуд[117].

---

узви САҲА БДИПЧ-ро дар бораи чораҳои дар чаҳорчӯбаи вазъияти фавқуллодаи эълоншуда қабулгардида бохабар намуданд (БДИПЧ.ГАЛ/*/02 аз 31 январи с. 2002, ПЦ.ДЕЛ/49/02 аз ҳамон сана ва БДИПЧ.ГАЛ/98/02 аз 5 марти с. 2002

[112] Дар асоси ҳуҷҷати Маскав оид ба меъёргирии инсон (с. 1991), давлатҳои узви САҲА бо он розӣ шуданд, ки дар чаҳорчӯбаи вазъияти фавқуллода, «дар сурате, ки агар вазифаҳо дар соҳаи амнияти дохилӣ бе истифодаи қувва иҷро карда намешуда бошанд, ҳар як давлати иштирокчӣ татбиқи то қадри имкон маҳдудтари онро таъмин мекунад (пешниҳоди охирини § 28.1).

[113] Маҳаки мутаносибӣ инчунин дар параграфи 12-и Кодекси одоб зоҳир мешавад, ки мутобиқи он ҳар як давлати иштирокчӣ «танҳо он иқтидори ҳарбиро дастгирӣ мекунад, ки бо эҳтиёҷоти қонунии инфиродӣ ё коллективӣ дар соҳаи амният, бо назардошти ӯҳдадориҳои худ оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ мутаносиб аст».

[114] ҶАҲА/ФБС/СӢ.25 аз 23 феврали с. 1994, параграфи 6.3 ва ҶАҲА/ФБС/СӢ.21 аз 30 июни с. 1993 саҳ. 14.

[115] Параграфи 24.2-и ҳуҷҷати 551 аз 22 июли с. 1994, қаринаи 4-уми аз тарафи Ҳамоҳангсоз баррасишудаи Кодекси одоб.

[116] Аз нуқтаи назари ҳуқуқҳои инсон, ниг.ба Николя М.Л. Бовэ «Ҳуҷуми мусаллаҳонаи қӯшунҳои Русия ба Чечня ва оқибатҳои ҳуқуқии он», Маҷмӯи комиссияи байналмилалии ҳуқуқшиносон, рақами 54, июни с. 1995, саҳ. 29-56.

117 ПЦ. ДЕК/10 аз 2 феврали с. 1995

[117] PC.DEC/10 аз 2 феврали с. 1995

Соли 1995 дар вохӯрии ҳарсола Шветсия аз Маскав тавзеҳотро дархост кард[118]. Иттиҳоди Аврупо Русияро такрор ба такрор ба риоя кардани ӯҳадориҳояш оид ба Кодекси одоб[119] даъват мекард.

Пешниҳоди чорум ва охирини параграфи 36, ки ягон маҳдудият надорад, бар он ишора мекунад, ки мутаносибӣ ба маънои канораҷӯӣ кардан аз расонидани зарар ба аҳолии шаҳрвандӣ ва моликияти он омадааст. Мафҳуми «осебҳои щайриқонунӣ», ки дар ҷараёни омода кардани ҳуҷҷат пешниҳод карда шуд[120], дастгирӣ наёфт. Ғояе, ки мутобиқи он ҳама гуна давлати аъзои САҲА, ки қувваро барои мақсадҳои дохилӣ истифода бурдааст, метавонад ба дигар давлатҳо маълумот оиди ҳаҷм, ташкилдиҳӣ, нақш ва мақсадҳои амалиёти қувваҳои мусаллаҳи худ пешниҳод намояд, ҳамчунин дастгирӣ наёфт[121].

Мухтасаран, параграфи 36 чор шарти танзимкунандаи истифодаи зӯровариро барои мақсадҳои дохилӣ ошкор менамояд: қарори аз ҷиҳати конститутсионӣ қонунӣ, эҳтироми принсипи волоияти ҳуқуқ ҳангоми гузаронидани амалиёт, мутаносибӣ бо эҳтиёҷоти истифодаи зӯроварӣ ва андешидани чораҳо оид ба канораҷӯӣ кардан аз расонидани осебҳои ҷиддӣ ба шахсони граҷданӣ ва аз талаф додани моликияти онҳо.

Ба гуфти Дэвид Реик, ба параграфи 36 қисман ваколатҳои баромад кардан ҳамчун қоидаи танзимкунандаи амалҳои ба ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузорӣ вориднашуда оид ба ҳуқуқҳои инсон» дода шудаанд, зеро дар заминаи меъёрҳои байналмилалӣ оид ба истифодаи зӯроварӣ дар муноқишаҳои дохилӣ умуман вуҷуд надорад, щайр аз Кодекси одоб барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз тарафи Ассамблеяи Генералии СММ соли 1979 қабул гардид.

Ба ҳамин васила параграфи 36 робитаи байни истифодаи зӯроварӣ ва ҳуқуқҳои инфиродии инсон, робитае, ба таври норавшан дар

---

[118] Ҳуҷҷати 467 аз 15 марти с. 1995

[119] Масалан, ниг.ба ФБС. АИАМ/10/00 аз 28 феврали с. 2000 Оид ба масъалаи демократикунонии қувваҳои мусаллаҳи Русия, ниг.ба Юрий Фёдоров: Табаддулоти демократии мақомоти амният дар Русия. Ҳикояти ғамангез дар бораи нокомӣ. Женева, НДҚМ, 2002, 20 саҳ. (НДҚМ, ҳуҷҷати кории рақами 98).

[120] Параграфи 29.2-и тақризи рақамгузоринашуда ва пешниҳодоти Ҳамоҳангсоз аз 10 ноябри с.1994

[121] Ин ғоя ба матни пешакии пешниҳод, ки аз гурӯҳи «Иттиҳоди Аврупо плюс» бармеояд, дохил шудааст (ҶАҲА/ФБС/СК. 25 аз 23 феврали с. 1994, параграфҳои 7 ва 8) ва дар матни пешакӣ матраҳшуда аз Венгрия инъикос ёфтааст (ҶАҲА/ФБС/СК, 25 аз 3 феврали с. 1994, § 7 ва 8).

созишномаҳо оиди ҳуқуқҳои инсон тавсиф шудааст, муқаррар менамояд[122].

**Параграфи 37: Манъ кардани истифодаи зӯроварӣ дар корҳои дохилӣ бо мақсади маҳдуд кардани амалигардонии сулҳҷӯёна ва қонунии ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои граҷданӣ ё маҳрум кардани одамон аз ҳувияти инфиродӣ ё коллективона.**

**Давлатҳои аъзо қувваҳои мусаллаҳро бо мақсади маҳдуд кардани амалигардонии сулҳҷӯёна ва қонунии ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои граҷдании нафароне, ки шахсан ё ба сифати намояндагони гурӯҳҳо амал мекунанд ё бо мақсади маҳрум кардани ин нафарон аз ҳувияти миллӣ, динӣ, фарҳангӣ, забонӣ ё наҷодии онҳо, истифода нахоҳанд кард.**

Якҷоя бо параграфи 36, параграфи 37 стандартҳоро оиди истифодаи зӯроварӣ барои таъмини амнияти дохилӣ муқаррар менамояд. Тафовути муҳими байни ду параграф дар он аст, ки матни параграфи 36 бо самоҳат бар он ишора мекунад, ки «дар сурате, ки вазифаҳо дар соҳаи амнияти дохилӣ бе истифодаи зӯроварӣ иҷро карда нашаванд, ҳар як давлати аъзо шароит фароҳам меорад, ки татбиқи он бо эҳтиёҷоти мавҷуда дар амалиётҳои маҷбурӣ мутаносиб бошад», дар ҳоле ки дар параграфи 37 манъкунии бо шарти истифода накардани қувваҳои мусаллаҳ аз тарафи давлатҳои аъзо изҳоршуда мавҷуд аст. Фалсафаи параграфи 37 дар манъ кардани истифодаи зӯроварӣ барои мақсадҳои дохилӣ ба хотири маҳдуд кардани ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои граҷданӣ дар сурати амалӣ кардани онҳо бо роҳи сулҳҷӯёна ва қонунӣ, ё маҳрум кардани одамон аз ҳувияти инфиродӣ ва коллективона ифода меёбад.

---

[122] Дэвид Райк. «Кодекс, ҳуқуқи башар ва ҳуқуқҳои инсон», Амнияти коллективӣ, САҲА ва Кодекси одоби он, зери таҳрири Герт де Ноой. Гаага, Клювер Интернешнл, с. 1996, саҳ. 51 ва 53. Параграфи 29.3-и тақризи рақамгузоринашуда ва муқарраროти Ҳамоҳангсоз аз 10 ноябри с. 1994 аз муқарраротт иборат буда, он ӯҳдадор мекунад, ки давлатҳои иштирокчӣ дар таъмини шароит барои қувваҳои мусаллаҳи рисолати таъмини амнияти дохилиро иҷрокунанда барои иҷрои ин фаъолият бояд омодагии махсус бинанд ва онҳо бохабаранд, ки дар сурати амалӣ кардани ваколатҳои полис бо қувваҳои ҳарбӣ ё қувваҳои амният, ки ба ин ташкилотҳо хизмат мекунанд, мақоми кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқро пайдо мекунанд ва ба Кодекси одоби СММ барои кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ истинод меоранд. Барои ошно шудан бо Кодекси СММ соли 1979, ниг.ба параграфи 20-и тафсири мазкур.

Чун дар параграфи 36, параграфи 37 мафҳуми «қувваҳои мусаллаҳ»-ро дар «рисолат оид ба таъмини амнияти дохилӣ» бе зикри бевосита баррасӣ мекунад; вале яқинан охирон дар назар дошта мешавад.

Параграфи 37 истифодаи зӯровариро барои мақсадҳои дохилӣ ба хотири «одамон ҳамчун индивидуумҳои алоҳида ё ҳамчун намояндагони гурӯҳҳо» мафҳуми хеле васеъ аст, ки он ҳамаи индивидуумҳои алоҳида ва гурӯҳҳои дар давлат сукунатдошта, аз ҷумла шахсони ба ақаллиятҳои миллӣ тааллуқдоштаро фаро гирад, манъ мекунад. Вале параграф қасдан истинодҳоро ба консепсияи «ақаллиятҳои миллӣ» канорачӯӣ мекунад, ки он дар пешниҳодҳои аз Полша, гурӯҳи «Иттиҳоди Аврупо плюс», Австро-Венгрия ва дар алоҳидагӣ аз Венгрия бармеомада[123] падидор мешавад.

Мафҳуми «амалигардонии сулҳҷӯёна ва қонунии ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои граҷдании худ» - он чизе, ки аз пешниҳодҳо боқӣ мондааст, ки мақсади онҳо ӯҳдадор кардани давлатҳои аъзои САҲА дар эҳтиром кардани ҳуқуқи шаҳрвандон барои тағйир додани тағйироти конститутсионӣ бо воситаҳои сулҳҷӯёна ва қонунӣ ва истифода накардани қувва бар зидди онҳое, ки ин амалро содир мекунанд, мебошад[124].

Мафҳуми «ва маҳрум накардан аз ҳувияти миллӣ, динӣ, фарҳангӣ, забонӣ ё наҷодии онҳо» аз он пешниҳодҳое, ки истифодаи зӯроварӣ барои мақсадҳои дохилӣ бар хилофи принсипи худмуайянкунии

[123] Дар эълони якҷояи пешакӣ матраҳшуда Австрия ва Венгрия пешниҳодеро (бебарор) ба миён гузоштанд, ки он ишора бар он мекунад, ки маҳдудкунии ҳуқуқҳои худро озодона амалӣ кардани ақаллиятҳои миллӣ амнияти дохили давлат ва байни давлатҳо, ҳамзамон суботро дар тамоми минтақаи ҶАҲА» зери хатар қарор медод (ҶАҲА/ФБС/КС.22 аз 15 сентябри с. 1993, саҳ.15)

[124] ҶАҲА/ФБС/СК.5/ ниг.ба 1 аз 18 ноябри с. 1992, саҳ. 5 (пешниҳоди Полша), ҶАҲА/ФБС/СК.21 аз 30 июни с. 1993, саҳ.15 (пешниҳоди гурӯҳи «Иттиҳоди Аврупо плюс»), ҶАҲА/ФБС/СК.22 аз 15 сентябри с. 1993 саҳ. 18 (пешниҳоди австро-венгерӣ) ва ҶАҲА/ФБС/СК.25 аз 23 феврали с. 1994, параграфи 6.5 (пешниҳоди венгерӣ). Пешниҳоде, ки аз гурӯҳи «Иттиҳоди Аврупо плюс» бармеояд, аз тавсияҳои вобаста ба ӯҳдадориҳои эҳтироми рушди батадриҷи сулҳҷӯёнаи давлатҳои иштирокчӣ иборат аст: «давлатҳои иштирокчӣ рушди батадриҷи сулҳҷӯёнаи конститутсияҳои дигар давлатҳоро эътироф ва дастгирӣ менамоянд ва мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ, принсипҳои дар Кодекс баёншуда ва талаботҳои демократии мардум амал мекунанд» иборат мебошад (ҶАҲА/ФБС/СК. 21 аз 30 июни с. 1993, саҳ. 5).

мардум, агар он бо роҳи сулҳҷӯёна амалӣ шуда бошад, манъ мекарданд[125].

Истилоҳҳои махсус, ки дар параграф истифода шудаанд («миллӣ», «фарҳангӣ», «динӣ», «забонӣ», «наҷодӣ») барзиёд менамоянд: консепсияи ҳамаро фарогирандаи фарҳанг аз дин, забон ва этнос иборат аст, щайр аз ин «ақаллияти миллӣ» ҳамон «ақаллияти наҷодиест», ки бо дин ва/ё забон тавсиф дода мешавад.

Ду пешниҳоде, ки дар ҷараёни омода кардани ҳуҷҷат баён шуданд ва ба он ворид карда нашуданд, инҳоанд: а) пешниҳоди марбут ба манъ кардани таҷдиди ҳудудҳои дохилӣ бо қувва ва маҷбуран кӯчонидани одамон[126], ва б) истифода набурдани қувваҳои мусаллаҳ бо мақсади зарбаи ҷавобӣ ба душман[127].

---

[125] Пешниҳоди Полша: «давлатҳои иштирокчӣ аз истифодаи қувва ё амалҳои вайронкунӣ, ки ба принсипи худмуайянкунии миллат мутобиқат намекунанд, худдорӣ менамоянд, дар сурати амалӣ кардани принсип бо роҳи сулҳҷӯёна. Истифодаи қувва барои маҳрум сохтани миллатҳо аз худмуайянкунӣ ин вайрон кардани ҳуқуқҳои аслии онҳо мебошад» (ҶАҲА/ФБС/СК. 5/рев.1 аз 18 ноябри с. 1992, саҳ. 5).

[126] ҶАҲА(ФБС/СК. 21 аз 30 июни с. 1993, саҳ. 14 (пешниҳоди гурӯҳи «Иттиҳоди Аврупо плюс»), ҶАҲА/ФБС/СК. 22 аз 15 сентябри с. 1993, саҳ. 16 ва 18 (пешниҳоди австро-венгерӣ) ва ҶАҲА/ФБС/СК. 25 аз 23 феврали с. 1994, параграфи 6.5 (пешниҳоди венгерӣ).

[127] ҶАҲА/ФБС/СК. 23 аз 23 феврали 1994, параграфи 6.3 (пешниҳоди венгерӣ) ва ҶАҲА/ФБС/СК. 8 аз 16 декабри с. 1992, моддаи 21 (пешниҳоди Туркия).

## Сарчашмаҳо

Сарчашмаҳои аввалия

А. Пешниҳодҳои расмии пешакӣ.

1. Пешниҳоди Полша оид ба «Кодекси одоби ҶАҲА дар соҳаи амният»: ҶАҲА/ФБС/СК. 5 / Баррасии 1 аз 18 ноябри с. 1992 (қаринаи якум: ҶАҲА/ФБС/СК. 5 аз 11 ноябри с. 1992).

2. Пешниҳоди давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо, инчунин Канада, Исландия ва Норвегия (пешниҳоди «Иттиҳоди Аврупо плюс») аз рӯи Кодекси одоби ҶАҲА, ки муносибатҳои байни давлатҳои аъзоро дар соҳаи амният танзим менамояд: CSCE/FSC/SC.21 аз 30 июни с. 1993 (қаринаи 1-ум «Ҷузъҳои таркибии Кодекси одоби ҶАҲА, ки муносибатҳои байнидавлатиро дар соҳаи амният танзим мекунанд: ҶАҲА/ФБС/СК.7 аз 16 декабри с. 1992).

3. Пешниҳоди Австрия ва Венгрия аз рӯи Кодекси одоби ҶАҲА, ки рафтори давлатҳои узви САҲА-ро нисбат ба якдигар ва рафтори ҳукуматҳоро нисбат ба шаҳрвандони худ танзим мекунад: ҶАҲА/ФБС/ СК.22 аз 15 сентябри с. 1993

4. Пешниҳоди Туркия аз рӯи Кодекси одоби ҶАҲА, ки муносибатҳои байни давлатҳоро дар соҳаи амният танзим менамояд: ҶАҲА/ФБС/ СК.8 аз 16 декабри с. 1992

5. Пешниҳоди Австрия, Венгрия ва Полша оид ба «Татбиқи муқаррароти Кодекси одоб»: ҶАҲА/ФБС/СК.17 аз 15 маи с. 1993

6. Пешниҳоди Венгрия оид ба «назорати сиёсии демократии қувваҳои мусаллаҳ ва татбиқи онҳо»: CE/ФБС/СК.25 аз 23 феврали с. 1994

7. Ҳуҷҷати корӣ, ки аз ҷониби Фаронса вобаста ба сохтори Кодекси одоб пешниҳод карда шудааст: ҶАҲА/ ФБС/В.2 аз 3 июни с. 1993

Б. Ҳуҷҷатҳои Ҳамоҳангсоз.

1. Кодекси одоб. Маҳорати бурдани гуфтушунидҳо дар таърихи 31 декабри соли 1992. Таҳлили пурраи муқоисавӣ-пешгӯипазири пешниҳодҳо, ки аз Полша, гурӯҳи «Иттиҳоди Аврупо Плюс» ва Туркия бармеоянд.

2. Маҷмӯи муқаррароти марбут ба назорати аслиҳа ва халъи силоҳ, ки аз пешниҳодҳо оид ба Кодекси одоби дар ҷаласаи махсуси Форуми ҶАҲА оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният, аз тарафи Полша, гурӯҳи 15 ва Туркия баёншуда бармеоянд (гурӯҳи кории Б, маводҳои чопнашуда, 11 феврали с. 1993).

3. Кодекси одоб. Таҳлили муқоисавии матнҳо (ки аз тарафи Полша, гурӯҳи “Иттиҳоди Аврупо плюс” ва Туркия пешниҳод шудааст) 18 феврали с. 1993

4. Маҷмӯи муқаррароти марбут ба назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ, ки аз пешниҳодҳои дар ҷаласаи махсуси Форуми ҶАҲА оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният, аз тарафи Полша, гурӯҳи 15 ва Туркия баёншуда бармеояд (гурӯҳи кории Б, 8 марти с. 1993).

5. Маҷмӯи муқаррароти марбут ба назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ, ки аз пешниҳодҳои дар ҷаласаи махсуси Форуми ҶАҲА оид ба амният ва ҳамкорӣ, аз тарафи Полша, гурӯҳи 15 ва Туркия баёншуда бармеояд (гурӯҳи кории Б, маводҳои чопнашуда, 19 марти с. 1993).

6. Маҷмӯи муқаррароти марбут ба мақсад, тасдиқ, тафтиш ва татбиқ, ки аз пешниҳодҳои дар ҷаласаи махсуси Форуми ҶАҲА оид ба амният ва ҳамкорӣ, аз тарафи Полша, гурӯҳи 15 ва Туркия баёншуда бармеояд (гурӯҳи кории Б, 26 апрели с. 1993).

7. Маҷмӯи муқаррароти марбут ба демократия ва амният, ки аз пешниҳодҳои дар ҷаласаи махсуси Форуми ҶАҲА оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният, аз тарафи Полша, гурӯҳи 15 ва Туркия баёншуда бармеояд (гурӯҳи кории Б, маводҳои чопнашуда, 26 апрели с. 1993).

8. Маҷмӯи муқаррароти марбут ба истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ, ки аз пешниҳодҳои дар ҷаласаи махсуси Форуми ҶАҲА оид ба амният ва ҳамкорӣ, аз тарафи Полша, гурӯҳи 15 ва Туркия баёншуда бармеояд (гурӯҳи кории Б, маводҳои чопнашуда, 26 апрели с. 1993).

9. Ҳуҷҷатҳои корӣ ва истинодҳои Ҳамоҳангсоз марбут ба меъёргирии демократӣ, ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои граҷданӣ, инчунин ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ (16 декабри с. 1993).

10. Ҳуҷҷатҳои корӣ ва истинодҳои Ҳамоҳангсоз оид ба назорати қувваҳои мусаллаҳ ва халъи силоҳ (17 январи с. 1994).

11. Ҳуҷҷатҳои кории Ҳамоҳангсоз ва истиноди марбут ба ҳамкории иқтисодӣ, ҷойгиркунии қӯшунҳо, ҳудудҳо, рушди тадриҷии сулҳҷӯёнаи давлатҳо, ҳамкории минтақавӣ ва ҳамсарҳад ва муҳити атроф (18 январи с. 1994).

12. Ҳуҷҷатҳои кории Ҳамоҳангсоз ва истиноди марбут ба пешгирии муноқиша, идоракунии бӯҳронҳо, амалиётҳои сулҳҷӯёна ва рисолатҳои дигар (4 феврали соли 1994).

13. Ҳуҷҷатҳои корӣ ва истинодҳои марбут ба чорабиниҳои башардӯстона, назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ, қӯшунҳои

ғайримунтазам ва истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ (10 феврали с. 1994).

14. Ҳуҷҷатҳои кории Ҳамоҳангсоз ва истинодҳои марбут ба амнияти дохилӣ, вазъияти фавқуллода, тасдиқи меъёрҳои мавҷуда ва механизмҳои татбиққунӣ (18 феврали с. 1994).

15. Як қатор ҳуҷҷатҳое, ки ба 37 банд алоқаманданд (11 марти с. 1994).

16. Ҳуҷҷат-тақризи Ҳамоҳангсоз, ки аз пешниҳодҳо оиди ҷудонопазирии амният ва амнияти пурвусъат иборат аст (Ҳуҷҷати 84 аз 19 апрели с. 1994).

17. Меморандуми Ҳамоҳангсоз ба ҳамаи ҳайатҳои намояндагони Форуми ҶАҲА оид ба амният ва ҳамкорӣ, ки баъди маҷлиси кушоди «Дӯстони Ҳамоҳангсоз», тартиб дода шудааст (Ҳуҷҷати 136 аз 28 апрели с. 1994).

18. Меморандуми Ҳамоҳангсоз ба ҳамаи ҳайатҳои намояндагони Форуми ҶАҲА оид ба амният ва ҳамкорӣ, ки баъди маҷлиси кушоди «Дӯстони Ҳамоҳангсоз», тартиб дода шудааст (Ҳуҷҷати 141 аз 29 апрели с. 1994).

19. Ҳуҷҷат-тақризи Ҳамоҳангсоз оид ба ҳуқуқи мустақили давлатҳо дар соҳаи амният (Ҳуҷҷати 171 аз 5 маи с. 1994).

20. Ҳуҷҷат-тақризи Ҳамоҳангсоз оид ба ҳуқуқи мустақили давлатҳо дар соҳаи амният (Ҳуҷҷати 188 аз 9 маи с. 1994).

21. Маърӯзаи мақомии Ҳамоҳангсоз (Ҳуҷҷати 262 аз 25 маи с. 1994).

22. Пешниҳодҳои Ҳамоҳангсоз оид ба амнияти коллективӣ ва ҳамбастагӣ дар заминаи ҳуқуқи худмудофиакунӣ (Ҳуҷҷати 302 аз 1 июни с. 1994).

23. Матни пешакии ҷамъбастшудаи Кодекси одоб: хониши 3-юм (Ҳуҷҷати 319 аз 6 июни с. 1994).

24. Тақризи ҳамоҳангӣ оид ба назорати сиёсии демократии қувваҳои мусаллаҳ (Ҳуҷҷати 337 аз 8 июни с. 1994).

25. Тақризи ҳамоҳангӣ оид ба назорати сиёсии демократии қувваҳои мусаллаҳ (Ҳуҷҷати 465 аз 4 июли с. 1994).

26. Матни пешакии ҷамъбастшудаи Кодекси одоб: хониши 4-ум (Ҳуҷҷати 551 аз 22 июли с. 1994).

27. Тақризи ҳамоҳангӣ оид ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳо дар соҳаи амният: истиқлолият ва тамомияти арзӣ, инчунин худдорӣ намудан аз истифодаи таҳдид ё қувва (Ҳуҷҷати 715/94 аз 14 сентябри с. 1994).

28. Тақризи ҳамоҳангӣ оид ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳо дар соҳаи амният: истиқлолият ва тамомияти арзӣ, худдорӣ намудан аз истифодаи таҳдид ё қувва, инчунин тамомияти ҳудудҳо (Ҳуҷҷати 727 аз 19 сентябри с. 1994).

29. Иловаҳо ба хониши чоруми матни пешакии Кодекси одоб аз тарафи Ҳамоҳангсоз (Ҳуҷҷати 766/ 94, сана надорад).

30. Тақризи ҳамоҳангӣ оид ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳо дар соҳаи амният (Ҳуҷҷати 810/94 аз 29 сентябри с. 1994).

31. Пешниҳодҳои пешакии Ҳамоҳангсоз оид ба назорати қувваҳои мусаллаҳ (Ҳуҷҷати 936/94 аз 20 октябри с. 1994).

32. Тақризи Ҳамоҳангсоз оид ба назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ (Ҳуҷҷати 954/94 аз 24 октябри с. 1994).

33. Хониши панҷуми матни пешакии Кодекси одоб ва таҷдиди назари шашуми бахш оид ба назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ (Ҳуҷҷати 959/94 аз 25 октябри с. 1994).

34. Қаринаи манзуршудаи Кодекси одоб дар моҳи ноябр (Ҳуҷҷати 1015/94 аз 4 ноябри с. 1994).

35. Қаринаи ноябрии Кодекси одоб (Ҳуҷҷати 1027/94 аз 4 ноябри с. 1994).

36. Матни Ҳамоҳангсоз ба раиси Форуми ҶАҲА оид ба амният ва ҳамкорӣ, ки аз қаринаи ноябрии Кодекси одоб иборат аст (Ҳуҷҷати 1028/94 аз 4 ноябри с. 1994).

37. Тақриз ва пешниҳодҳои Ҳамоҳангсоз оид ба истифодаи қувваҳои мусаллаҳ (10 ноябри с. 1994).

38. Тақризи Ҳамоҳангсоз, ҳуҷҷати корӣ оид ба назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ (11 ноябри с. 1994).

39. Тақризи Ҳамоҳангсоз оид ба назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ (14 ноябри с. 1994).

39. Тақризи Ҳамоҳангсоз оид ба назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ (15 ноябри с. 1994).

40. Тақризи Ҳамоҳангсоз оид ба назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ (15 ноябри с. 1994).

41. Тақризи Ҳамоҳангсоз оид ба назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ (15 ноябри с. 1994).

42. Матни мураттабшудаи Кодекси одоб: Тақризи Ҳамоҳангсоз (23 ноябри с. 1994).

43. Матни мураттабшудаи Кодекси одоб: Тақризи Ҳамоҳангсоз (1 декабри с. 1994).

44. Матни мураттабшудаи Кодекси одоб: Тақризи Ҳамоҳангсоз (2 декабри с. 1994).

**Сарчашмаҳои ёрирасон**

Дин, Йонатан: «Кодекси одоби САҲА марбут ба ҷанбаҳои низомӣ-сиёсии амният: щояи хуби қаноатмандона амалишаванда ва номутобиқ ба ҳаёт», ҳисоботи ҳарсолаи САҲА, ҷилди 1-2, с. 1995-1996, саҳ. 291-297.

Гебали, Виктор-Ив: «Таҳлили Кодекси одоби САҲА марбут ба ҷанбаҳои низомии амният». Муаммоҳо дар идоракунии мақомоти амният. Зери таҳрири Хейнер Хенгги ва Теодор Х. Винклер (нашри китоб дар соли 2004 ба нақша гирифта шудааст).

Гебали, Виктор-Ив: «Иловаи меъёрии САҲА ба назорати демократии қувваҳои мусаллаҳ: арзишнокии Кодекси одоби марбут ба ҷанбаҳои низомии амният с. 1994» – дар роҳи ислоҳоти мақомоти амният дар Аврупо баъди ҷанги сард». Таҳлили қолабӣ. Зери таҳрири Вилгелм Герман ва Тимоти Едмундс (нашри он соли 2004 дар назар аст).

Хенниг, Ортвин: «Кодекси одоби марбут ба ҷанбаҳои низомӣ-сиёсии амният», Ҳисоботи ҳарсолаи САҲА, ҷилди 1-2, с. 1995-1996, саҳ. 273-289.

Лукас, Майкл Р.: «Ҷанг дар Чечня ва Кодекси одоби САҲА», Хелсинки Монитор, нашри 6, с. 1995, рақами 2, саҳ. 32-42.

Ноой, Герт де (ред.) Амнияти коллективӣ, САҲА ва Кодекси одоби он, Нашрияи Клювер Ло Интернешнл, Гаага, с. 1996, 158 саҳ.

Терпстра, Риенк: «Кодекси одоби САҲА. Муқарраркунии стандартҳо дар соҳаи низомӣ-сиёсӣ», Хелсинки Монитор, нашри 7, с. 1996, рақами 1, саҳ. 27-41.

НАШРИ МАВОДИ МАЗКУР БО ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ МУДИРИЯТИ СИЁСАТИ БЕХАТАРӢ (SIPOL), ДЕПАРТАМЕНТИ ФЕДЕРАЛИИ ШВЕЙТСАРИЯ ОИД БА МУДОФИА, МУДОФИАИ ШАҲРВАНДӢ ВА ВАРЗИШ АМАЛӢ ШУДААСТ.
THE PUBLICATION OF THIS BOOK HAS BEEN FUNDED BY THE DIRECTORATE FOR SECURITY POLICY (SIPOL) - SWISS FEDERAL DEPARTMENT OF DEFENSE, CIVIL PROTECTION AND SPORTS.

НДҚМ (DCAF)

МАРКАЗИ ЖЕНЕВАГИИ НАЗОРАТИ ДЕМОКРАТӢ АЗ БОЛОИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ (НДҚМ) ФОНДИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БУДА, СОЛИ 2000 БО ТАШАББУСИ ҲУКУМАТИ ШВЕЙТСАРИЯ ТАЪСИС ДОДА ШУДААСТ. ДАР ФАЪОЛИЯТИ ХУД НДҚМ ДИҚҚАТИ АВВАЛИНДАРАҶАРО БА СОҲАҲОИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ СОХТОРИ БЕХАТАРӢ ВА ИСЛОҲОТИ СОХТОРИ БЕХАТАРӢ МЕДИҲАД. ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ БА ДАСТГИРИИ ТАЪСИСИ ОН СОХТОРҲОИ БОСАМАР ВА БЕСАРФАИ БЕХАТАРӢ, КИ БА ДАВЛАТ ВА ШАҲРВАНДОН ҲИСОБОТДИҲАНДААНД, АСОС ЁФТА, ДАРК МЕКУНАД, КИ БЕХАТАРӢ, ПЕШРАВӢ ВА ВОЛОИЯТИ ҲУҚУҚ ИН ЗАМИНАИ ҶУДОНОПАЗИРИ СУЛҲИ УСТУВОР БА ҲИСОБ МЕРАВАНД.

НДҚМ БО ПРИНСИПҲОИ БЕДАХОЛАТӢ, БЕҒАРАЗӢ, ИДРОКИ ГЕНДЕРӢ ТАКЯ КАРДА ҶАВОБГАРИИ ҲАМКОРОН ДАР ҶОЙҲО ҲАМЧУН  АСОС БАРОИ ДАСТГИРИИ ҚОНУНӢ ВА МАҚСАДНОКИ РАВАНДҲОИ ИСЛОҲОТӢ БАРОМАД МЕКУНАНД.

ДАФТАРИ АСОСИИ НДҚМ ДАР ЖЕНЕВА, ШВЕЙТСАРИЯ ҚАРОР ДОРАД. МАРКАЗ ДОРОИ НАМОЯНДАГИҲОИ ДОИМӢ МЕБОШАД, КИ ОНҲО ДАР БЕЙРУТ, БОЮССЕЛ, ЛЮБЛЯНА, РАМАЛЛА, ТРИПОЛИ ВА ТУНИС ҚАРОР ДОРАНД. АЙНИ ЗАМОН АЪЗОЁНИ ФОНДИ НДҚМ 61 ДАВЛАТ ВА 6 МУШОҲИД АЗ ТАМОМИ ДУНЁ МЕБОШАНД.

ДКВС

ЖЕНЕВСКИЙ ЦЕНТР ДЕМОКРАТИЧЕСКОГО КОНТРОЛЯ НАД ВООРУЖЕННЫМИ СИЛАМИ (ДКВС) ЯВЛЯЕТСЯ МЕЖДУНАРОДНЫМ ФОНДОМ, СОЗДАННЫМ В 2000 Г. ПО ИНИЦИАТИВЕ ШВЕЙЦАРСКОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА. В СВОЕЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ДКВС УДЕЛЯЕТ ПЕРВОСТЕПЕННОЕ ВНИМАНИЕ СФЕРАМ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ СЕКТОРОМ БЕЗОПАСНОСТИ И РЕФОРМИРОВАНИЯ СЕКТОРА БЕЗОПАСНОСТИ. РАБОТА ЦЕНТРА В ПОДДЕРЖКУ СОЗДАНИЯ ЭФФЕКТИВНЫХ И НЕЗАТРАТНЫХ СЕКТОРОВ БЕЗОПАСНОСТИ, ПОДОТЧЁТНЫХ ГОСУДАРСТВУ И ЕГО ГРАЖДАНАМ, ОСНОВЫВАЕТСЯ НА ОСОЗНАНИИ ТОГО, ЧТО БЕЗОПАСНОСТЬ, РАЗВИТИЕ И ВЕРХОВЕНСТВО ПРАВА ЯВЛЯЮТСЯ НЕОТЪЕМЛЕМЫМИ ПРЕДПОСЫЛКАМИ ПРОЧНОГО МИРА.

ДКВС РУКОВОДСТВУЕТСЯ ПРИНЦИПАМИ НЕЙТРАЛИТЕТА, НЕПРЕДВЗЯТОСТИ, ГЕНДЕРНОЙ ВОСПРИИМЧИВОСТИ И ОТВЕТСТВЕННОСТИ ПАРТНЕРОВ НА МЕСТАХ В КАЧЕСТВЕ ОСНОВАНИЯ ДЛЯ ПОДДЕРЖКИ ЛЕГИТИМНЫХ И ЦЕЛЕНАПРАВЛЕННЫХ ПРОЦЕССОВ РЕФОРМ.

ГЛАВНЫЙ ОФИС ДКВС РАСПОЛОЖЕН В ЖЕНЕВЕ, ШВЕЙЦАРИЯ. У ЦЕНТРА ЕСТЬ ПОСТОЯННЫЕ ПРЕДСТАВИТЕЛЬСТВА В БЕЙРУТЕ, БРЮССЕЛЕ, ЛЮБЛЯНЕ, РАМАЛЛЕ, ТРИПОЛИ И ТУНИСЕ. В НАСТОЯЩЕЕ ВРЕМЯ ЧЛЕНАМИ ФОНДА ДКВС ЯВЛЯЮТСЯ 61 ГОСУДАРСТВО И 6 ПОСТОЯННЫХ НАБЛЮДАТЕЛЕЙ СО ВСЕГО МИРА.